**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД- 321.01+323 (575.3)**

**САИДЗОДА ДИЛШОД САИД**

# САМТҲОИ АСОСӢ ВА ТАМОЮЛҲОИ ТАҲИЯИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии**

**номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси**

**23.00. 02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

**Роҳбари илмӣ:** доктори
илмҳои сиёсӣ, дотсент
Шарифзода Л.Ш.

**Душанбе - 2025**

| Т-р | **М У Н Д А Р И Ҷ А** | САҲ. |
|---|---|---|
| | НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО | 3 |
| | МУҚАДДИМА | 4-11 |
| | ТАВСИФИ УМУМИ ТАҲҚИҚОТ | 12-20 |
| **БОБИ I.** | **МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ РАВАНДИ ТАҲИЯИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ** | |
| 1. | Сиёсати давлатӣ: моҳият, хусусиятҳо ва инкишофи таълимот | 21-52 |
| 2. | Принсипҳо ва методҳои таҳияи сиёсати давлатӣ: афзалиятҳо ва норасогиҳои онҳо | 53-67 |
| 3. | Хосиятҳои асосии инкишофи сиёсати давлатӣ дар шароити ҳозира | 68-77 |
| **БОБИ II.** | **ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ НИЗОМИ ТАҲИЯИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР** | |
| 1. | Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ва амалӣ намудани онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 78-106 |
| 2. | Мақом, нақш ва вазифаҳои ниҳодҳои давлатӣ дар таҳия ва амалисозии сиёсати давлатии Тоҷикистон | 107-132 |
| 3. | Масъалаҳо ва пешомади инкишофи сиёсати давлатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон | 132-150 |
| | ХУЛОСА ..................................................................... | 151-160 |
| | РӮЙХАТИ АДАБИЁТ............................................. | 161-176 |
| | ИНТИШОРОТ АЗ РУЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ ..................................................... | 177-179 |

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

БК - Британияи Кабир

ҶФГ- Ҷумҳурии Федеративии Германия

ҶФ - Ҷумҳурии Франсия

ҶМЧ - Ҷумҳурии мардумии Чин

МЗС- «Материали зерсистемаи сиёсӣ»

МС - Менеҷменти сиёсӣ

КҶТ - Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

КОҶТ - Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

КМҶМ - Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Дар шароити ҳозираи инкишофи ҷомеа сиёсати давлатӣ ва масъалаҳои гуногуни он аҳаммият ва ҷойгоҳи хоссаро касб намудааст. Махсусан, масъалаҳои раванди таҳия, баланд намудани самаранокӣ ва сифати сиёсати давлатӣ самти афзалиятноки таҳқиқотҳои илмие ба ҳисоб мераванд, ки натиҷа ва оқибатҳои онҳо низоми идоракунии давлатиро муайян менамоянд. Мақом ва нақши сиёсати давлатӣ дар ҳаёти ҷомеа, давлат ва инсони мушаххас раванди объективӣ ва легитимие мансуб мегардад, ки бисёре аз масъалаҳои дигари инкишофи умумӣ аз онҳо бармеоянд ва ё бо онҳо пайвасти ногусастанӣ доранд. Фақат ёдовар шудани таъмин ва инкишофи ягонагии ҳокимиятии муносибатҳои ҷамъиятӣ кифоя аст, ки моҳияти сиёсати давлатӣ ва мақоми онро дар рушди чунин муносибатҳо муайян ва мушаххас гардонем. Зеро бе таъсири сиёсати давлатӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба фаъолияти инсон ва пайвасти қавии онҳо мавҷудият ва фаъолияти самараноки тамоми ниҳодҳо ва сохторҳои давлатӣ монеаҳо ва мушкилиҳои зиёдеро пайдо менамоянд.

Хусусиятҳо ва аҳаммияти муҳимми сиёсати давлатиро дар низоми инкишофи давлат, ҷомеа, ва инсони муосир ба эътибор гирифта, дар давлатҳои сатҳи гуногуни рушд ба раванди таҳияи сиёсати давлатӣ ва муайян намудани тамоюлоти инкишофи самтҳои асосии он таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Сиёсати давлатӣ дар танзим ва таъмини рушди мутаносиби тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат намуда, махсусан дар раванди идоракунии сиёсии ҷомеа мақоми махсусро касб менамояд. Аз ин ҷост, ки дар мамлакатҳои пешрафта, аз ҷумла дар ИМА, Япония, Британияи Кабир, Ҷумҳурии Федеративии Германия, Ҷумҳурии Франсия, Ҷумҳурии мардумии Чин ва мамлакатҳои дигар ба масъалаи таҳияи сиёсати давлатӣ ва татбиқи воқеии он диққати махсус медиҳанд.

Сиёсати давлатӣ сарчашмаи муҳимтарини пешрафти ҷомеа ва воситаи асосии сафарбарнамоии тамоми неруҳои ҷамъиятӣ барои ҳалли

масъалаҳои гуногуни ҳаёти инсон ва ҷомеа ба шумор меравад. Мутахассисон ва доираҳои ҳукмрон ва тамоми элитаи сиёсӣ ба он мекӯшанд, ки дар таҳким ва такмили сиёсати давлатӣ ҳамчун барандаи асосии рушди ҷомеа мақоми бевоситаро пайдо намоянд ва аз натиҷаҳо ва оқибатҳои он дар доираи манфиатҳои оммавӣ ва гурӯҳӣ истифода намоянд. Аз ин ҷост, ки дар чунин ҷомеаҳои пешрафта ба масъалаҳои таҳқиқи назариявӣ, муайян намудани асосҳои методологӣ ва раванди дар ҳаёти воқеӣ истифода намудани натиҷаҳои он диққати махсус медиҳанд. Раванди таҳияи сиёсати давлатӣ ва муайян намудани тамоюлоти инкишофи он ҳамчун воситаи муҳимтарини идоракунии муосир мавриди маблағгузориҳои мақсаднок гардида, натиҷаи фаъолиятҳои илмию таҳқиқотӣ ба тарзи доимӣ ва ҳамешагӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

Сиёсати давлатӣ ва раванди таҳия ва татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар доираи арзишҳо ва принсипу меъёрҳое ба амал баровардa мешаванд, ки дар доираи манфиатҳои миллӣ ва рушди низоми давлатдории миллӣ воқеият пайдо менамоянд. Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон роҳи ислоҳотҳои соҳаҳои гуногуни ҷамъиятиро пеш гирифта, сиёсати давлатӣ ва рушди бевоситаю ҳамаҷонибаи онро вазифаи муҳимтарин меҳисобад. Ба сиёсати давлатӣ ҳам дар сатҳи муносибати универсалӣ ва ҳам дар сатҳи соҳавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро ҳамчун воситаи муҳимтарин ва асосии ҳалли масъалаҳои инкишофи ҷомеа ва низоми идоракунии самаранок мансуб медонанд. Маҳз сиёсати давлатӣ восита ва унсури муҳимми таҳия ва ба амал баровардан барномаҳои махсуси сиёсӣ дар амалӣ намудани ислоҳати соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ дониста мешавад. Он унсури меҳварии ислоҳоти идоракунии сиёсии ҷомеа ва ташаккулу инкишофи мутаносиб он мансуб мегардад.

Давраи нави давлатдории миллӣ дар Тоҷикистон бо ташаккули сохторҳо ва ниҳодҳои нави давлатӣ ва дигаргуншавии фаъолияти

мақомоти ҳокимияти давлатӣ оварда расонидааст. Гузариш ба иқтисодиёти нав, ки низоми бозор ва тиҷорат асоси онро ташкил медиҳанд, ба ташаккули сохторҳои давлатӣ ва мақомоти мухталифи онҳо таъсири муайянкунанда расонида, ҳолати нави муносибатҳоро дар ҷомеаи сифатан нав ба вуҷуд оварданд. Чунин вазъият ба фаъолияти гуногуни одамон, ниҳодҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои ғайриҳукуматӣ таъсири амиқ расонидаанд. Сиёсати давлатӣ дар доираи талаботҳо ва дархостҳои ҷомеаи навин рушд ёфта, мақоми хоссаро касб гардонид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти низоми идоракунии давлатиро идома дода истодааст. Ин раванд қисми таркибии маҷмуи ҷорабиниҳо дар самти бунёди давлати пурқувват ва рақобатпазир ба ҳисоб меравад. Чунин ҳолати сифатан нави инкишофи ҷомеа сиёсати давлатии ба худ мувоффиқро талаб менамояд. Зарурати воқеии бозсозии тамоми таркиботи сиёсати давлатӣ, бунёди низоми наве пайдо шуд, ки метавонад ба таҳдид ва хатарҳои ҷойдошта ҷавобгӯ буда, равандҳои ҷамъиятиро новобаста аз шакли зуҳурашон назорат намояд ва такмилу таҳким бахшад.

Ҳоло зарурати омӯзиш ва баррасии илмии ташаккули сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлил ва баҳогузории он ба яке аз вазифаҳои муҳимми таҳқиқоти илмӣ мубаддал гардидааст. Маҳз, чунин зарурат интихоби мавзуи мазкурро ҳамчун масъалаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян намудааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар мавриди сиёсати давлатӣ, самтҳои асосӣ ва тамоюлоти инкишофи он дар таърихи таълимоти сиёсӣ, махсусан, дар давраи муосири инкишофи ҷомеа вобаста ба зарурати инкишоф назарҳои гуногун иброз гардидаанд. Маводи зиёди назариявӣ ва амалии таҳқиқи сиёсати давлатӣ мавҷуданд, ки паҳлуҳои гуногуни масъалаи мазкурро мавриди омӯзиш, таҳлил ва натиҷагириҳо қарор додаанд. Бо назардошти муҳиммият, хусусиятҳои гуногуну васеъро касб намудани сиёсати давлатӣ новобаста аз макон ва давраи амал адабиёт ва

сарчашмаҳои истифодашударо ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо намудан барои дарку фаҳми дурусти масъала мусоидат менамояд.

**Ба гурӯҳи аввал** осори муҳаққиқонеро ворид намудан лозим аст, ки бештар ба масъалаҳои назариявию методологӣ таваҷҷуҳ намуда, кӯшиши дарки амиқи мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои асосии раванди таҳияи сиёсати давлатӣ ва истифодаи самараноки онро ба харҷ додаанд [12, 19, 21, 32, 33, 35, 156, 40, 42, 44, 48, 68, 70, 71, 74, 90, 94, 100, 134, 139].

Дар доираи чунин таълимот меарзад, ки пеш аз ҳама, ба таълимоти Арасту рӯ оварем [19, 79]. Дар таълимоти ӯ масъалаи асосиро худи сиёсат, навъҳо ва хелҳои гуногуни он, зарурат ва муҳиммияти он дар раванди идораи давлатӣ ва корҳои дигари ҷомеа ташкил менамояд. Назари Арасту ба сиёсат, сиёсатофаринӣ, истифодаи сиёсат ҳамчун омили муҳимтарини рушди ҷомеа ва оқибат натиҷаҳои охирини рушди ҷомеаи муташаккил будани он таваҷҷуҳи махсусро талаб дорад. Ба мисли Арасту муҳаққиқеро пайдо кардан осон нест, ки сиёсат ва ҳаёти сиёсиро бо тамоми мураккабиҳо ва печидагиҳояш мавриди таҳқиқ қарор дода бошад. Асарҳои Арасту сарчашмаи боэътимодтарин мансуб гардида, ҳамтоҳои хешро пайдо накарда, аҳаммияти барҷастаи омӯзишӣ ва таҳлилию хулосагириҳоро доро гардидаанд. Махсусан, Арасту ба масъалаҳои фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ҳамчун унсурҳои идоракунӣ, ки ба ҷамъоварии андозҳо, нигоҳ доштани тартибот, таъмини некуаҳволии шаҳрҳо, танзими моҷароҳо байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ равона гардида буд, диққати махсус додааст. Ғояи нафъи умумӣ ва фаъолияти давлатию идоракунӣ дар таълимоти ӯ ба таври пайваста ва доимӣ инкишоф ёфтааст.

Дар афкори Афлотун лоиҳаи ормонии бунёди давлат пешниҳод гардидааст. Ғояҳои Афлотун ба бунёди давлат ва ҷомеаи ғоявӣ равона шудаанд, ки дар асарҳои "Давлат" ва "Қонунҳо" баён гардидаанд [117, с, 65].

Ин зумра муҳаққиқон ва сиёсатмадорон кӯшиш намуданд, ки тарҳи назариявии полиси идеалиро бунёд намоянд. Ба коркарди сохтори

ҷамъиятӣ ва давлатӣ машғул гардидаанд, лекин натавонистанд аз доираи тасаввурот оид ба давлат ҳамчун полис берун оянд. Аммо дар маркази назари онҳо масъалаи дарёфти ҳалли масъалаҳо ва рушди ҷомеа қарор доштанд. Яъне, дар асарҳои онҳо бевосита сухан дар мавриди тавассути сиёсат ва навъҳои мухталифи он инкишоф додани ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятӣ меистанд.

**Ба гурӯҳи дуюм** асарҳои муҳаққиқоне ворид гардидаанд, ки бевосита сиёсат ва зуҳуроти мухталифи онро мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор доданд [10, 11, 16, 37, 41, 61, 57, 69, 95, 107, 129, 134, 116, 146, 112, 89].

Онҳо сиёсатро дар маъниҳои гуногун мефаҳманд. Фаҳми муқаррарии сиёсат аз ибтидо то ба ҳоло чандон тағйир наёфтааст: сиёсатро ҳамчун фаъолияти инҳисории давлат, ҳамтои идоракунии давлатӣ медонистанд

Дар чунин маъниҳо дар таърихи таълимоти сиёсӣ андешаҳо кам нестанд; сиёсатро дар маънои зӯрӣ фаҳмида, онро воситаи тарсонидани на танҳо одамон, балки ниҳодҳои гуногуни ҷомеа медонистанд. Сиёсатро ба сифати омили азобу шиканҷаи одамон тавсиф намудаанд.

Аз гурӯҳи мазкури муҳаққиқон таваҷҷуҳро бештар Н.Макиавелли ба худ мекашад. Ӯ муаллифи яке аз лоиҳаҳои машҳури сиёсати давлатӣ аст, ки ташаккул ва рушди давлати қудратмандро воситаи муҳимтарин инкишофи ҷомеа ва тамоми инсоният медонад. Дар рисолаи “Подшоҳ” паҳлуҳои мухталифи сиёсати давлатиро мавриди таҳлил ва хулосагириҳо қарор додааст. Ӯ сиёсатро ҳамчун омили асосии идоракунӣ тавсиф намудааст. Тамоми раият бояд ба давлат ҳисси меҳру муҳаббат ва тарс дошта бошанд. Давлат, дар навбати худ, амният ва моликияти онҳоро ҳифз менамояд [100, с, 520].

**Ба гурӯҳи сеюм** асарҳои олимон дохил мегарданд, ки сиёсатро ба таври мақсаднок омӯхта, хосиятҳои асосии онро шарҳ дода, онро ҳамчун воситаи муҳимтарини идоракунии ҷомеа тавсиф менамоянд.

Дар бештарин ҳолатҳо, М.Г.Анохин, В.Г.Афанасев. Н.Винер, К. Маркс, М. Вебер, В. Вилсон, Ф. Гудноу, Д. Г. Алмонд, Д. Истон, Т.

Парсонс, К. Ясперс, Ф.У. Тейлор, А. Файол, Л. Уайт, Ч. Баднар, Г. Саймон, Д. Уалдо, М. Крозе, П. Друккер, У. Нисканен, Э. Далшир, Ҷ. Марч, Й. Ослон, Д. Осборн, Т. Гэблер ва дигарон ба сиёсат чунин муносибатро ихтиёр намудаанд [18, 31, 54, 102, 52, 50, 207, 53, 200, 15, 196, 199, 204, 151, 137, 9, 203, 139, 140]. Бахусус, масъалаҳои муносибати сиёсат, пеш аз ҳама, сиёсати давлатӣ ба ҳокимият, муносибат бо бюрократия ва самаранокии фаъолиятҳои акторҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар маркази таваҷҷуҳи онҳо қарор гирифта буданд.

**Гурӯҳи дигари муҳаққиқон**, ки бештар ба масъалаҳои амалии сиёсат ҳамчун системаи идоракунӣ рӯ овардаанд Г.В. Атаманчук, М.Г. Анохин, И.А. Василенко, Н.И. Глазунов, В.Д. Граждан, Г.В. Голосов, 3.М. Зотов, А.А. Калинен, Д. Г., Красильников, В. Колесников, В.С. Комаровский, Е.Г. Морозов, Е.В. Охотский, Г. В. Пушкарева, О.Е. Петрунин, В.М.Родачин, О. В. Сивинцева, Л. В.Сморгунов, С.В. Сытин, Е. А. Троицкая, О.Ф.Шабров ва дигарон мебошанд [29, 26, 25, 24, 59, 66, 65, 109, 131, 130, 132, 63, 46, 114, 17, 88, 165, 78, 148, 105, 110, 121, 87, 175, 166, 167, 135]. Онҳо масъалаҳои муҳим, аз қабили назария ва амалияи система, принсипҳои он, механизм ва қонунияти фаъолияти низоми идоракунӣ, ҷанбаҳои ташкилию сиёсӣ ва фаъолияти идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, таҳқиқоти муқоисавии идоракунии давлатӣ, таҳлили моҳият, сохтор, механизмҳои идоракунии сиёсӣ, таъсири мутақобилаи субъект ва объекти идоракунӣ, мақом ва ҷойгоҳи менеҷменти сиёсӣ дар раванди идоракунӣ мавриди баррасию хулосагириҳои илмӣ қарор додаанд.

**Гурӯҳи панҷуми** муҳаққиқонро олимони ватанӣ ташкил менамоянд. Онҳо ҷанбаҳои гуногуни ташаккул ва рушди идоракунии сиёсӣ ва мақому ҷойгоҳи сиёсат ва унсурҳои мухталифи сиёсиро дар шароити соҳибистиқлолии кишвар мавриди омӯзиш қарор додаанд. Дар адабиёти сиёсии ватанӣ оид ба муносибатҳои байниҳамдигарии сиёсат ва идоракунии сиёсӣ таҳқиқотҳои мухталиф таҳия гардидаанд. Паҳлуҳои гуногуни масъаларо Г.Н.Зокиров, С.Ятимов, М.Хидирзода,

Ҳ.Нуриддинов, Ш.Каримов, А.Ғафурзода, К.Олимов, А.Достиев, С.Фаттоев, Ҷ.З. Маҷидзода, Х.Усмон-зода, Х.М.Зиёӣ, Т.Фозилов, А.Имомов, Р.Сотиволдиев, М.Маҳмудзода, Б.Ҳ.Раззоқов, Ҷ.Н. Ҷамшедов, К.М. Каримов, Д.Муллоев, Б. Ализода ва дигарон мавриди таҳлил ва хулосагирӣ қарор додаанд [77, 75, 152, 143, 108, 176, 81, 122, 174, 83, 14,].

Г.Н. Зокиров масъалаҳои сиёсати давлатӣ ва идоракуниро дар шароити Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додааст [161, с, 98]. Ӯ таъкид менамояд, ки хусусияти асосии режими сиёсӣ имконияти дар заминаи кадоме аз ин асосҳои таълимотию идеологӣ таҳияи сиёсати давлатӣ ва ташаккули раванди идоракуниро муҳайё менамояд. Ӯ масъалаи мазкурро аз назари масъалаҳои вобаста ба ташаккули системаи сиёсӣ ва давлат баррасӣ ва таҳлил намуда, самаранокии системаи сиёсиро "амали рӯзмарра" маънидод менамояд. Вобаста ба ин муаллиф қайд мекунад, ки "агар иҷрои вазифаҳо, таъмини ягонагӣ ва худмухторӣ аз ҷомеа, муносибати мавзун бо муҳит риоя гарданд, он гоҳ раванди самаранокӣ халалдор намегардад" [77, с, 352].

Профессор С. Ятимов ба масъалаи сиёсати давлатӣ дар доираи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти миллию давлатӣ муносибат намуда, ба тақвияти мавқеи субъекти сиёсат – шахс, мафкура ва ҷаҳонбинии он, пешгирӣ аз таҳдидҳо тавассути устуворгардонии мафкуравии он, шинохти арзишҳои миллию давлатӣ, коркарди механизмҳои самарабахши идоракунии давлатӣ тавассути истифодаи таҷриба ва анъанаи неки давлатдории аҷдодон ва механизмҳои муосири идоракунӣ диққати ҷиддӣ додааст. Муаллиф вобаста ба таъсири идеология дар раванди идоракунӣ қайд мекунад, ки "онҳо қаноатманд мешаванд замоне, ки бо халқҳои "каммаърифат" ба ибораи дигар содалаҳв дучор меоянд, зеро "вақте ки халқ тирааҳл аст, идора карданаш осон аст" [152, с, 194].

Масъалаҳои мухталифи муносибатҳои байниҳамдигарии сиёсат ва идоракунии давлатӣ, натиҷагириҳои фаъолияти мақомоти идоракунии

сиёсӣ ва маъмурӣ, роҳу воситаҳои беҳтари самаранокгардонии идоракунии давлатӣ дар суханрониҳо, паёмҳо ва асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инъикоси барҷастаи худро пайдо намудаанд. Ӯ мазмун ва моҳияти сиёсати давлатиро асоснок намуда, самтҳои асосии инкишофи онро муайян намудааст. Истифода аз онҳо имконият медиҳанд, ки дар афзалият ва дурнамои рушди муносибатҳои байниҳамдигарии сиёсат ва масъалаҳои мухталифи идоракунӣ хулосаҳои зарурии илмӣ ҳосил гарданд [126, 5, 124, 125, 123, 187, 189, 183, 190].

Новобаста аз оне ки дар шароити муосири рушди таҳлил ва таҳқиқотҳои илмӣ дар масъалаи сиёсати давлатӣ, самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи он асарҳое зиёде таълиф шудаанд, аммо на ҳама масъалаҳои он мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд. Зеро талаботи рӯзафзуни амалияи сиёсӣ, махсусан, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеъ ва назарияи нави муҳаққиқонро талаб доранд. Зиёда аз ин, осори таҳқиқотии мутахассисони ватанӣ то ҳоло имконияти беҳтари рушди сиёсати давлатӣ ва самтҳои ташаккули онро илман ва ҳамаҷониба дар сатҳи зарурӣ асоснок накардаанд. Аз ин хотир, дар доираи кори диссертатсионии мазкур ба таври маҷмуавӣ ташаккул ва инкишофи сиёсати давлатӣ, самтҳои асосӣ ва ҳолатҳои таҳияи онро ба таври мушаххас мавриди натиҷагирӣ қарор хоҳем дод.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи иҷроиши мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав – “Равандҳои сиёсӣ дар замони ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои дохили ва берунӣ” (барои солҳои 2016-2020, 2021-2025) ба анҷом расонида шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқотро** омӯзиш сиёсати давлатӣ, самтҳои асосии он, таҳия ва татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Вобаста ба мақсади асосии рисолаи номзади ҳалли вазифаҳои зерин ба миён гузошта мешаванд:

- таҳқиқи сиёсати давлатӣ ҳамчун раванди муҳим ва барҷаста ва хусусиятҳои инкишофи он дар шароити давраи ҳозираи инкишоф;
- муайян намудани аҳаммият ва зарурати омӯзиши парадигмаҳои гуногун дар бораи сиёсати давлатӣ барои фаҳми амиқи мазмун, моҳият, хосиятҳо ва шароити воқеӣ гаштани раванду ҳодисаҳо;
- муайян намудани хусусиятҳои универсалӣ ва соҳавии сиёсати давлатӣ дар назария ва амалияи муосир;
- муайян намудан ва мушаххас гардонидани принсипҳо, меъёрҳо ва методҳои таҳия ва истифодаи амалии сиёсати давлатӣ;
- таҳқиқи афзалиятҳо ва мушкилию камбудиҳои принсипҳо, арзишҳои асосии сиёсӣ, меъёрҳо ва методҳои сиёсати давлатӣ;
- ошкор намудани хусусиятҳои асосии сиёсати давлатӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи муосир;
- муайян намудан ва ҳамаҷониба таҳлил намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муқаррар намудани мақом, нақш ва вазифаҳои ниҳодҳои давлатӣ дар таҳия ва амалисозии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян намудан ва пешниҳоди тавсияҳо барои ҳалли масъалаҳо ва пешомади инкишофи сиёсати давлатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқоти** мазкурро раванди таҳияи сиёсати давлатӣ, моҳият, хусусиятҳо ва низоми татбиқи он ташкил менамояд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** таҳлил ва баррасии сиёсати давлатӣ, самтҳои асосии инкишоф ва низоми татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамояд.

**Фарзияи таҳқиқот**. Дар тамоми давру замон рушд ва инкишофи ҷомеа ба тарзи идоракунии он ва низоми сиёсии давлатӣ вобаста мебошад. Низоми мукаммали сиёсати давлатӣ ва самтҳои асосии инкишофи он дар шароити имрӯза ҳамчун омили асосӣ ва муҳимми рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ баромад менамояд. Вобаста ба ин парадигмаи тамоюлоти асосии таҳия ва ба амал баровардани сиёсати давлатӣ дар ташаккули системаи махсуси идоракунии сиёсӣ дар ҷомеаи муосир, аз ҷумла дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми муайянкунанда пайдо менамояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** хулосаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ки масъалаҳои гуногуни сиёсати давлатӣ, самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳия ва татбиқи онро мавриди омӯзиш ва таҳлили амиқ қарор дода, таъсирррасонии онро ба соҳаҳои мухталифи рушди ҷомеа таҳқиқ намудаанд, ташкил медиҳанд. Гузориш ва ҳалли масъалаҳои назариявию методологӣ ва амалии таҳия ва инкишофи сиёсати давлатӣ имконияти омӯзиши дақиқи масъаларо дар Тоҷикистон таъмин менамояд.

Дар кори диссертатсионӣ принсипҳо, методҳо ва меъёрҳои мухталифи таҳқиқотӣ истифода шудаанд. Принсипҳо ва методҳои умумиилмӣ ва махсус, методҳои мухталифи илмҳои сиёсӣ, аз ҷумла методҳои системавӣ ва сохториву амалнамоӣ, муқоисавӣ, методи мушоҳида ва баҳогузорӣ ва инчунин методҳои дигаре дар доираи низоми донишҳои синергетикӣ мавриди истифодаи васеъ қарор дода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Объект, предмет ва мақсади таҳқиқот истифодаи методологияи таҳлили сиёсӣ, методҳои системавӣ ва муқоисавиро талаб намудаанд. Чунин сатҳи истифодаи методҳо, принсипҳо ва меъёрҳои таҳқиқотӣ имконият медиҳад, ки сиёсати давлатӣ ҳамчун падидаи умумӣ ва ягона баррасӣ карда шавад. Бахусус, методи

функсионалию таркиботӣ бо мақсади таҳқиқи сиёсати давлатӣ ҳамчун раванди бисёрҷанба, маҷмуавӣ ва бисёрсатҳа, ки унсурҳои сиёсӣ, маъмурӣ, ҳуқуқӣ, техникӣ, кадриро дар бар мегирад, истифода шудааст.

Муносибати ниҳодӣ таҳлили низоми сохтории сиёсати давлатиро ҳамчун актори низоми муносибатҳои иҷтимоӣ пурра менамояд. Он имконият медиҳад, ки мақоми сиёсати давлатиро дар таҳкими системаи сиёсии демократӣ, ҳалли монеаҳо ва мушкилиҳои мухталифи ҷамъиятӣ ошкор шаванд.

Муносибати системавӣ барои дарки амиқи масъалаи таҳқиқ истифода гардидааст. Дар доираи муносибати системавӣ воқеияти ҳамкориҳои акторҳои гуногуни ҷамъиятӣ таҳлил гардида, хусусияти таъсири мутақобилаи онҳо ошкор карда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз мақсад ва вазифаҳои муайяннамудаи муҳаққиқ бармеоянд ва дар он зуҳур мегарданд, ки ба таври маҷмуӣ ташаккул ва инкишофи низоми сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, аз ҷумла:

- сиёсати давлатӣ ба сифати ҳодисаи иҷтимоӣ тавсиф ва таҳлил гардида, мазмун, моҳият, навъ ва шаклҳои он бо тамоми хосиятҳои муҳимаш таҳқиқ гардида, боиси хулосагириҳои мантиқӣ қарор мегирад;

- зарурати пажӯҳиши васеи таълимотҳои мухталифи сиёсати давлатӣ барои фаҳми амиқ ва пурраи моҳияту мазмун ва хусусиятҳои он муқаррар карда мешавад;

- аҳаммияти умумӣ ва ҷойгоҳи махсуси сиёсати давлатӣ дар назария ва амалияи сиёсӣ муайян карда мешавад;

- принсипҳо ва меъёрҳои таҳияи сиёсати давлатӣ муайян ва мушаххас карда шудаанд;

- афзалиятҳо ва норасогиҳои принсипҳо ва меъёрҳои сиёсати давлатӣ ошкор карда шудаанд;

- самтҳои асосии таҳия ва татбиқи воқеии сиёсати давлатӣ дар шароити муосири соҳибистиқлолии Тоҷикистон омӯхта ва нишон дода шудаанд;

- мақом, нақш ва вазифаҳои ниҳодҳои давлатӣ дар таҳия ва амалисозии сиёсати давлатии Тоҷикистон муайян карда шудаанд;

- проблемаҳои асосӣ ва вазифаҳои сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистон муқаррар гардидаанд;

- сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусиятҳои инкишофи он муайян карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**.

- низоми сиёсати давлатӣ унсури муҳимми инкишофи ҷомеа ба ҳисоб меравад. Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи он дар ташаккули мазмун ва шакли на танҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа, балки умуман дар раванди инкишофи ҷомеа аҳаммияти муайянкунандагӣ пайдо менамоянд. Сиёсати давлатӣ унсури асосии идоракунӣ ва воқеияти амалии он ҳамчун падидаи иҷтимоӣ мансуб гардида, бо инкишоф, тағйирпазирӣ, қобилияти касби сатҳҳо ва навъҳои мухталиф дар ҳаракати ҷамъиятӣ фарқ менамояд. Сатҳ ва шаклҳои гуногуни муқаррар намудан, тавсиф ва классификатсияи сиёсати давлатӣ дар доираи мақсад, вазифаҳо ва мазмуни он ба воқеият табдил меёбанд. Яъне, ба таври мақсаднок ва муташаккилона ниҳодҳои давлатӣ аз номи давлат ба системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир расонида, системаи хоси мувофиқоии ҳадафҳо ва самтҳои инкишофро ба вуҷуд меоранд. Мақсади муҳимтарини фаъолиятҳоро ба вуҷуд овардаи системаи томи таъсирррасониҳо ва дигаргун намудани равандҳои ҷамъиятӣ дар ҳудудҳои сохти иҷтимоӣ ташкил менамояд. Сиёсати давлатӣ инъикосгари раванди амалисозии татбиқи система ва имконияти тағйироти онро нишон медиҳанд. Тамоми навъҳои идоракунӣ, новобаста аз умумияти онҳо, на танҳо дар асоси хусусияти объектҳои худ, балки бо мақсадҳо, усулҳо ва мақомотҳои ба онҳо хос фарқ мекунанд;

- дар раванди омӯзиши сиёсати давлатӣ ҳамчун низом, навъҳои гуногуни он, пеш аз ҳама, навъи универсалӣ ва навъи соҳавии сиёсати давлатӣ аҳаммияти муҳимро касб менамояд. Дар шароити имрӯза ҳар яке аз онҳо дорои бартарӣ ва камбудиҳои муайян мебошанд. Қайд намудан зарур аст, ки мувофиқи навъҳои мухталифи сиёсати давлатӣ тасаввуроти муайян оид ба давлати алоҳида пайдо мешавад. Вобаста ба нишондиҳандаҳои навъбандӣ метавон навъҳои мухталифи низоми идоракунии давлатиро ҷудо намуд. Низоми идоракунӣ метавонад демократӣ, тамаддунӣ, авторитарӣ, тоталитарӣ, диктаторӣ ва ғайра бошад. Навъбандиҳои низоми сиёсати давлатӣ дар асоси навъбандиҳои системаи сиёсӣ ва режими сиёсӣ муҳим мебошад. Дар асоси мундариҷа ва усулҳои таъсиррасонии идоракунӣ – идоракунии давлатии сиёсӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва иҷтимоӣ ҷудо карда мешавад;

- ташаккул ва инкишофи системаи сиёсати давлатӣ ба як қатор омилҳо ва воқеияти равандҳои ҷамъиятӣ вобаста аст. Аз ҷумла, дараҷаи инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо ба инобат гирифтани мақом ва нақши умумиятҳои бузурги иҷтимоӣ, сатҳи инкишофи маданияти сиёсӣ, урфу одатҳо ва анъанаҳои одамон, сатҳи диндорӣ ва эътибори эътиқоди динӣ, воқеияти ба амал омадани ҳодисаҳо ва дараҷаи ба эътибор гирифтани онҳо, низоми маъмурию ҳудудӣ ва хосиятҳои муҳими географӣ дар таъсири муассир мерасонанд. Маҳсулнокӣ ва самаранокии сиёсати давлатӣ, пеш аз ҳама, аз таҷассуми он ҳолатест, ки то кадом андоза вай ҳамчун системаи том баромад менамояд. Дар раванди муқаррар намудани чунин ҳолатҳо мақоми муҳимро алоқаҳои бевоситаи вертикалии сатҳи гуногуни ҳокимияти сиёсӣ пайдо менамояд. Ин ягонагии системаи идоракунии давлатиро, ки ба сиёсат ва фаъолияти сиёсии самаранок асос ёфтааст таъмин месозад;

- мақоми сарвари сиёсӣ дар низоми идоракунии давлат дар асоси мухолифатҳои заминавии инкишофи ҷамъиятӣ: хусусияти стихиявии равандҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти бошууронаи инсонӣ муайян карда

мешавад. Дар сиёсати давлатӣ сарварӣ омили муҳим ба ҳисоб меравад, зеро бе ҳузури шахси аввал дигаргуниҳои ҷиддӣ дар ин ё он масъала ғайриимкон аст. Сарвари сиёсӣ бояд стратег бошад, талабот ба сарвар дар низоми сиёсати давлатӣ ва сиёсатҳои соҳавӣ зиёд буда, иҷро намудани онҳо амали мушкил ва мураккаб аст. Дар низоми сиёсати давлатӣ як қатор проблемаҳо пайдо шуданд, ки имконияти ташаккули сарварии нави самаранокро дар системаи сиёсии ҷомеа маҳдуд менамоянд. Дар баланд намудани самараноки намояндагӣ намудани ваколатҳо, мавҷудияти сарварони муваффақ дар ҳар як зинаи низоми сиёсати давлатӣ нақши бузург мебозад. Инчунин зарурати рушди минбаъдаи низоми ҷалби кадрҳо ба соҳаи сиёсати давлатӣ ба нафъи зиёд намудани миқдори роҳбарони касбӣ ва босалоҳият ба миён омадааст;

- дар шароити истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ислоҳоти тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ шуруъ намуданд. Таваҷҷуҳи махсусро проблемаи ислоҳоти система ва тарзи идоракунии давлатӣ ба худ кашидаанд. Инкишофи давлатдории навин сатҳи нави идоракунии давлатии муносибатҳои ҷамъиятиро талаб намуданд. Гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи муосир таъсири муассир бар раванди ташаккул ва инкишофи сиёсати нави давлатӣ нишон доданд ва расониданд. Ислоҳоти самтҳои асосӣ, принсипҳои универсалӣ ва махсус, меъёрҳо ва методҳои сиёсати давлатӣ, бунёди системаи нав, ки қобилияти ҷавоби самаранок гардонидан ба таҳдидҳои ташаккулёбанда доранд, фаъолиятҳо ва амалҳое, ки бештар дар сиёсат ва иқтисодиёт ба вуқуъ меоянд ва хосияти назоратӣ доранд, ба ҳадафи асосӣ ва вазифаҳои рӯзмарраи системаи идоракунӣ табдил меёбанд;

- ҳоло низ дар шароити Тоҷикистон ислоҳоти системаи идоракунии ҷомеа давом намуда истодааст. Такмили минбаъдаи низоми идоракунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, аз сатҳи амалӣ гардидани сиёсати кадрӣ дар ҷобаҷогузории кадрҳо ва умуман, ба

самтҳои асосии рушди сиёсати давлатӣ ва низоми татбиқи он вобаста мебошад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Ҳангоми таҳқиқ ва таҳлили васеи масъалаҳои кори диссертатсионӣ, асосан ба нуктаҳои асосию муҳими таҳқиқоти назариявию методологӣ ва амалии муҳаққиқони илмҳои сиёсӣ, олимони соҳаҳои дигари донишҳои гуманитарию иҷтимоӣ ва системаи дигари донишҳои замони муосир таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Онҳо ба масъалаҳои гуногуни мавзуи кори диссертатсионӣ пайвасти воқеӣ дошта, ҳамчун донишҳои эътироф шуда эътибори хоссаро пайдо намудаанд. Дар бештари чунин манбаъҳои таҳқиқотӣ ва рӯовариҳои назариявию арзишӣ ва аҳаммияти амалидошта системаи инкишофи самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ва сатҳи фаъолнокию самаранокии иштирокчиёни он инъикоси худро пайдо намудаанд. Ҳамчун унсури тарзи муносибати методологӣ дар рафти пажӯҳиш аз муносибатҳои маъмули бахши мазкури илмҳои сиёсӣ ва илмҳои ҳамҷавор ба таври васеъ истифода гардидааст, аҳаммияти назариявию методологии масъала ва дарёфти роҳу воситаҳои ҳалли онро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мешуморад.

Дар рафти воқеият пайдо кардани кори диссертатсионӣ тағйиротҳои замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва хулосагириҳои илмӣ қарор дода шудаанд. Хулосаҳои онро дар таҳқиқоти минбаъдаи илмию оммавӣ истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст. Натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ ҳангоми омӯзиши минбаъди мазмун ва хусусиятҳои сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистон, системаи идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятии он аҳаммияти муҳим пайдо хоҳанд кард. Дар рисолаи диссертатсионӣ воқеияти ҳолатҳои зарурии ташаккул ва инкишофи сиёсати давлатӣ, системаи идоракунӣ ва самтҳои муҳимтарини рушди онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд.

Нишондодҳо, натиҷагириҳо ва тавсияҳои амалии кори диссертатсиониро дар фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои дигари ҷамъиятӣ, бахусус дар мавриди таҳияи консепсияҳо ва барномаҳои стратегияҳои инкишоф барои таъмини инкишофи мутаносиби низоми давлатдории Тоҷикистони муосир истифода намудан амалӣ мусбӣ ва муфид дониста мешавад. Хулосаҳо ва пешниҳодоти кори диссертатсиониро инчунин дар раванди таълими илмҳои сиёсӣ ва дигар соҳаҳои илмҳои ҳамҷавор дар доираи муносибати синергетикӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода бурдан зарур ва аҳаммияти муҳим пайдо менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро дақиқӣ ва саҳеҳии маълумот, кифоя будани ҳаҷми мавод, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи эътимодноки рисолаи диссертатсионӣ тасдиқ мекунад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи “Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**. Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаи фаъолияти чандинсолаи илмии муаллиф мебошад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро мустақилона ҷамъбаст кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Рисолаи диссертатсионӣ дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои

байналмилаллӣ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мавриди муҳокима қарор гирифта, ҳамчун кори илмии аслӣ баҳогузорӣ ёфта, барои дифоъ ба Шурои **диссертатсионии 6D.КОА-079** назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсия гардидааст.

**Нуктаҳои асосии таҳқиқот** дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Таъмини самаранокии фаъолияти идоракунии давлатӣ дар шароити муосир» бахшида ба 28- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 22 –солагии Ваҳдати миллӣ дар мавзуи «Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо дар замони муосир» (ш. Бохтар, 17–18 майи соли 2019). –Бохтар, 2019; Дар Конференсияи байналмилалии илмӣ – назариявӣ «Нақш ва мақоми Осиёи Марказӣ дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ» дар мавзуи «Ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми нави сиёсии олам». – Кулоб, 2023, «Аҳамияти таърихию сиёсии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар бунёди давлатӣ миллӣ», Маводи конференсияи илмӣ –назариявии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон –санади олии ҳуқуқии кишвар» 1-2 ноябри соли 2024 ва ғайра дар шакли маърӯзаҳо пешниҳод гардидаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия**. Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқот дар 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Инчунин вобаста ба мавзуи диссертатсиони дар 5-конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ маърӯза намудааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**. Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишороти муаллиф оид ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Руйхати адабиёт 210 номгӯйро ташкил медиҳад ва матни диссертатсия дар ҳаҷми 179 саҳифаи компютерӣ таҳия шудааст.

## БОБИ I. МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ РАВАНДИ ТАҲИЯИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ

### 1.1. Сиёсати давлатӣ: моҳият, хусусиятҳо ва инкишофи таълимот

Донишманди тоҷик Г.Н. Зокиров перомуни сиёсат чунин мефармояд: «Мафҳуми «Сиёсат» (ар. سياست ) ҳаммаънои мафҳуми юнонии *politika* буда, корҳои давлатӣ ё ҷамъиятиро ифода менамояд. Он фаъолияти муташаккили одамон, умумиятҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳои сиёсӣ аст, ки аз манфиатҳо ва мақсадҳои онҳо бармеоянд ва дар системаи ҳамин хел соҳаи фаъолияти дигар: иқтисодӣ, идеологӣ, маданӣ, ҳуқуқӣ, динӣ ва ғ. асосӣ мебошанд» [76, с.87].

Сиёсатро дар маъниҳои гуногун мефаҳманд. Дарку фаҳми муқаррарии сиёсат аз оғоз то ҳоло чандон тағйир наёфтааст ва он дар бештари ҳолатҳо дар се маъно дониста мешавад:

1. Сиёсатро ба ҳайси фаъолияти инҳисории давлат медонанд.

2. Сиёсатро ба ҳайси раванди идораи давлат ва ё мамлакат медонанд.

3. Сиёсатро ба маънои зӯргӯӣ фаҳмида, онро василаи тарсонидани на танҳо одамон, балки ниҳодҳои гуногуни ҷомеа низ медонанд. Сиёсатро ба сифати азобу шиканҷа ва воситаи ба ҷазои сахттарин - қатл расонидани одамон меҳисобиданд.

Фаҳми илмию касбии сиёсат ҳолати дигар дорад:

- сиёсат яке аз соҳаҳои системаи ҷамъиятӣ дониста мешавад. Дар баробари сиёсат системаи ҷамъиятӣ иқтисод, иҷтимоиёт ва маданиятро низ дар бар гирифта, инкишофи баробари онҳоро таъмин месозад. Вобаста ба махсусиятҳои инкишофи ҷомеа яке аз соҳаҳо сатҳи бештари хосияти таъсиррасониро пайдо менамояд. Таъсиррасониҳо фақат шакли пайвастагиҳо ва робитаҳои мутақобилаи байни соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошанду халос.

- сиёсат идораи корҳои мардум аст, ки аз тарафи субъектҳои сиёсӣ ба таври мақсаднок ва муташаккилона амалӣ мегардад. Яъне, он ҳамчун

навъи вижаи кору фаъолияти одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, неруҳои сиёсӣ ва ниҳодҳои идоракунӣ баромад менамояд;

- сиёсат сатҳи муносибатҳои ҳокимиятест, ки субъектҳои гуногунро вобаста ба талабот ва манфиатҳо гирд меорад;

- сиёсат воситаест, ки метавонад ягонагии кулли ҷомеа ва умумиятҳои бузургро дар танҳоӣ таъмин намояд ва ё дар сурати хосияти манфӣ ва иртиҷоӣ пайдо намудан ба инкишофи номуъталиф ва буҳронии ҷомеа мусоидат кунад.

Мафҳуми «сиёсат» («политика») аввалин маротиба дар асари мутафаккири барҷаста Арасту дар маънои илмӣ истифода гардидааст. Он аз мафҳуми «полис» маншаъ гирифтааст. Арасту сиёсатро шакли мутамаддини умумият медонист, ки баҳри хайрияти умум ва ҳаёти хуррам хизмат менамуд. Ба андешаи ӯ дар идораи давлат бояд тамоми одамон иштирок намоянд. «Аз ду якеро эътироф намудан зарур аст, ё одамоне, ки дар муносибатҳои давлатӣ иштирок менамояд ва ё гражданин нестанд, ё ҳамаи онҳо бояд ба хайрияти умум алоқаманд набошанд» [19, с.457].

Баъдтар ин мафҳум бо маъниҳои гуногун истифода гардид. Давру замон ва муҳаққиқон вобаста ба манфиатҳо онро дар маъниҳои гуногун тавсиф мекарданд. Дар мамлакатҳои Ғарб «сиёсат»-ро дар маънои идораи корҳои давлат ва ва таъмини низоми давлатдорӣ тавсиф менамуданд. Мутафаккирони кишварҳои Шарқ низ сиёсатро ба ҳайси василае маънидод менамуданд, ки имконияти танзими корҳои давлатиро дорад. Аммо дар Шарқ бештар ба хосиятҳои зӯроварии сиёсат диққат медиҳанд. М. Ғазолӣ мефармояд: «То бими сиёсати султону подшоҳ набошад, халқ бар тоату салоҳ набошанд» [57]. Ё худ Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ ба чунин мавқеъ қарор дорад. Ӯ сиёсатро бештар дар маънии зӯрӣ, тарсонидан, маҷбуркунӣ ва ғайраҳо маънидод менамуд. Сиёсатро аксаран ба ашхоси бадахлоқ, золимпеша, бадху ва каҷрафтор мутааллиқ медонист. Яъне, сиёсат ба онҳо нигаронида шуда, воситаи ба тартиб овардани амалу кирдори онҳо мебошад [89].

Дар замони нав бошад муҳаққиқон бештар ба сиёсат ҳамчун воситаи танзими муносибатҳо ва идораи корҳои давлатӣ назар намудаанд. Андешаҳои онҳо васеъ гардида, тамоми ҳудуд ва имконияту манфиатҳои ҳокимияти сиёсӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятиро ифода менамуд. М. Вебер сиёсатро «кӯшиши ширкат намудан ва даст доштан дар ҳокимият ё таъсир расонидан дар тақсими ҳокимият, хоҳ байни давлатҳо ва ё хоҳ дар дохили давлат байни гурӯҳи одамон» медонист [48, с.252].

Таълимоти марксизм сиёсатро ба мубориза синфӣ мепайваст. Вай "муборизаи сиёсиро инкишофёфта, "умумимилӣ" замоне эътироф менамояд, ки на танҳо сиёсатро фаро гирад, балки дар сиёсат аз ҳама асосӣ: таркиботи ҳокимияти давлатиро дар бар гирад" [97, с.235].

Фаҳми марксистии сиёсат, ки ба дарки қавонини диалектика ва материализми таърихӣ бунёд меёбад, равобити муҳимми иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайраро ба системаи сиёсӣ ошкор месозад.

К.Маркс ва Ф.Энгелс муносибати шаклию ҳуқуқӣ ба ҳодисаҳои сиёсиро, ки дар ҷомеашиносии давр дастболо буд ва ҳарфи аввалро мезад, инкор мекарданд. Хосияти асосии таълимоти марксистии сиёсатро андешаҳо дар бораи базис, надстройкаи ҷамъиятӣ ва робитаҳои мутақобилаи онҳо, таъсири муассири истеҳсолоти иқтисодӣ ба чунин ниҳодҳои мухим, аз ҷумла,давлат, ҳуқуқ, сиёсат, таъсири фаъоли онҳо ба тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ғайра ташкил менамоянд. Марксизм муборизаи синфиро ба сифати омили муҳимми рушди ҷомеа, омили қудратманди тавассути инқилоби иҷтимоӣ ҳам мазмунан ва ҳам шаклан тағйир ёфтани давлат ва ба давлати сотсиалистӣ табдил ёфтани тавсиф менамояд. Табиист, ки дар ин замон сиёсати ҷомеаи сармоядорӣ низ комилан тағйир ёфта, мазмуни сотсиалистӣ пайдо менамояд. Дар ояндаи дур, дар фазаи дуюми ҷомеаи коммунистӣ вазифаҳои хоҷагидориҳои давлат ва сиёсати давлатӣ аз байн хоҳанд рафт.

В.И.Ленин таълимоти марксизмро оид ба сиёсат ва ҳаёти сиёсии ҷомеа такмилу пурра намуда, сиёсатро ҳамчун воситаи асосии аз байн

бурдани тафовутҳои синфӣ ва фарқиятҳои байни умумиятҳои дигари иҷтимоӣ шарҳу тафсир намудааст. Раҳовард дар байни табақаҳои иҷтимоӣ метавонанд дар зина ва пояҳои мухталиф қарор гиранд. Ин раҳовардҳо ба худ вижагиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ ва амсоли инҳо пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, вижагии сиёсии муносибатҳои фимобайни онҳоро В.И.Ленин ба таври махсус махсус ишора намудааст. Аз ҷумла ӯ чунин мефармояд: «Соҳаи муносибатҳои ҳамаи синфҳо ва табақаҳо оид ба давлат ва ҳукумат, соҳаи муносибатҳои фимобайни ҳамаи синфҳо» медонад [97, с,239]. Инро ин тавр шарҳ додан мумкин аст, ки сиёсат шомили масоили мухталифи кору фаъолияти ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ мебошад. Ин таълимот доду ситади фимобайни синфҳо ва давлатро асосу пояи сиёсат меҳисобад.

Агар андеша ва афкори мактабҳои сиёсии Ғарбро хуллоса кунем, аксари ин макотиб муносибат ба ҳокимияти давлатиро асосии сиёсат донистаанд. Замоне чунин рафтор, яъне муносибат ба ҳокимияти давлатӣ асоси сиёсат дониста мешавад, сиёсатро ба ҳайси ширкат дар умумри давлатӣ, мубориза барои ҳокимияти давлатӣ ё ба муқобили он ва истифодаи ҳокимият барои татбиқи аҳдофи муайян шарҳу тафсир мекунанд.

Н. Макиавелли низ дар ин маврид фикру андешаҳои ҷолиберо ироа намудааст. Номбурда сиёсатро чун ҳукмронӣ, кору фаъолият барои тақвияти давлат ва истеҳкому идораи субъеткҳои ҳукмрон баён намудааст [101, с.520].

Бо таваҷҷуҳ ба тағйироти куллӣ дар ҷомеаи имрӯз диду андешаҳо перомуни сиёсат ва сиёсати давлатӣ кулан тағйир меёбанд. Яъне, дар шароити муосири инкишоф сиёсатро ҳамчун воситаи муҳим ва муқтадири таъмини якпорчагӣ ва рушди босуботи ваҳдати миллӣ, мунтазам муайян намудан ва ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷомеаи сиёсӣ ва ҷомеаи маданӣ, эҳё ва рушди фарҳанги ҳамзистии осоишта ва ёрии ҳамдигарии ҷомеаҳои мухталиф, таъмини ҳаёти шоистаи ҳамаи аъзои ҷомеа тавассути эътироф ва эҳтирми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва дар madди аввал гузоштани

манфиатҳои ҳаётан муҳими он тавсиф менамоянд. Феълан, ба андешаи мо,  тамоми одамони башардӯст ва инсонгаро чунин мепиндоранд, яъне сиёсатро таъмини манфиатҳои одамону ҷомеа ва ҳифзи онҳо медонанд. Ҳангоми шарҳу тафсири мафҳуми «сиёсат» ва истифодаи мафҳуми «манфиатҳо» имконият медиҳад, ки зуҳури он дар ҷомеа ба таври амиқ дарк гардад ва муҳимтарин равандҳои ҷомеа: инъикоси манфиатҳои аҳли ҷомеа, мутобиқнамоии сиёсӣ, қарордоди сиёсӣ ва фаъолияти сиёсӣ дарк гарданд.

Чуноне ки мебинем сиёсат ба манфиат печ хӯрдааст ва сиёсат ифодагари манофеи гурӯҳи сиёсӣ ва ё аҳли ҷомеа мансуб меёбад, аз ин рӯ кулли равандҳои ҷомеа дар печидагӣ бо ҳам сиёсат ва манфиатҳои умумро дар назар дорад.

Сиёсат дар навъ ва шаклҳои гуногун ба амал меояд. Сиёсат аз қисмҳои гуногун таркиб ёфтааст. Таснифоти таркибии сиёсат ба навъ, шакл, мазмун ва равандҳо ҷолиб аст. Дар таркиби сиёсат унсурҳои зерин мақоми хоса доранд: манфиатҳои сиёсӣ, муносибатҳои сиёсӣ, шуури сиёсӣ, ташкилоти сиёсӣ, фаъолияти сиёсӣ ва субъектҳои сиёсат.

Сиёсати давлатӣ яке аз навъҳои сиёсати бузург буда, дар сатҳ ва шакли гуногун зуҳур мегардад мегардад. Намояндагони донишҳои мухталиф ба он назари гуногунро касб намудаанд. Аз ҷумла, намояндагони донишҳои фалсафӣ сиёсати давлатиро яке аз навъҳои идоракунии ҷомеаи муосир меҳисобанд, Ин нуқтаи ибтидои муносибати онҳо дар нисбати падидаи сиёсати давлатӣ мебошад. Сотсиологҳо бештар ба пажӯҳиш ва хулосагирии мақсад ва вазифаҳои иҷтимоии сиёсати давлатӣ саркор гирифта, ба раванди воқеии он дар ҳаёти ҷамъиятӣ диққат медиҳанд. Намояндагони донишҳои иқтисодӣ мақом ва нақши сиёсати давлатиро дар танзими раванду ҳодисаҳои ҳаёти иқтисодӣ, таҳким ва такмили идораи равандҳои иқтисодӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор дода, сиёсати давлатиро ба сифати навъи фаъоли фаъолияти меҳнатию корӣ маънидод менамоянд. Бар замми ин, сиёсати давлатӣ майдони фаррохи

кору фаъолият барои равоншиносон маҳсуб меёбад. Сиёсати давлатӣ ҳамчунин тавадддуҳи улуми дақиқ, математика ва кибернетикаро низ ба сӯйи хеш кашидааст.

Дар сиёсатшиносии муосири Ғарб таҷрибаи зарурии таҳқиқи сиёсати давлатӣ ташаккул ёфтааст ва дастгоҳи мафҳумӣ низ мавҷуд аст. Дар шароити имрӯза, дар як қатор кишварҳо, назарияи сиёсати давлатӣ ва сиёсати ҷамъиятӣ ҳанӯз дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор доранд. Имрӯз ҷустуҷӯи асосҳои методологии таҳқиқи равандҳои идоракунӣ ва сиёсӣ, таҷдиди назари таҷрибаи мавҷудаи ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ, вазифаҳои давлат ва нақши он дар низоми идоракунии ҷомеа, ташаккули соҳаи таҳқиқотҳо барои самти мазкури илмҳои сиёсӣ идома дошта, дастгоҳи нави мафҳумӣ ташаккул ёфта истодааст.

Мо кӯшишҳо ба харҷ додаем, ки дар нисбати сиёсати давлатӣ ва хусусиятҳои таҳия ва татбиқи он дар доираи донишҳои муосири илмӣ назар намоем. Аз ин ҷост, ки адабиёти зиёди заруриро мавриди омӯзиш, таҳлил ва натиҷагирӣ қарор додаем. Дар заминаи чунин муносибати бунёдӣ мақсад ва вазифаҳои раванди таҳқиқотро мушаххаса гардонида, мавриди амал қарор додаем. Чунин сатҳи муносибат имконият медиҳад, ки раванди таҳқиқот ва масъалаҳои он дуруст муайян карда шаванд ва сиёсати давлатӣ ҳамчун падидаи муҳимтарин замони муосир мавриди пажӯҳиш ва таҳқиқи сартосарӣ қарор гирад. Дар ин самт, се ҷиҳати асосии хулосагирии сиёсати давлатӣ мавҷуд аст:

- аҳаммияти муайянкунандаи меъёрҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалинамоии онҳо; [27, с.87].

- усулҳои иқтисодии идоракунӣ ё танзимнамоӣ; [92, с.142].

- ташкили фаъолияти хизматчиёни давлатӣ ва иерархияи маъмурии ташкилотҳои давлатӣ; [45, с.63].

Дар ин самт таҳлили назария ва амалияи сиёсати давлатии мунитсипалӣ мустақилияти муайянро доро мебошад. Ғавру баррасӣ баёнгари он аст, ки ин самтҳо, дар аксарияти ҳолатҳо, новобаста яз

якдигар рушд менамоянд, ки боиси муносибати яктарафа дар назарияи сиёсати давлатӣ гардидааст. Аз ин хотир, метавон қайд намуд, ки танҳо ба ҳамгироии ин самтҳо тасаввуроти ягона оид ба сиёсати давлатӣ пайдо мешавад, ки имконият медиҳад, тарз ва усули он бунёд карда шавад, мухолифатҳои дохилӣ ва роҳҳои бартараф намудани онҳо муайян гарданд.

Дар бораи сиёсати давлатӣ, мазмун ва муҳтавои он, навъ ва шаклҳои гуногуни он назарҳои зиёде иброз гардидаанд, ки аз комилияти таҳқиқоти масъалаи мазкур дарак медиҳанд. Мазмуну мундариҷа, мақсаду вазифаҳо ва оқибату натиҷаҳои эҳтимолии он мавриди таҳқиқи васеъ гардидаанд. Пеш аз ҳама, дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дар системаи идоракунӣ мақом ва нақши сиёсати давлатиро мушаххасан муқаррар намудаанд. Муҳаққиқон тавонистаанд, ки мақсади асосӣ ва воситаҳои умумии амалигардонии онро муайян намоянд. Чунин ҳолат имконият медиҳад, ки муҳаққиқон ва идоракунандагон сиёсати давлатиро вобаста ба макон ва замони татбиқшавӣ муайян намоянд.

Сиёсати давлатӣ дар рушди низоми иҷтимоӣ мақоми хосаро пайдо намуда, барои таҳкими ниҳодҳои давлатӣ ва идоракунии низоми давлатдорӣ, таҳким ва такмили ҳар гуна робитаҳои таркиботӣ, ҳимоя ва ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва ҷомеа сафарбар мегардад.

Сиёсати давлатӣ восита ва омили муҳими риояи низоми ҳуқуқӣ, таъмини қонуният, режими сиёсӣ ва хусусиятҳои гуногуни он, риояи принсипи адолати иҷтимоӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои шаҳрвандон ва ҳамаи бошандагони кишвар, ниҳодҳои давлатӣ ва намояндагони ҷомеаи маданӣ баромад менамояд.

Ҳамин тариқ, мақом ва нақши сиёсати давлатӣ дар раванди таъмини тартибот ва рушди минбаъдаи тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ бузург аст. Аз ин ҷост, ки дар бораи мавқеъ ва манзалати сиёсати давлатӣ дар рушди ҷомеа муҳаққиқи шинохта Г. В. Атаманчук чунин қайд намудааст: «Агар мо воқеан хоҳем дар шароити беҳбудӣ, тартибот ва амният, дар кишвари

соҳибистиқлол, озод, бо риояи воқеии ҳуқуқ ва озодиҳои худ зиндагӣ намоем, пас танҳо вазифадорем, ки идоракуниро ба сифати мафҳуми муҳими иҷтимоӣ-фалсафӣ, ки ҳам тақдири одамони алоҳида ва ҳам ҳар як иттиҳодияи одамонро муайян менамояд, дарк намоем» [23, с.38].

Яке аз масоили мубрам дар раванди омӯзиши сиёсати давлатӣ – масъалаи ташаккул ва инкишофи системаи он ба ҳисоб меравад. Системаи сиёсати давлатӣ унсури муҳими амалнамоии сохтори сиёсиву ҳудудии давлат ба ҳисоб меравад. Сохтори сиёсиву ҳудудӣ тақсим намудани қаламрави давлатро ба унсурҳои марзию ҳудудӣ пешниҳод менамояд. Яъне, ҳар як минтақа дорои сохтори сиёсиву ҳуқуқии худ мебошад, ки тавассути сиёсати давлатӣ амалӣ мешавад.

Зарурат пеш меояд, ки мафҳуми “сиёсати давлатӣ” мавриди таҳлил, муқоиса ва хулосагирӣ қарор гирад. Барои таснифи он муҳим аст, ки дар аввал, худи мафҳуми “давлат” муайян карда шавад ва сипас, нақши фаъоли сиёсатро дар амалӣ гаштани мақсад ва вазифаҳои давлат муқаррар гарданд. Дар шароити имрӯза таснифотҳои мухталифи давлат пешниҳод карда шудааст. Мувофиқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти мазкур баррасии чунин таснифотҳои давлат зарур аст:

- шакли сиёсии ташкили ҳаёти ҷомеа аст, ки дар натиҷаи пайдоиш ва фаъолияти ҳокимияти ҷамъиятӣ - низоми махсуси идоракунӣ, ки ба соҳаҳои асосии ҳаёти ҷамъиятӣ роҳбарӣ менамояд ва дар ҳолати зарурӣ ба маҷбурнамоӣ такя менамояд, пайдо мешавад; [72, с.96]

- ташкилоти сиёсии ҷомеа, ки тамоми аҳолиро муттаҳид менамояд, манфиатҳои онҳоро ифода менамояд, мақомоти асосии ҳокимият, ки ҷомеаро идора менамояд, ягонагӣ, муташаккилии он ва режим муайянро дар он таъмин менамояд; [82, с.243]

- ташкилоти умумии ҷамъиятиву сиёсӣ, ки дорои ҳокимияти ҷамъиятӣ ва дастгоҳи махсусгардонидашудаи идоракунии равандҳои иҷтимоӣ дар доираи ҳудуди муайян аст, ки дар он суверенитеташ паҳн мегардад; [67, с126].

Дар асоси ин таснифотҳо метавон моҳияти давлатро ҷудо намуд, ки он шакли ташкилоти сиёсии ҷомеа аст, ки дар муносибатҳои ҳокимиятӣ асос ёфтааст. Мафҳуми “давлат” одатан ҳамчун синоними “мамлакат”, яъне ҳудуде, ки дорои сохтори умумии миллӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ аст, мавриди истифода қарор мегирад. Аммо гуфтан лозим аст, ки дар фарқият аз мамлакат давлат ин шакли ташкилоти сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Давлатро метавон ҳамчун ташкилоти иҷтимоӣ баррасӣ намуд, сиёсати давлатӣ ба қонуниятҳои умумии идоракунӣ тобеъ аст. Аз тарафи дигар, давлат ҳамчун шакли махсуси ташкилот қонуниятҳои хусусии идоракунии худро доро мебошад.

Хусусиятҳои хоси давлат ҳамчун ниҳоди муҳимтарини иҷтимоӣ дар асоси таснифотҳои зерин ба маънои зайл арзёбӣ мешаванд:

1. Давлат ниҳоди иҷтимоиест, ки манфиатҳои тамоми аъзои ҷомеа ва бошандагони онро дар худ таҷассум менамояд. Яъне, давлат тамоми аҳолии ҳудуди хешро муттаҳид намуда, онҳоро дар зери ҳимоя қарор медиҳад ва фаъолиятеро анҷом медиҳанд, ки ҷавобгӯи манфиатҳои ҳам фардӣ ва ҳам ҷамъиятӣ бошанд.

2. Ба хотири ҳимояи манфиатҳои тамоми аъзои ҷомеа давлат дар нисбати ҳуқуқи истифодаи зӯригарӣ инҳисори мутлақро пайдо менамояд. Ҳеҷ як ниҳоди дигари ҷомеа чунин имконият ва шароитро пайдо карда наметавонад. Маҳз ҳуқуқи истифодаи зӯрӣ иҷроиши хоҳиши ҷомеа ва ба роҳ мондани режими сиёсии шакли муайянро таъмин менамояд.

Мувофиқи рушди ҷомеа таркиби вазифавии давлат васеъ гардидааст. Дар асри XX давлат аз тарафи одамон на танҳо кафолати ҳуқуқ ва амниятӣ, балки аз нуқтаи назари уҳдадориҳо таъмингари рушди иҷтимоиву иқтисодӣ доништа мешавад.

Истифодаи зӯрӣ ва маҷбурнамоӣ бо таъмини тобеият ё чорабиниҳо нисбат ба вайрон намудани тартибот маҳдуд намегардад, балки ба масъулияти барои ҷомеа зарурӣ водор менамояд. Ҳуқуқи истифодаи зӯрӣ талаботи муҳимро нисбат ба давлат ҳамчун ташкилоти иҷтимоӣ муайян

менамояд: талабот ба қабули қарорҳо; талабот ба ташаккули мақомоти ҳокимият; талабот ба хизматчии давлатӣ. Ҳамин тариқ, сиёсати давлатӣ ва мунисипалӣ аз идоракунии ташкилотҳои иҷтимоӣ фарқ дорад.

Чунин таснифи давлат ҷойгоҳи онро дар системаи ҷамъиятӣ муайян менамояд. Аммо чунин ҳолат кам аст. Бояд воситаҳои асосӣ ва муҳимтаринеро муайян намуд, ки дар татбиқи ҳадаф ва вазифаҳои давлат нақши асосиро касб намоянд. Ҳамин гуна хосияти муҳимро сиёсат ва сиёсати давлатӣ ҳамчун навъи сиёсати универсиалӣ ба худ гирифтаанд.

Сиёсат падидаест, ки барои татбиқи аҳдоф ва вазоифи мушаххас равона карда шудааст. Муайян намудани самтҳои сиёсии инкишофи мамлакатҳо, раванду ҳодисаҳои гуногуни он чунин падидаҳо ва ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятиро, ба монанди таҳлилнамоӣ, ояндабинӣ, қабули қарор, ташкилнамоии иҷроиши онҳо ва масъулиятнокӣ дар фаъолияти гурӯҳҳои калон ва хурди одамон, ки ба амалӣ намудани сиёсат машғуланд, дар бар мегирад.

Сиёсати давлатӣ дар маҷмуъ ба навъи сиёсати универсалӣ мансуб аст. Он ҳодисаи мураккаб, пурихтилоф, зиддиятнок буда, ҳатто дар сатҳи муносибатҳои антагонистӣ зиҳир мегардад. Навъҳо ва шаклҳои сиёсат, новобаста аз хосиятҳои умумияти онҳо, на танҳо дар заминаи хусусиятҳои объектҳо, балки дар доираи мақсади асосӣ, вазифаҳо ва воситаҳои амалигардонии онҳо аз ҳам фарқ менамоянд. Зиёда аз ин, сиёсат ҳамчун падидаи иҷтимоӣ бо низоми инкишоф, тағйирёбӣ, ҳолати буҳрониро пайдо намудан, ҳолатҳои ҳамгироӣ ва муқовимат бо падидаҳои дигари инкишофи ҷомеа аз раванду ҳодисаҳои дигар тафовути ҷиддиро касб менамояд.

Дар вазъияти феълӣ яке аз масоиле, ки пажӯҳишгарони мухталиф бо он таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд ин сиёсат ва вижагиҳои муҳимтарини рушди он дар шароити феълии тараққии давлатҳо маҳсуб меёбад. Пажӯҳиши ин масъала асосӣ буда, инчунин муайянсозии категорияҳо ва мафҳумҳои илмӣ барои соҳаи илм аҳаммияти махсус доранд. Чун ин гуна муносибат

самаранокии ҳар як соҳаи илм ва истеҳсолотро кафолат медиҳад. Сиёсат соҳаи махсуси муносибатҳои ҷамъиятист, фаъолияти давлат ва институтҳои дигар, ки низоми махсуси амалӣ намудани идоракунии сиёсиро созмон медиҳанд, ба ҳисоб меравад. Институти марказии асосии низоми инкишофи сиёсат давлат маҳсуб мегардад. Замоне сухан перомуни сиёсат ва махсусиятҳои муҳимтарини инкишофи он, сиёсати соҳавӣ ва тамоюлҳои инкишофи онҳо меравад, зарурати тавсифи пурраи мафҳумҳои асосӣ, пеш аз ҳама, “сиёсат”, “сиёсати универсалӣ” ва “сиёсати соҳавӣ” ба миён меояд.

Пажӯҳиши моҳият ва мазмуни сиёсат аз ҷумлаи масъалаҳои меҳварии илмҳои сиёсии муосир ба шумор рафта, дар такмили назарияи сиёсат ва фаҳми дурусти ҷомеаи сиёсӣ нақши муайянкунанда мебозад. Муайян намудани хусусиятҳои он барои дарки пурраи фаъолияти сиёсӣ ва идоракунии сиёсӣ ва инчунин муайян ва мушаххас гардонидани раванди сиёсӣ ва таъсиррасониҳоим мухталиф ба он аҳаммияти бузургро бархӯрдор гардидааст. Дар шароити муосири таҳқиқотҳои илмӣ ҳам дар кишварҳои хориҷ ва ҳам дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф ва тафсири ягонаи падидаҳои ҳамто ва ё наздик ба сиёсат вуҷуд надоранд. Аммо мо низ наметавонем сабаби чунин ҳолат ва сатҳи муносибатҳоро пайдо карда наметавонем. Аммо аз хотире ки масъалаҳо ба миён омадаанд ва онҳо дар раванди идоракунии сиёсии ҷомеа арзиши хоссаро касб менамоянд, кӯшишҳо ба харҷ дода мешаванд, ки сирру асрори онҳо муайян ва мушаххас гардонида шаванд. Ҳоло дар беҳтарин ҳолат мутахассисон ба хосиятҳои онҳо муроҷиат менамоянд. Бештар ба ҳолати омилҳо объективӣ ва субъективӣ муроҷиат менамоянд ва онҳоро ба сифати гуногунрангии сиёсӣ тавсиф месозанд.

Сиёсат ҳамчун мавҷудот ва шакли зуҳуроти падидаи иҷтимоӣ якранг нест. Дар бораи раванду ҳодисаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ андешана намуда, фикрҳои гуногунеро иброз медорем. Сиёсат ҳамчун асос, баранда ва актори муҳими идоракунӣ баромад менамояд. Сиёсат ҳамчун унсури

идоракунии ҷомеаи муосир аст. Шакли зуҳуроти сиёсат аз мақсадҳо ва вазифаҳои субъектҳои сиёсии идоракунӣ вобастаанд. Ниҳодҳои давлатӣ, намояндагиҳои иҷтимоӣ, иттиҳодияҳои ғайриҳукуматӣ сиёсати хешро ташаккул ва инкишоф медиҳанд.

Сиёсат чун як навъи идоракунӣ ва усули махсуси таъсир ва як падидаи иҷтимоӣ мебошад. Танҳо зоҳири он тағйир меёбад. Ҳамзамон дар ин радиф гуногунии тафсири он мунҷар б мураккабӣ ва печидагие гашта боиси арзи вуҷуд кардани чанде аз масоили назарӣ мегарданд. Масалан, дар китобҳои сиёсӣ чунин кӯшише ба назр мерасад,сиёсати давлатиро ба сиёсати ғайридавлатӣ муқоиса намоянд. Бархе аз муҳаққиқон бар ин бовараанд, ки таърифи “сиёсат” назар ба таърифи “давлат” моҳият ва хусусиятҳои асосии онро ба пуррагӣ инъикос немегардонад. Аз ин хотир, муҳаққиқонро зарур аст, ки таъриф ва тавсифи пурратар ва бештар фарогири “сиёсат”-ро мавриди истифода қарор диҳанд. Масалан, В.Г. Ледяев иброз медорад, ки сиёсатро фақат тавассути мафҳуми “давлат” тавсиф намудан ҳалли масъалаҳоро ошкор намесозад, балки боз онро мураккабтар мегардонад. «Камбудиҳои ин равиш ошкор аст: агар сиёсат танҳо тавассути мафҳуми “давлат” баррасӣ шавад, пас ҳаёти сиёсиро дар ҷомеаҳои тодавлатӣ чӣ гуна шарҳ додан мумкин аст? Ҳоло ба таври умум эътироф шудааст, ки сиёсат дар ҳама ҷомеа вуҷуд дошт, аз ин ҷост, ки ба мо фаҳмиши “сиёсат”-е лозим аст, ки ба қадри кофӣ хосияти умумӣ дошта бошад. Он дар робита ба ҳама ҳодисаҳо ва амалҳои сиёси пешина ва ҳозира истифода шавад. Фаҳмиши «давлатӣ»-и сиёсат ба ин меъёр мувофиқат намекунад» [96, с.330].

Воқеан ҳам, ҳар як намуди сиёсат дорои вижагиҳои хеш мебошад. Масалан, аз рӯи объект ва доираи таъсир, равишҳои ташаккул ва сохтори институтсионалӣ, дараҷаи мураккабӣ, фарҳанг ва амсоли инҳо. Ҳар як навъи сиёсат қодир ба он аст, ки чун асосу поя барои шаклгирии консепсияи вижае хизмат кунад.

Сиёсат дар шакли инкишофёфта бештар ба дархост ва талаботҳои объекти таҳқиқ ҷавобгӯ мебошад. Чуноне ки К.Маркс таъкид намудаанд «Мақомоти тараққикардаро таҳқиқ кардан осонтар аст» [103, с.6]. Сиёсати рушдёфта мазмунан мукаммал аст. Ҳолати мазкур шароит ва имкониятҳоро барои дарки амиқи моҳият ва хусусиятҳои навъҳо ва шаклҳои гуногуни сиёсат ва барои дарки қонунияҳои инкишофи сиёсӣ бештару хубтар муҳайё менамояд.

Сиёсат ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ дар низоми идоракунӣ аз амалҳои иттиҳодияҳо ва намояндагиҳои иҷтимоӣ бархӯрдор гардад. М. Вебер масъалаи мазкурро таҳлил намуда, ба хулосаи зерин омадааст: «Мо дар зери мафҳуми сиёсат чиро мефаҳмем? Ин мафҳум ниҳоят васеъ дорад ва ҳамаи хелҳои фаъолияти роҳбарии мустақилонаро фаро мегирад. Дар бораи сиёсати арзии бонкҳо, дар бораи сиёсати дисконтии бонки империявӣ, дар бораи сиёсати иттифоқҳои касаба дар давраи корпартоӣ сухан мегуянд; дар бораи сиёсати мактабии обшинаи шаҳрӣ ё деҳотӣ, дар бораи сиёсаи идоракунии роҳбарияти ширкатҳо, дар ниҳоят, ҳатто дар бораи сиёсати занҳои оқил, ки мехоҳад шавҳарашро идора кунад, метавонад сухан ронад» [48, с.252]. Ҳамон тавре мо аз андешаҳои ин донишманди маъруф дарк менамоем, сиёсат доираи васеи кору фаъолияти одамон ва ниҳодҳои гуногуну зиёдро дар бар мегирад.

Т. Парсонс ақидаҳои М. Веберро инкишоф дода, чунин менависад: «Дар доираи чорчӯбаи таҳлилие, ки мо қабул кардем, сиёсат на танҳо вазифаҳои асосии давлатро дар муносибатхои худ бо ҷомеа, балки ҷиҳатҳои дахлдори ҳар коллективро низ дар бар мегирад. Мо падидаро ба он дараҷае сиёсӣ меҳисобем, ки он бо ташкил ва сафарбар кардани захираҳо бахри муваффақ гардидан ба мақсадҳои хеш аз ҷониби ягон гурӯҳ алоқаманд бошад. Ҷанбаҳои сиёсии фаъолият дар ширкатҳои тиҷоратӣ, донишгоҳҳо ва калисоҳо мавҷуданд. Аммо дар инкишофи ҷомеаи муосир давлат аз ҷомеаи маданӣ ҳамчун як қисми махсуси ҷомеа,

ки асоси зерсистемаи сиёсии онро ташкил медиҳад, аз ҳар ҷиҳат фарқ мекунад» [49, с.30].

Мумкин аст, ки Т. Парсонс вақте ки дар бораи давлат ҳамчун мағзи зерсистемаи сиёсӣ сухан ронда, маҳз ҳамин хусусиятҳои сиёсатро таъкид кардан мехост. Аммо он гоҳ касе наметавонист, дарк кунад, ки зерсистемаи сиёсие, ки вай муайян мекунад, ҳамчун як қисми ба таври сунъӣ офаридашудаи ҷамъият амал мекунад, ки дар ҳаёти худ ягон системанокӣ надорад. Чунин «зерсистема» мазмуне надорад, ки аз муносибати функсионалӣ иборат буда, моҳияти ҳама гуна системаро созмон медиҳад. Ба таври дигар, зерсистемаи сиёсие, ки ӯ пешниҳод мекунад, аслан як шакли зиндагии куллӣ нест, балки як конгломерат аз навъҳои гуногуни сиёсии ба таври мустақил мавҷудбударо ташкил медиҳад. Пас зерсистема, сарфи назар аз моҳияти умумӣ ва мантиқи умумии таҳияи навъҳои гуногуни сиёсат, набояд чизи табиӣ ҳисобида шавад. Ҳар як навъи сиёсати бузург барои ҳаллу фасли мушкилоти хоссае таҳия мегардад. Аз ин ҷост, ки ян навъ ва ё шакли сиёсат ба навъ ва ё шакли дигари он якранг нестанд. Ҳолати мазкур ба идоракунии муассисае монанд аст, ки аз муассисаи дигари ҳамто фарқи ҷиддӣ дорад. Зеро ду ҳодисаи якхеларо пайдо намудан номумкин аст ва идоракунии якхелаи онҳо низ вуҷуд дошта наметавонад. Дар воқеъ, хусусияти системанокӣ ба ин ё он навъ ва ё шакли сиёсат хос мебошад. Аммо зарур аст, ки навъҳо ва шаклҳои сиёсат сатҳи инкишофи заруриро пайдо карда бошанд. Яъне, организми комилан тараққикардаи худро дорад, ки якчанд вазифаро дар бар мегирад. Ин танҳо дар системаи мураккаби идоракунии ҷамъият, монанди идоракунии давлатӣ имконпазир аст. Фақат дар ҳамин шароит барои ташаккули ҳаёти ҳақиқатан мураккаби сиёсӣ шартҳои ҳатмӣ ба вуҷуд меоянд. Мумкин аст, ки дар байни навъҳои алоҳидаи сиёсат, монанди тамоми падидаҳои иҷтимоӣ як навъ алоқа мавҷуд бошад. Сиёсати давлат ба эҳтимоли қавӣ эҳтимолан бо сиёсати як ниҳоди мушаххас, ба таври мисол, ғайридавлатие, ки дар ҳудуд ва марзи ин

мамлкат фаъолият мекунад (минимум тавассути молиёт) муртабит бошад. Вале анвои мухталифи сиёсат, ки дар риштаи идоракунии иттиҳодияҳои гуногуни иҷтимоӣ мавҷуд аст, қабл аз ҳама, мақсади махсуси худро доранд ва аз ин рӯ, падидаҳои комилан мустақили идоракуниро мемонанд, ки ҳар кадоми онҳо соҳаи сиёсии худ, сохтори сиёсии худро ташкил медиҳанд ва шояд, ҳатто системаи сиёсии худро бунёд намоянд. Ба таври табиӣ, онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ дар байни худ ба як чизи том муттаҳид намешаванд ва ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд зерсистемаи сиёсиеро ба вуҷуд оваранд, ки гуё як қисми махсуси тамоми ҷамъиятро ташкил медиҳад. Пеш аз ҳама, дар баробари ин қайд мекунем, ки сиёсат умуман. ҷузъи ҷомеа нест, гарчанде ки вай ҳамчун яке аз зуҳуроти иҷтимоӣ амал мекунад. Ҷузъи ҷомеа будан ва хислати ҷамъиятӣ доштан як чиз нест. Сониян, аз нуқтаи назари нақшаи таҳлилие, ки Т.Парсонс қабул кардааст, маълум мешавад, ки давлат ҳамчун ҷузъи муайяни сиёсӣ («материали зерсистемаи сиёсӣ») амал мекунад. Ин гуна баёнот дуруст буда наметавонад, вай ба муносибатҳои сиёсат ва давлат ҳамчун ҳодисаҳои махсус, тамоман дигар роҳ медиҳад. Ҳар як система на аз қисмҳо, балки аз функсияҳое иборат аст, ки ҳамчун унсурҳои таркибии он амал менамоянд. Ҷиҳати мазкурро дар маъное фаҳмидан зарур аст, ки танҳо вазифаҳои муҳимтарин, муҳимтарин барои мавҷудияти организми мувофиқ ҳамчун ядрои система амал карда метавонанд. Бе ин функсияҳо ҳаёти ҷамъиятӣ ташаккул намеёбад, дар ҳоле ки набудани дигар вазифаҳои ба назар камтар аҳаммиятнок ҷисмро пасттар мекунад. Ҳар як системаи мушаххас фаъолияти зиндагии танҳо як чиз, яъне организми мувофиқро, ки дар доираи он ташаккул ёфтааст, тавсиф мекунад. Аммо сиёсат ва давлат чун падидаҳо, сарфи назар аз алоқамандии худ, дар заминаи организмҳои гуногуни иҷтимоӣ амал мекунанд ва хусусиятҳои мавҷудияти худро доранд. Агар навъҳо ва шаклҳои сиёсатро, ки ба таври мустақилона ва новобаста ба якдигар ҳастӣ доранд, дар маҷмӯъ мавриди таҳлил ва хулосагирӣ қарор диҳем, пас маълум мегардад, ки навъҳо ва шаклҳои

мухталифи сиёсат эътироф мегарданд, ба онҳо дар сатҳи зарурӣ таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Аммо диққати бештарро навъи сиёсати давлатӣ ва хелҳои гуногуни он касб менамоянд [160, с.10-17].

Назарияи сиёсат бештар дар заминаи дарки ҳамаҷониба ва пурраи сиёсати давлатӣ ташаккул ва инкишоф ёфта, роҳи дуру дарози таърихиро сипарӣ намуда, чунин сатҳи комилиятро пайдо намудааст. Гузориши сиёсии масъалаҳои инкишофи ҷамъиятӣ ва пайвасти ногусастании онҳо бо институти муҳимтарини сиёсӣ – давлат ва фаҳми сиёсат ҳамчун ҳодисаи хоссаи ҷомеа онро бо давлат ва фаъолияти давлатӣ пайваста, ҳар гуна ҷудоиҳои байни онҳоро намеписандад [79, с.107]. Новобаста аз ҳамгироиҳо ва пайвастҳои қавӣ сиёсат ва давлат ҳодисаи воҳид набуда, мустақилияти нисбиро доро мебошанд. Мақсад ва вазифаҳо, мазмун ва муҳтавои низоми ташаккул ва инкишофи онҳо ва инчуни фаҳми зеҳнии онҳо дарки амиқ ва васеъро касб менамоянд.

Дар ҳеҷ соҳаи идоракунӣ, ҳатто дар фаъолияти идоракунии намояндагиҳои иҷтимоӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ба ин монанд тартиби мураккаб ва зиддиятноки қабули қарорҳо, чуноне ки дар соҳаи идоракунии давлатӣ вуҷуд, пайдо намудан кори саҳл нест. Ҳеҷ низоми идоракунӣ ба монанди давлати муосир объекти душвор ва зиддиятноки таъсирррасонии сиёсиро пайдо накардааст. Сиёсати давлатӣ бешубҳа ба яке аз воситаҳои муҳим ва зарурии такмили ҳаёти ҷамъиятӣ табдил ёфтааст. Аз ин ҷост, ки он ҳарчи бештар таваҷҷуҳи идоракунандагон, менеҷерҳои сатҳи гуногун ва пеш аз ҳама, диққати муҳаққиқони мухталифро ба худ мекашад. Ҳуда нест, ки инкишофи мунтазам ва мукаммали илҳои сиёсӣ, махсусан, дар ибтидои давраи инкишоф сурат гирифта, дар таҳким ва такмили низоми муайяни давлатдорӣ, фаъолигардии ниҳодҳои сиёсӣ таъсири муайянкунанда бахшидааст. Аз ҷониби дигар таваҷҷуҳи бештарро навъҳо ва шаклҳои муайяни сиёсати давлатӣ ва ҷамъиятӣ касб менамоянд. Дар маҷмуъ, масъалаи сиёсат ва рӯйи кор омадани мафҳумҳои дохили он масъалаи сода ва саҳл нест ва он

муддати тулониеро фарогир мебошад. Ва агар ба шароити феълӣ нигоҳ кунем, мебинем, ки он то кадом андоза мураккаб ва печидатар шуда истодааст, чунки масоили дунёи феълӣ дар кулл ба ин масир ҳидоят мекунанд ва мунҷар ба падида ва арзишҳои наву тоза мегарданд. Гузашта аз ин, таваҷҷуҳи аз ҳад зиёд ба чунин навъҳои сиёсат баъзан метавонад ба андешаҳои печида дар бораи он ё ба муқовимату мухолифатҳои мантиқӣ, аз қабили “сиёсати соҳавӣ” ва ё “сиёсати ғайрисоҳавӣ” мадад намояд. Дар мавриди масъалаи мазкур М.В. Илин иброз медорад, ки «Сиёсати «ғайрисоҳавӣ» низ комилан дар ҳолате ки он ниҳодӣ гардида бошад, моҳияти сиёсӣ пайдо менамояд» [163, с.3-4].

Сиёсати соҳавӣ дар фаъолияти давлат ташакул ва инкишоф меёбад ва зуҳур мегардад. Дар таҳқиқоти сиёсӣ мафҳумҳои “фаъолияти сиёсӣ”, “фаъолияти давлатӣ”, “ҳокимияти сиёсӣ”, “ҳокимияти давлатӣ”, “системаи сиёсӣ”, “сохти давлатӣ” ва амсоли инҳо барин мафҳумҳои асосии соҳавии илмҳои сиёсӣ дар сатҳ ва маъниҳои гуногун тавсиф гардидаанд. Фаҳми дуруст ва якранги онҳо қариб ки номумкин аст. Зеро муҳаққиқон муносибати гуногунро ихтиёр намуда, ягонагии асосҳои муносибати методологиро ба эътибор нагирифта, онҳоро маънидод намудаанд. Дар кулл донишмандони дунё қадим ва феълӣ перомуни давлат ва хусусиятҳои он андешаҳои ҷолиб баён намудаанд. Масалан, Муҳаққиқ Гобозов И.А дар мавриди мазкур мефармояд, ки “соҳаи сиёсӣ ҳамаи он чизеро, ки бевосита ба сиёсат алоқаманд аст, дар бар мегирад, аз ҷумла, давлат, ҳизбҳои сиёсӣ, донишҳои сиёсӣ, ғояҳои сиёсӣ ва ғайра» [62, с.17]. Донишманди шинохта Гаджиев К.С. бошад давлатро ҳамчун ниҳоди меҳварии системаи сиёсӣ маънидод намудааст [56, с.210] . Гурӯҳи дигари пажӯҳишгарон бошанд давлатро воҳиди томи сиёсӣ медонанд: «Давлат тамомияти сиёсист, ки аз тарафи ҷомеаи миллӣ ва ё сермиллат дар ҳудуҳои муайян таъсис меёбад. Дар он бо иштироки бевоситаи элитаи сиёсӣ, ки нисбати ҳокимият инҳисоротро пайдо менамояд, тартиботи ҳуқуқии хосаро ташаккуд медиҳад ва ҳуқуқи легитимии истифодаи

зӯровариро дорад. Ҳамаи ин зери ибораи “сиёсати соҳавӣ” ташкил ва амалӣ мегардад» [128, с. 281]. Дар тавр, давлат ниҳоди махсуси идоракуние дониста мешавад, ки дар худи ҷомеа ташаккул меёбад ва барои танзими ҳаёти ҷомеа дар заминаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ омода аст. Вазифаҳо ва рисолати давлат тавассути сиёсати давлатӣ ба амал бароварда мешавад. Он қисми таркибии идоракунии давлатиро ифода мекунад.

Агар мо ба адабиёт ва сарчашмаҳои сиёсӣ назар андозем, хеле бармало ба чашм мехӯрад, ки андеша ва афкор перомуни сиёсат ва шарҳу тафсири он гуногунанд [120, с. 39]. Ба андешаи инҷониб ин бояд ҳамин тавр бошад, чунки дар улуми инсоншиносӣ чаҳорчӯба ва қолабҳои саддарсади бетағйир вуҷуд дошта наметавонад, дар ин улум масирҳо муҳиманд, чунки онҳо таъйинкунандаи ҷодаҳои аслии рушду тараққӣ мебошанд ва аз ин рӯ ин улумро ба масирҳои мухталиф аммо мушаххасу аниқ суқ медиҳанд. Ҳамзамон як идда равишҳое ҳастанд, ки ҳадафи умумгардондани андешаҳои мавҷуда ва тартиб додани таърифи ҳамабоби сиёсат, агар имкон бошад, ҷиҳатҳои гуногуни мавҷудияти сиёсиро фаро гиранд, мавҷуд мебошанд. Барои тақвияти фикр  ба андешаи дигарон рӯ меорем: «Ба маънои васеи ин калима, сиёсат ин иштирок дар корҳои давлат, муайян кардани шаклҳо, вазифаҳо, намудҳо, самтҳои фаъолияти сиёсӣ, усулҳо, роҳҳо, технология, механизмҳои татбиқи он мебошад. Ин системаи муносибатҳое мебошад, ки дар натиҷаи ҳамкории ба мақсад мувофиқи синфҳо, гурӯҳҳо ва табақаҳо оид ба истило, нигоҳ доштан ва истифода бурдани ҳокимияти давлатӣ бо мақсади амалӣ гардондани манфиатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимми худ инкишоф меёбад» [136, с. 12].

Хулоса, сиёсат ба сифати қарорҳои идоракунии амалкунанда зоҳир мегардад. Тавассути қарорҳои идоракунӣ сиёсат ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия дар низоми идоракунии муосир таъсир расонида, вобаста ба мазмун ва шакли зуҳуроташ ба фаъолияти ниҳодҳои ҳукуматӣ ва ҷамъиятӣ таъсири муайянкунанда мерасонанд.

Ҳамин тавр, сиёсат дар низоми идоракунии муосир мақом ва нақши муассирро касб намуда, худ ба омили пешрафти сиёсӣ мубаддал мегардад. Таърифи пешниҳоднамудаи сиёсат, ки маҳсули афкори Тавадов Г.Т. мебошад, хосияти умумӣ пайдо намудааст. Он метавонад ҳам моҳиятан ва ҳам шаклан сиёсатро фаро гирифта, дар таҳқиқи раванду ҳодисаҳои сиёсӣ роҳҳи наву самарабахшро пайдо мекунонад. Таърифи мазкур арзишманд буда, барои дарки минбаъдаи назарияи сиёсӣ имкониятҳои навро ба миён меорад.

Бояд таъкид намуд, ки моҳият ва хусусиятҳои асосии сиёсати давлатӣ дар раванди идоракунӣ зуҳуроти барҷастаро пайдо менамояд. Зеро идоракунии сиёсӣ ин ҳамон натиҷаҳои охири илмҳои сиёсӣ мебошад. Дар ҳамбастагӣ бо сиёсати давлатӣ идоракунии сиёсӣ ва хусусиятҳои онро ба таври зерин тавсиф намудан кофӣ аст:

- идоракунии сиёсӣ ҳамчун шакли фаъолият. Бояд он ҷиҳат ба эътибор гирифта шавад, ки идоракунӣ ҳамчун шакли фаъолияти акторҳои гуногун ва зиёд аҳаммияти муҳим дошта муҳим аст, ки дар дар амалҳои мақомоти идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ воқеият пайдо намуда, ба таҳия, таҳлил ва қабулу дар амал татбиқ намудани қарорҳои умумӣ ва саҳавии идоракунӣ нигаронида шудааст;

- идоракунӣ ба сифати навъи муайяни танзимнамоӣ ва таъсиррасонӣ дар системаҳои гуногуни ҷамъиятӣ. Чунин маънидодкунӣ таснифоти умумии идоракунӣ ба ҳисоб рафта, ба соҳаи донишҳои кибернетикӣ пайваст мегардад. Ин низоми донишҳои муосир алоқаи ҷавобии байни унсурҳои мухталиф ва ё объектҳои таҳқиқшавандаро нишон медиҳад;

- мақом ва нақши муносибатҳои амудии амрдиҳиву тобеиятӣ дар низоми идоракунӣ. Аҳаммияти муҳимро он ҳолат пайдо менамояд, ки ҳар як дастуру супоришот ба пуррагӣ мавриди иҷро қарор гиранд. Дар низоми муайян муносибатҳои фармон додан ва итоат намудан дар рафти идоракунӣ аз худ дарак медиҳанд. ҲОлати мазкурро наметавон ба инобат нагирифт. Бе он идоракунӣ маъно надорад. Аммо ибрози чунин андеша

ҳоло моҳият, зуҳури идоракунӣ ва ҷойгоҳи онро дар ҳаёт ва фаъолияти одамон муайян намекунад;

- идоракунӣ ҳолати махсуси муносибатҳои байни акторҳои раванди ҷамъиятӣ мебошад ва он ба таври мақсаднок ба амал меояд. Он ба идора намудани объект равона шудааст [30, с. 109].

Зери мафҳуми "идоракунӣ" таъсири мақсадноки субъект ба объект барои гузаронидани он ба ҳолати дигар ё раванди гузариши система аз як ҳолат ба ҳолати дигар тариқи таъсиррасонӣ ба мақсади тағйир ё нигоҳ доштани ҳолат, рафтор ё амал, ки дар доираи низоми муайяни муносибатҳо амалӣ мегардад, фаҳмида мешавад [39, с. 234] .

Идоракунӣ ин вазифаи системаҳои муташаккили хусусияти гуногун мебошад, ки нигоҳ доштани сохтори муайяни онҳо, режими фаъолият, амалӣ намудани барномаҳо, бадастории мақсадҳоро таъмин менамояд. Бе идоракунӣ мувоизинат дар низоми коинот, рушду тараққӣ дар табиат, фаъолияти гурӯҳҳои одамон аз имкон берун аст [145, с. 12] .

Идоракунии иҷтимоӣ ҳамчун таъсиррасонӣ ба ҷомеа ба хотири танзими он, нигоҳ доштани хусусиятҳои сифатӣ, такмил ва рушди хусусияти ҳар як ҷомеа аст, ки аз табиати низомӣ, хусусияти ҷамъиятии меҳнат, зарурати муошироти одамон дар раванди меҳнат ва ҳаёт, иваз намудани маҳсулоти фаъолияти моддӣ ва маънавии онҳо бармеояд [80, с.298].

Дар шароити имрӯза дар нисбати идоракунии сиёсӣ инчунин мафҳуми "менеҷменти сиёсӣ" истифода мешавад, ки ҳамчун раванди банақшагирӣ, ташкил, ҳавасманднамоӣ ва назорат, ки барои муайян ва бадастории мақсади созмону ташкилот зарур аст, баррасӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти хусусиятҳои зикргардидаи давлат ва идоракунӣ зарур мешуморем, ки мафҳуми "сиёсати давлатӣ" –ро тасниф намоем.

Дар таснифоти мафҳуми “сиёсати давлатӣ” муносибатҳои илмӣ мавҷуданд. Метавон таснифотҳои зеринро мувофиқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти мазкур интихоб намуда, баррасӣ намуд:

- сиёсати давлатӣ ин таъсиррасонии амалӣ, муташаккил ва танзимкунандаи давлат тариқи низоми сохторҳои худ ба ҳаёт ва фаъолияти ҷамъиятӣ ва хусусии одамон бо мақсади танзим, таҳким, такмил ва ё тағйири он аст; [28, с.32].

- сиёсати давлатӣ ҳамчун омили муҳими таъсиррасонии мақсадноки давлат ва ниҳодҳои давлатӣ, субъектҳои гуногуни идоракунии давлатӣ ба равандҳои ҷамъиятӣ, ба муносибатҳои байниҳамдигарии одамон ва фаъолиятҳои гуногуни онҳо мебошад; [60, с.13].

- сиёсати давлатӣ ин раванди танзими муносибатҳо дар дохили давлат тариқи тақсими фазои таъсиррасонӣ байни сатҳҳои асосии ҳудудӣ ва шохаҳои ҳокимият аст; [127, с. 103].

- сиёсати давлатӣ ин фаъолият нисбат ба амалӣ намудани ваколатҳои қонунгузорӣ, судӣ, иҷроия ва дигар ваколатҳои ҳокимиятӣ бо мақсади иҷроиши вазифаҳо ҳам дар тамоми ҷомеа ва ҳам дар қисмҳои алоҳидаи таркибии он аст [85, с.64].

Мафҳуми “сиёсати давлатӣ” фаъолияти иҷроиявию тақсимотии ниҳодҳои идоракунии давлатӣ, [55, с.8] пеш аз ҳама, фаъолияти тақсимотии ҳокимияти давлатӣ ва махсусан, фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро фаро гирифта, онро ҳамчун мақоми фаъоли идоракунии давлатӣ маънидод менамоянд [86, с.13].

Ҳамин тариқ, муносибатҳои муосири идоракунии давлатиро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, дар заминаи эътибори хусусиятҳои идории давлат ва мақомоти мухталифи он натиҷагирӣ намудан мумкин аст, ки сиёсати давлатӣ ба сифати фаъолияти мақомоти ҳокимият амал менамояд ва ҳадафи асосии онро ҳимояи манфиатҳои давлат, ҷомеа ва фардҳои мушаххас ташкил менамоянд.

Аз баррасии раванди идоракунӣ ба таснифоти система гузашта, ба инобат гирифтани моҳияти идоракунӣ ва хусусиятҳои сиёсати давлатӣ зарур аст. Таҳқиқи мафҳуми “идоракунӣ” ҳамчун институти иҷтимоӣ дар самтҳои мухталиф бо ошкор намудани моҳияти сиёсати давлатӣ амалӣ мешавад. Ба ҳамаи ин пешравиҳо нигоҳ накарда, дар раванди идоракунии сиёси давлатӣ масъалаҳои зиёду гуногуне ҳастӣ доранд, ки онҳо низ ҳалли бевосита ва дарҳоли худро тақозо менамоянд.

Баъзан, муҳаққиқон иброз медоранд, ки дар илмҳои сиёсӣ диди воҳид нисбат ба мафҳуми «сиёсати давлатӣ» мавҷуд нест. Бархе аз  муҳаққиқон онро аз нуқтаи назари моҳият, мундариҷаи воқеӣ, гурӯҳи дигар дар асоси шаклҳои амал намудани он ин мафҳумро тасниф менамоянд. Одатан мафҳуми “сиёсати давлатӣ” тариқи маҳдуд намудани як қатор навъҳои фаъолияти давлатӣ дар нисбати навъҳои дигар муайян карда мешавад. Таснифоти нисбатан паҳнгардида чунин арзёбӣ мегардад: сиёсати давлатӣ навъи мустақили фаъолияти давлатӣ аст дониста мешавад, ки дорои хусусияти иҷроишиву фармондиҳӣ, мақомоти амалӣ намудани вазифаҳои давлат дар раванди танзими соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва маъмуриву сиёсӣ мебошад [22, с. 256]. Дар рафти инкишофи ҷомеа сиёсати давлатӣ роҳи дуру дарозеро тай намуда, аз шаклӣ одӣ ба мураккаб расида, сатҳи мухталифи муносибатҳоро дар бар гирифта, низоми идоракунии иерархиро такмил додааст. Дар бархе аз таҳқиқотҳои илмӣ ба мафҳумҳои «таъсир», «таъсиррасонӣ», «тағйирот», «тағйироти воқеӣ» ва ғайра нигоҳи наву назаррасе ташаккул ва инкишоф ёфтааст. Онҳо «идоракунӣ»-ро бо инсон ва ҷомеа пайвасти қавӣ гардонида, робитаи мутақобилаи байни онҳоро ба вуҷуд меоранд.

Г. В. Атаманчук чунин муносибатро ҳамчун имкониятҳои васеи таҳқиқотӣ дониста, асосҳои дарки воқеии идоракуниро тавсиф намудааст. Аммо муносибатҳои дигарро низ ба эътибор мегирад. Зеро онҳо низ барои таснифи ҷанбаҳо ва унсурҳои дигари идоракунӣ мусоидат менамоянд. Идоракунӣ замони воқеият меёбад, ки дар фаъолиятҳо ва

амалҳои дигар муносибатҳо, равандҳо ва объектҳои мухталифро ибтидои муносибати бошуурона, такя ба низоми донишҳои муосир дар асоси мақсадҳо ва вазифаҳои ҳам инсон ва ҷомеа зоҳир мешавад.

Г. В. Атаманчук сиёсати давлатиро ҳамчун таъсири амалӣ, ташкилӣ ва низоми назоратӣ ба танзим, нигоҳдорӣ, тағйири сохторҳои гуногуни ҷомеа ва воситаҳои зиндагии мардум тавассути истифодаи қудрат аз ҷониби давлат мешумора [23, с. 38].

Ҳамин тариқ, дар доираҳои илмӣ ду тарзи муносибати таснифи сиёсати давлатӣ коркард гардидааст. Мувофиқи муносибати якум – сиёсати давлатӣ дар фаҳми васеъ ин фаъолияти танзимии давлат ба таври умумӣ, фаъолияти мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ, прократура, суд ва ғайраҳо ба ҳисоб меравад. Олимон таъкид менамоянд, ки сиёсати давлатӣ аз тарафи тамоми сохторҳои давлатӣ амалӣ карда мешавад [157. с, 18]. Мувофиқи муносибати дуюм – сиёсати давлатӣ дар фаҳми маҳдуд ин фаъолияти маъмурӣ аст, яъне фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, мақомоти иҷроиявӣ-тақсимотии давлат нисбати амалӣ намудани ҳокимияти иҷроия дар сатҳи давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Классификатсияи пурраи сиёсати давлатӣ мазмуну мундариҷаи асосии он – таъсиррасонии мақсадноки амалии давлат ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки мақсади он такмил, ташкили низоми мувофиқ ва таъсири танзимнамоӣ ба он, яъне таъмини амал намудани система ва имконияти тағйироти онро нишон медиҳанд. Чунин таъсиррасонӣ маҳз аз тарафи давлат, бо хусусияти усул ва воситаҳои истифодашавандаи идоракунӣ таъмин карда мешавад.

Г.В.Атаманчук се хусусияти ҳатмии идоракунии давлатиро нишон медиҳад:

- таъсиррасонии идоракунӣ дар қувваи ҳокимияти давлатӣ такя менамояд;

- паҳн гардидани сиёсати давлатӣ дар тамоми ҷомеа, яъне хусусияти умумият доштани он;

- низомияти сиёсати давлатӣ [24, с.35].

Низоми идоракунӣ яке аз мафҳумҳои паҳнгардида дар низоми идоракунӣ, назарияи ташкилот, назарияи иттилоот ва донишҳои омехта маҳсуб меёбад.

Масалан, Атаманчук Г.В. чунин мефармояд: «Сиёсати давлатӣ ҳамчун ҷавҳар ва падида, мундариҷа ва шакл, таъсиррасонӣ ва фаъолият, дар дигар ифодаҳои гуногунҷанбаи худ дар воқеъ дар ягонагӣ ва вобастагӣ ба сифати низоми умумӣ ва мураккаб мавҷуд аст» [22, с.256] .

Ғояи таҳлили низомӣ яке аз воситаҳои пурмаҳсули таҳқиқи дақиқи назариявии масъалаҳои идоракунӣ ба ҳисоб меравад. Система будан ба сиёсати давлатӣ мобилият, ҳамоҳангсозӣ, тобеъият, мақсаднокӣ ва самаранокии муайяни заруриро медиҳад.

Системаро метавон дар сатҳ ва шакли мухталиф маънидод намуд. Онро ҳамчун ҳодисаи яклухт, ё падидаи мавҳумӣ ва ё раванди воқеӣ тавсиф намудан мумкин аст. Он аз унсурҳзои гуногуни ба ҳам пайваст ва аз раванду ҳодисаҳои якҷоя амалкунанда таркиб ёфтааст. Тағйирот дар яке аз предметҳо боиси тағйирот дар унсурони дигари таркибӣ мегардад. Дар бештари ҳолатҳо чунин тағйирот боиси дигаршавии кулли система мегардад. Ҳолати умумӣ ва хусусиятҳои он аз вазъият ва низоми инкишофи қисматҳои таркибии силсила вобастаанд. Дар сатҳи унсури таркиботӣ, субъекти иҷтимоӣ ва фаъоли сиёсати давлатӣ шахс, гурӯҳ, умумияти иҷтимоӣ ва сохторҳои таркиботии ҳокимияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ баромад менамоянд. Онҳо ба сифати ҳам объект ва ҳам субъекти идоракунӣ фаъолият менамоянд. Пайвастагӣ ва ҳамгироии фаъолияти субъектҳо ба раванди идоракунии сиёсӣ сифати хосаеро зам менамояд. Ба сифати воҳиди пурра баромад намудани қисмҳои таркиботӣ маънои онро ифода мекунад, ки онҳо дар низоми пайвасти қонунии сохторӣ амал менамоянд. Гарчанде ки воҳидҳои алоҳидаи идоракунии сиёсӣ ҳамчун мустақилияти нисбӣ дошта бошанд ҳам, онҳо воқеан ҳам дар

ҳамгироии қавӣ ва доимии сохторӣ амал намуда, нишондодҳои асосии унсурҳои ҳодисаи навро аз худ нишон медиҳанд.

Сохтори ташкилот, ки ҳамчун субъекти идоракунӣ фаъолияти менамояд хосияти муҳимтарини ягонагии системаро нишон медиҳад. Он унсури ташкили дохилии система мебошад. Хусусиятҳои сохтори низоми ягона, пеш аз ҳама, аз унсурҳои таркибии сохтори ташкилот бармеоянд. Сохтори ташкилот ва ё муассисае, ки ба идоракунӣ машғул аст ба таври мухталиф зоҳир мегардад. Он метавонад одӣ ва ё мураккаб, устувор ва ё ноустувор, гуногун ва ё якхела, муайян ва ё номуайян бошад. Вобаста ба сохтораш он вазифаҳои гуногунро дар раванди идоракунии сиёсӣ анҷом медиҳад.

Дар идоракунӣ яке аз зернизомҳо новобаста аз табиати биологӣ ва иҷтимоии худ сохтори идоракунанда, дигар зернизом бошад, новобаста аз табиати худ – сохтори идорашаванда ба ҳисоб меравад. Ба таври одӣ ва муқаррарӣ идоракунандаро субъект ва идорашавандаро ҳамчун объекти идоракунӣ тавсиф менамоянд. Идоракуниро ҳамчун ҳамгироии субъект ва объект дар масъалаи матраҳшаванда тавсиф намудан аз воқеият дур нест. Он раванди робитаи идоракунанда ва идорашавандаро дар худ таҷассум менамояд.

Таҳлил ва натиҷагирии системавӣ таснифоти унсурҳо ва сохтори таркиботии идоракуниро пеш мегузорад. Ба унсурҳои идоракунӣ объект, субъект, мақсад, вазифаҳо, принсипҳо ва меъёрҳо ва инчунин методҳои идоракунӣ ворид мешаванд. Унсурҳо, ки дар якҷоягӣ системаи таркиботиро созмон медиҳанд, ҳамчун низоми режими поёнӣ мавриди таҳқиқ қарор дода мешаванд.

Дар таҳлил ва хулосагирии сиёсати давлатӣ масъалаи субъектҳои он аҳаммияти муҳим пайдо намуда, он ба сифати унсури марказӣ ва пешбар аз хеш дарак медиҳад. Он ҳамчун неруи муташаккил ва мутаҳаррики идоракунӣ амал менамояд. Моҳияти субъекти идоракунии сиёсӣ ва

хусусиятҳои он зуҳуроти иҷтимоии идоракуниро ифода намуда, дар ташаккул ва инкишофи он саҳми асосӣ мегиранд.

Системаи идоракунии сиёсии муосирро дар доираи се шарти зерин маънидод менамоянд:

- пайвасти бевоситаи идоракунандагон ва идорашаванда, ки заминаи он идоракунӣ ба амал меояд;

- алоқаи ҷавобии унсури идорашаванда ба унсури идоракунандаи низом;

- коркарди иттилооти вазъияти ҷории унсури идорашавандаи низом, ки бо каналҳои мухталифи алоқаи ҷавобӣ ба даст оварда мешаванд [115, с. 132].

Объекти сиёсати давлатӣ метавонад ҳам ҷомеа дар умум, ҳам муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа, ки таҳти танзими давлатӣ қарор доранд, баромад намоянд. Субъекти идоракунӣ барои сиёсати давлатӣ ин институтҳои давлатӣ, сохтори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор мебошанд, ки салоҳиятҳои зарурӣ доранд ва дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии муқарраршуда аз номи ҷомеа амал менамоянд. Фарқияти сиёсати давлатӣ тавре ифода мегардад, ки объект ва субъекти идоракунӣ низоми иерархиро ташкил намедиҳанд ва идоракунии объект на бо дастурҳо ва амру фармонҳои бевосита, балки тавассути қабули меъёру қоидаҳо ва истифодаи маҷбурнамоӣ дар ҳолати иҷро нагардидани меъёрҳо амалӣ мегардад.

Субъект ва объект дар якҷоягӣ низоми идоракуниро ташкил менамоянд. Низом ин маҷмӯи унсурҳо аст, ки дар якҷоягӣ дорои хусусиятҳои нав мебошанд ва дар алоҳидагӣ дар ҳар як ин унсур чунин хусусият надорад. Низоми сиёсати давлатӣ маҷмӯи ташкилотҳо, вазифаҳо, муносибатҳо, усулҳои идоракунии ҷомеа мебошад.

Сиёсати давлатӣ ҳамчун низом чун маҷмӯи унсурҳои бо ҳам алоқаманди идоракунӣ, ҳамкории дастгоҳи маъмурӣ ва ҷомеа, муносибатҳои иҷтимоӣ баррасӣ карда мешавад. Дар низом байни субъект

ва объект алоқаи бевосита ва ҷавобӣ ба миён меояд. Алоқаи бевосита ин таъсиррасонии идоракунӣ аст, алоқаи ҷавобӣ – ин амали ҷавобӣ ба таъсири идоракунӣ мебошад, ки аз ҷониби субъект қабул карда мешавад.

Дар сарчашмаҳои илмӣ муаллифони гуногун фарқияти байни низоми идоракунӣ ва раванди идоракуниро пешниҳод намудаанд. Таҳлили идоракунӣ аз нуқтаи назари шакл ё сохтори он ба низоми идоракунӣ тааллуқ дорад, дар ҳолате, ки баррасии мазмуну мундариҷа ва вазифаҳои он дар доираи раванди идоракунӣ ва дарёфти роҳу воситаҳои беҳтари амалишавии он воқеият меёбад.

Петрушенко Л. А.дар рисолаи «Принсипи алоқаи баргашт» чунин мефармояд: «Ҳангоми кор бо маҷмуи унсурҳои якҷоя амалкунанда, чунин мафҳумҳои ноаён, ба монанди танзим ва худтанзимкунӣ истифода мешаванд. Танзим, ки ба раванди идоракунӣ хос аст, дар натиҷаи робитаи ногусастанӣ бо раванди танзимкунӣ ихтилофоти дохилӣ мансуб мегардад. Он дар муносибати муайян ҳамчун мухолифи идоракунӣ баромад менамояд. Бо сабаби ин робитаи ногусастанӣ мафҳумҳои «идоракунӣ» ва «танзимнамоӣ» одатан ҳамчун муродиф истифода мешаванд. Идоракунӣ ва танзимнамоӣ муродиф нестанд, гарчанде ки зуҳуроте, ки ин мафҳумро ташкил медиҳанд, ба ҳам пайванданд» [115, с.132].

Дар шакли умумӣ идоракуни ҳамчун падидаи иҷтимоии низомӣ – ин низоми идоракунӣ аст, ки аз се унсур: идоракуннанда, идорашаванда ва тарзи идоракунӣ иборат аст. Ҳамчун раванди идоракунии иҷтимоӣ бошад, идоракунӣ – ин таъсиррасонии мақсадноки субъекти идоракунӣ ба объекти идоракунӣ аст.

Ҳамин тариқ, ҳамчун низом сиёсати давлатӣ аз субъекти идоракунӣ – мақомоти ҳокимияти давлатӣ, объекти идоракунӣ – ҷомеа. Соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва фардиятҳои алоҳида, инчунин механизми сиёсати давлатӣ – ташкилнамоии таъсиррасонии субъекти идоракунӣ ба объекти идоракунӣ иборат мебошад.

Сиёсати давлатӣ, ки асоси ба ҳисоб гирифтани назария ва парадигмаҳои мухталиф таҳия шудааст ва ба таври васеъ технологияҳои иттилоотии муосир истифода гардидаанд, самаранокии фаъолияти ниҳодҳои шарикӣ ва сифати баланди хизматрасониҳои давлатиро ба вуҷуд меоранд.

Лекин, муайян намудан зарур аст, ки мақсади асосии ислоҳот ва гузариши ташкилотҳои сиёсати давлатӣ дар чӣ зоҳир мегардад. Оид ба иқтисодиёти рақамӣ сухан ронда, мо боястӣ як нуктаро хуб дарк кунем, ки ҳадаф иқтисоди нав нест, балки интиқол ва гузариш ба иқтсоде, мебошад, ки дар заминаи технологияи пешрафта роҳандозӣ шудааст, ки он дар навбати хеш имоноту зарфиятҳои навро рӯйи кор хоҳад овард. Дар мавриди мазкур сухан дар бораи тағйири воситаҳо дар системаи сиёсати давлатӣ, гузариш ба технологияҳои нави ташкили сиёсати давлатӣ ва иқтисодиёт меравад [162, с. 3].

Гузариши системаи сиёсати давлатӣ фақат дар асоси ислоҳоти таркиботии муассисаҳо ва тағйири мақсад ва вазифаҳои идоракунӣ дар заминаҳои иттилоотӣ ва низомҳои электронӣ ба вуқуъ намепайвандад. Ҳадаф аз овардани технологияи иттилоотӣ ё ба қавли маъруф рақамӣ ба системаи сиёсати давлатӣ сифатан беҳтар намудани корҳо мебошад. Пас аз ворид шудани ин технология суръати корҳо ба маротиб афзуда, сифати иҷрои дастуру супоришҳо якчанд маротиба боло меравад. Ҳаминро таъкид намудан лозим аст, ки зимни ворид кардани ин технология масоили дигаре низ пеш меояд, ки онҳо боз роҳҳои ҳаллу фасли дигарро талаб мекунанд. Перомуни ин масоил мо дар ҷойи дигар баҳси доманадореро оғоз хоҳем кард. Аммо як нукта мусаллам аст, ки ҳадаф аз ворид намудани ин технология беҳтар кардани сифат ва таъмини рушди идоракунии ҷомеа мебошад. Ҳамзамон, сифати идоракунӣ ҳамчун дастовардҳои саривақтӣ бо захираҳои ҳадди ақали давлатӣ дар заминаи маҷмӯи самаранокӣ ва демократия, ки мувофиқати хизматчиёни

давлатиро бо арзишҳои асосии сиёсати давлатӣ таъмин мекунад, фаҳмида мешавад.

Дар шароити имрӯза таъсири самараноки давлат ҳамчун субъекти идоракунӣ ба унсурҳои мухталифи сохторӣ бояд дар асоси усулҳои системавии сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки доираи идоракунии давлатиро муайян менамоянд, низоми натиҷаҳоиояндабинӣ, ҳам хусусиятҳои дохилии идоракунӣ ва ҳам меъерҳо, пеш аз ҳама, меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин усулҳои ташаккул, амал ва бунёди мақомоти идоракунӣ дар тартиби стратегӣ ва амалкунанда ба роҳ монда шавад.

Чунин фаҳмиши объекти назарияи сиёсати давлатӣ имконият медиҳад, ки усулҳои умумӣ ва сохтори дохилии он бо вобаста намудани мақсад ва методҳои бадастории онҳо муайян карда шавад. Албатта, дар чунин ҳолат, масъалаи маҳдуд намудани объектҳои таҳқиқоти назарияи сиёсати давлатӣ аз дигар илмҳо, ки ба хулосаи онҳо сиёсати давлатӣ такя менамояд, пайдо мешавад. Махсусан, маҳдуднамоӣ бо назарияи иқтисодӣ муҳим гардидааст, зеро вақтҳои охир масъалаи сиёсати иқтисодӣ бештар ба сохтори дохилии сиёсати давлатӣ ҳамчун сиёсати муҳими соҳавӣ дохил мешавад. Дар заминаи назарияи иқтисодӣ масъалаи иқтисодиёти миллӣ ва усулҳои танзими он баррасӣ карда мешаванд. Мавзуи муосири назарияи иқтисодӣ аз тақсимоти захираҳои маҳдуд иборат аст ва заминаи ҷиддии коркарди масъалаҳои сиёсати иқтисодӣ ва идоракунии давлатиро пешниҳод менамояд.

Барои назарияи сиёсати давлатӣ маҷмуи пурраи хулосаҳои назарияи иқтисодӣ дар бораи нақш ва методҳои таъсири давлат ба соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муҳим мебошанд. Дар ин радиф фарқияти назарияи менеҷмент ва назарияи сиёсати давлатӣ ҷой дорад. Идоракунии дохилии ширкатҳо наметавонад аз рӯи усули монандӣ бо идоракунии миқёси давлатӣ шабоҳат дошта бошад. Мақсадҳо, захираҳо, оқибатҳои қарорҳои идораи давлатӣ аз вазифа ва имкониятҳои ширкат фарқ мекунанд.

Бар замми ин масъалаи ташкили дохилии мақомоти давлатӣ дар асоси усулҳои назарияи идоракунӣ ҳал карда мешаванд. Масъалаи ҷиддии дигари назариявӣ – муайян намудани соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ аст, ки ба он сиёсати давлатӣ таъсир мерасонад. Дар нигоҳи аввал, муайян намудани ин масъала сода аст. Он тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа: иқтисодиёт, иҷтимоиёт, сиёсат, маънавиётро дар бар мегирад. Давлат усулҳои амал намудан ва меъёрҳои фаъолиятро дар зерсистемаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа коркард менамояд. Дар соҳаи иқтисодӣ, пеш аз ҳама, муайян намудани меъёрҳои истифодаи маблағҳои буҷавӣ, муайян намудани низоми андозбандӣ; дар соҳаи иҷтимоӣ – муайян намудан ва татбиқи меъёрҳои таъминоти нафақавӣ, ташкили музди меҳнати адолатнок дар соҳаи кормандон ва хизматчиёни буҷавӣ; дар сиёсат муқаррар намудани меъёрҳо ва усулҳои фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷомеаи маданӣ, намояндагиҳои иҷтимоӣ ва ғайра мансуб мегарданд.

Вазифаҳои муҳимтарини сиёсати давлатиро ҳавасманднамоии муайяни ташкилотҳои шаклҳои мухталифи моликият, муайян намудани ҳавасмандии шахс тавассути амал, тағйир додан ё нигоҳ доштани сохтори иҷтимоии ҷомеа ташкил менамоянд. Сохтори иҷтимоии ҷомеа ба монанди дигар объектҳои сиёсати давлатӣ, ба он таъсири назаррас мерасонад.

Ҳалқаи робитавии чунин таъсир фаъолият ва рафтори гурӯҳҳои иҷтимоӣ, татбиқи манфиатҳои мушаххаси иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии онҳо ба ҳисоб меравад. Таҳлили манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҳамоҳангсозии онҳо низ бояд ба объекти омӯзиши назарияи сиёсати давлатӣ дохил карда шавад.

Ҷудо намудани ин вазифа ва ворид намудани принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ ба сохтори идоракунӣ проблемаи нисбатан васеъ – талабот ба сотсиологияро дар сиёсати давлатӣ дар як қатор бо назарияи иқтисодӣ ва назарияи менеҷмент мегузорад. Илова бар ин, барои идоракунии вазъияти гузариши рушди ҷамъиятӣ ҳолати принсипалӣ ҷой дорад, ки ба ҷудо

намудани  объекти муҳими сиёсати давлатӣ аз соҳаи иҷтимоӣ – сохтори иҷтимоии ҷомеа мусоидат менамояд.

Дар низоми сиёсати давлатӣ, ки дар он иерархияи бевосита ҷой надорад, алоқаи ҷавобӣ ба таври саҳеҳ ифода нагардидааст. Дар ҳолати низоми самараноки интихобот маҳз раванди интихоботӣ алоқаи ҷавобӣ мегардад, ки амали ҷавобии объектро ба идоракунӣ мерасонад. Алоқаи ҷавобӣ метавонад ҳамчун риояи меъёрҳо ва қоидаҳо ё эътироз бар зидди идоракунӣ бошад, лекин ин аллакай барои низоми идоракунӣ нуқтаи танқидӣ мансуб мегардад.

Ҳамин тавр, масъалаи алоқаи ҷавобӣ боз як хусусияти хоси сиёсати давлатӣ мебошад.

Сиёсати давлатӣ, асосан ду навъи асосӣ ва шаклҳои гуногунро касб намудааст. Одатан сиёсати давлатиро ба сиёсати дохилӣ ва сиёсати хориҷӣ ҷудо менамоянд.

Сиёсати дохилӣ маҷмӯи масъалаҳои самтҳои инкишофи иқтисодӣ, иҷтимоию мадании ҷомеа, ниҳодҳои гуногуни давлатӣ ва ҷамъиятӣ буда, барои рушди мутаносиб ва муътадили сохти иҷтимоию сиёсӣ нигаронида шудааст. Хусусияти асосии сиёсати дохилӣ он аст, ки давлат инҳисори ҳокимиятро дорад ва нисбати тамоми субъекҳои дохилӣ онро истифода карда метавонад. Сиёсати дохилӣ самтҳои асосии фаъолияти на танҳо давлат, балки тамоми унсурони системаи сиёсӣ, равандҳо ва муносибатҳои сиёсиро дар бар мегирад.

Дар бораи муносибатҳои мутақобилаи ду навъи асосии сиёсат - сиёсати дохилӣ ва сиёсати хориҷӣ андешаҳо якранг нестанд. Бештар он ҷиҳат ба назар мерасад, ки муҳаққиқон афзалият ва ё муносибати дигарро нисбати онҳо чӣ тавр муайян менамоянд. Гоҳо ба сиёсати дохилӣ ва гоҳо ба сиёсати берунӣ афзалият медиҳанд ва гӯё яке самтҳои рушди дигареро муайян мекарда бошад. Андешаҳои мухталифе дар бораи баробарқиматии онҳо низ иброз шудаанд.

Сиёсати хориҷӣ фаъолияти давлат дар арсаи байналхалқӣ буда, муносибатро бо субъектҳои дигари фаъолияти сиёсии хориҷӣ: давлатҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои байналхалқии глобалӣ ва минтақавӣ муайян менамояд ва ба тартиб меандозад. Шакли муҳимтарин ва анъанавии сиёсати хориҷӣ дипломатия ба ҳисоб меравад.

Сиёсати хориҷӣ ифодагар ва воситаи муҳимтарини ҳимояи манфиатҳои миллию давлатӣ дар низоми сиёсии олами муосир ба шумор меравад. Он ҷиҳатҳои зеринро ба таври барҷаста зоҳир менамояд:

- сиёсати хориҷӣ ва татбиқи он ба марҳилаи муайяни инкишофи муносибатҳои сиёсии байналхалқӣ вобаста аст;

- дар системаи сиёсати хориҷӣ бояд барандагони вай, пеш аз ҳама, давлатҳо манфиатҳои ҳамтоҳои дигарро низ ба эътибор гиранд.

Яке аз хосиятҳои сиёсати хориҷиро бояд эътироф ва риояи принсипи бартарии арзишҳои умумибашарӣ нисбати арзишҳои махсус, арзишҳои миллии давлати мазкур низ ташкил диҳанд. Сиёсати хориҷӣ мақсади муайян дошта, вазифаҳои аниқро иҷро менамояд. Давлат дар фаъолияти хориҷии худ аз воситаҳои гуногун истифода менамояд. Шароити мусоиди байналхалқиро барои инкишофи давлат муҳайё месозад.

Ба вазифаи муҳими сиёсати хориҷӣ мубориза барои сулҳу таъмини амният дохил мешаванд. Сиёсати хориҷӣ тавассути воситаҳои гуногун: воситаҳои сиёсӣ, идеологӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва ғ. амалӣ мешавад.

Ҳамин тавр, дар олами муосир системаи сиёсати давлатӣ ҳодисаи рӯзмарра буда, таваҷҷуҳи хосаи акторҳои мухталифро талаб менамояд. Таъсири самараноки давлат ҳамчун субъекти идоракунӣ ба унсурҳои мухталифи сохторӣ бояд дар асоси усулҳои низомии сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки доираи идоракунии давлатиро муайян менамоянд, низоми натиҷаҳоиояндабинӣ, ҳам хусусиятҳои дохилии идоракунӣ ва ҳам меъерҳо, пеш аз ҳама, меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин принсипҳои ташаккул, амал ва бунёди мақомоти идоракунӣ дар режими стратегӣ ва амалкунанда ба роҳ монда шавад.

## 1.2. Принсипҳо ва методҳои таҳияи сиёсати давлатӣ: афзалиятҳо ва норасогиҳои онҳо

Амалӣ гардонидани мақсад ва вазифаҳои давлат тавассути таҳия ва қабули сиёсати давлатӣ воқеӣ мегарданд. Сиёсати давлатӣ маҷмуи мақсадҳо, вазифаҳо, афзалиятҳо, принсипҳо, барномаҳои стратегӣ ва чорабиниҳои нақшавист, ки мақомоти гуногуни давлатӣ коркард менамоянд ва онҳоро дар амал татбиқ месозанд. Мақомоти давлатӣ дар кишварҳои пешрафта барои ҳалли масъалаҳои мазкур намояндагиҳои иҷтимоӣ ва махсусан, намояндагони ҷомеаи маданиро даъват менамоянд ва бо онҳо ҳамкориҳои сатҳи гуногунро амалӣ месозанд. Чунин фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ баҳри ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷомеа ва соҳаҳои алоҳидаи он амалӣ мешавад. Он воситаест, ки ба давлат имконият медиҳад натиҷаҳои назаррас ва дилхоҳро давр соҳаи мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ созад. Мақомоти давлатӣ дар доираи чунин фаъолият аз методҳо ва воситаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва ғайра истифода намуда, онҳоро ҳамчун воситаҳои таъсиррасонӣ истифода менамоянд, ба захираҳои гуногун такя мекунанд. Ҳокимияти давлатӣ чунин захираҳоро ба теъдоди зиёд соҳиб буда, дар бештари ҳолатҳо дар нисбати истифодаи онҳо имкониятҳои канораи легитимиро соҳиб аст.

Ҳамин тавр, сиёсати давлатӣ нақшаи умумии фаъолияти мақомоти сиёсию маъмурии ҳокимият ва низоми идоракунӣ буда, ба ҳалли масъалаҳои муҳимтарин, ки ба ҳаёти рӯзмарраи одамон таъсиргузоранд, дониста мешавад. Аз ин ҷост, ки сиёсати давлатиро аз қисматҳои зерин иборат медонанд:

- муайян намудани ҳадафҳо ва масирҳои асосию муҳимтарини рушду инкишофи ҷомеа;

- таҳия, коркард ва баплангирии  стратегияи сиёсии рушди ҷомеа;

- таҳлил, хулосагирӣ ва баҳои объективӣ додан барномаҳои рақобатнок. Таваҷҷуҳи хоса ба сиёсате, ки нафъовар буда, хараҷоти камтарро талаб дорад;

- ташкили, муҳокимаҳо ва машваратҳо бо қувваҳои мухталифи сиёсии ҷомеа ва намояндагии иҷтимоии аҳолӣ роҷеъ ба масоили муҳим ва рӯзмарраи рушду тараққии ҷомеа;

- интихоб ва ахзи тасмимҳои муҳими давлатӣ ва тавсифу тарғиби онҳо тавассути воситаҳои мухталифи ахбори оммавӣ. Таваҷҷуҳи асосӣ додан ба натиҷаҳои иҷрои қарорҳо ва санадҳои дигари меъёрӣ ва барномаҳои хоса.

Сиёсати давлатӣ яке аз шаклҳои фаъолияти ҷамъиятӣ мансуб мегардад. Вай дорои хусусиятҳо ва махсусиятҳои гуногун мебошад. Аз ҷумла, сиёсати давлатӣ чунин ҳолатҳои ғайримуқаррариро касб намудааст:

- амали мақсадноки ниҳодҳои давлатӣ барои ҳалли масъалаҳои бузурги инкишофи ҷомеа мебошад. Дар доираи чунин муносибатҳо манфиатҳо ва дархостҳои умумиятҳои гуногуни иҷтимоӣ ба эътибор гирифта мешаванд. Аз ин ҷост, ки фаъолияти мақомот ва ниҳодҳои давлатӣ бояд манфиатҳои умумиро инъикос намоянд ва хосияти расмӣ дошта бошанд;

- ҳангоми амалӣ намудани сиёсати давлатӣ, ки дар сатҳ ва шакли маҷмуи амалҳои мувофиқгардонидашудаи фаъолиятҳо ва чорабиниҳо зоҳир мегарданд хусусиятҳои давраи муайяни инкишофи таърихӣ ва муҳити иҷтимоӣ бо мақсади сафарбарнамоии захираҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ эътибори махсус пайдо менамоянд;

- сиёсати давлатӣ ба низоми интишори қонунҳо такя менамояд. Аммо ин кам аст. Сиёсати давлатӣ бояд асосҳои ахлоқӣ ва таърихии фаъолияти ҳаётии одамон ва ҷомеаро низ ба эътибор гирад ва онҳоро ҳамчун асос истифода намояд. Зиёда аз ин, бояд анъанаҳои миллӣ ва вижагиҳои хидмати давлатиро низ мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор диҳад;

- сиёсати давлатӣ ба самт ва ҷонибҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ таъсиргузор мебошад ва чунин таъсиррасониҳо ҳам ҷанбаи мусбӣ ва ҳам ҷанбаи манфи доранд. Мо аз ҳаёти кишварҳо ва таърихи мамлакатҳо хуб медонем, ки сиёсатҳои дуруст мунҷар ба ҷӣ мешаванд ва сиёсатҳои нодуруст ба куҷо мекашанд. Вақте сиёсат дуруст ва фарогири тамоми аҳли ҷомеа аст он вақт нафъи ӯ ба ҳама мерасад ва ҷомеа, мамлакат ва кишвар дар масири рушду тараққӣ қарор мегирад, дар ғайри ин сурат мо бараъкси онро мушоҳида карда метавонем.

Таҷрибаи таърихии халқҳо ва кишварҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳеҷ сурат ҳамаи таъсиррасониҳоро ба муҳити иҷтимоӣ ва табиӣ дониста наметавонем. Зеро донишҳои инсонӣ дар мавриди масъалаи мазкур доимо маҳдуд мебошад. Ҳам дар ҳаёти шахсӣ ва ҳам дар ҳаёти ҷамъиятӣ раванду ҳодисаҳоро то ба охир муайян намудан ғайриимкон аст. Худи рафтори инсон низ то ба охир номуайян аст. Дар зиндагии одамон падидаҳое арзи вуҷуд мекунанд, ки пешбинии онҳо ғайри қобили имкон аст;

- сиёсати давлатӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад. Аз ин хотир, ҳангоми таҳлил ва таркиби он ва коркардҳои сатҳи гуногуни он муносибати байнифаннию синергетикӣ, муносибати комплексӣ бо истифода аз донишҳои пешқадами ҷомеаи муосир ихтиёр карда мешавад. На танҳо низоми донишҳои мухталифи замонавӣ, балки ба таври васеъ таҷрибаи пешқадам ва муваффақиятҳои амалии мамлакатҳои гуногун ба таври васеъ мешавад.

Раванди таҳия ва инкишофи мутаносиби сиёсати давлатӣ дар бештари ҳолатҳо 4 -давраи асосиро фаро мегирад:

- муайян намудани масъалаҳои асосии инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ ва мақсаду вазифаҳои сиёсати давлатӣ. Баъзан онро ҳамчун давраи ташаббус тавсиф менамоянд;

- таҳия ва қонунӣ гардонидани сиёсати давлатӣ. Давраи мазкурро ташаккули сиёсат ном мебаранд;

- дар ҳаёти воқеӣ татбиқ намудани сиёсати давлатӣ;

- ҷамъбаст, баҳогузорӣ ва танзими сиёсати давлатӣ.

Ҳангоми амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар баробари мақсад ва вазифаҳои асосии он мақоми хосаеро принсипҳои ташаккул ва инкишофи он соҳиб мегарданд. Онҳо моҳиятан хусусиятҳои идоракуниро касб менамоянд ва дар бештари ҳолатҳо ҳамчун принсипҳои идоракунии сиёсӣ муаррифӣ мегарданд.

Агар мақсад ва вазифаҳои муҳимтарини сиёсати давлатӣ бештар дар давраи таҳия ва ахзи тасмимҳои идоракунӣ арзиши бештар дошта бошанд, пас принсипҳо, методҳо ва тарзҳои муносибат ба ҳодисаи мазкур бештар ба давраи амалишавии сиёсати давлатӣ пайваст мегарданд. Он як навъ гардиши идоракуние мебошад, ки дар рафти он мақсадҳои асосӣ дар амалияи ҷамъиятӣ татбиқ мегарданд. Маҳз дар ҳамин давраиинкишоф таъсиррасониҳои мухталиф ба иқтисодиёт, соҳаи иҷтимоӣ ва соҳаҳои дигари сиёсати давлатӣ, ки бештар хосияти танзимнамоӣ доранд, дар амал татбиқ мешаванд.

Принсипҳои сиёсати давлатӣ, ки дар заминаи қонунҳои амал намудан ва инкишофи ҷомеа амал менамоянд ба қоидаҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои давлатӣ ва одамону умумиятҳои иҷтимоӣ дар доираи идоракунии равандҳои ҷамъиятӣ такя менамоянд.

Принсипҳои сиёсати давлатиро, дар бештари мавридҳо ба ду қисм ҷудо менамоянд: принсипҳои универсалӣ ва принсипҳои махсус. Принсипҳои универсиалӣ дар тамоми зуҳуроти воқеият ёфтани сиёсати давлатӣ, навъҳо ва шаклҳои он амал менамоянд. Онҳо аҳаммияти умумиро касб намудаанд. Принсипҳои муносибати объективӣ ба раванду ҳодисаҳо, муносибати мушаххас ба ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, марҳилаи асосии раванд ва ошкор намудани он, самаранокӣ, алоқаи бозгашт, мутобиқат бо меъёрҳои ҳуқуқии эътирофшудаи идоракунии ҷомеа ва ғайра дохил мегарданд.

Дар адабиёти илмию оммавӣ ва таълимӣ дар бештари ҳолатҳо принсипҳои асосии идоракунии давлатӣ ва сиёсатро, ки дар маҷмуъ 8-

тоанд ҳамчун принсипҳои универсалии сиёсати давлатӣ муаррифӣ менамоянд. Онҳо, асосан принсипҳои идоракунии сиёсии ҷомеаи комиланд ва дар шакли зерин номгӯӣ мешаванд: принсипҳои ҳукумати конститутсионӣ; ҳокимияти халқӣ; ҳисоботдиҳанда будани ҳокимият; самаранокии идоракунӣ; характери кушода доштани идоракунӣ; ҷавоби зарурӣ ба муҳит ва ё таъсиррасониҳои беруна; мувофиқ будан бо меъёрҳои протсессуалӣ тақсимоти ҳокимият ҳам дар шакли горизонталӣ ва ҳам дар шакли вертикалӣ [104. с, 9].

Истифодаи чунин принсипҳои эътирофшуда шароит фароҳам меоранд, ки масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ ҳалли худро пайдо намоянд. Доираи васеи одамон ба раванди қабули қарорҳои сиёсӣ даст ёбанд. Хайрияти умумро то андозае таъмин созанд ва сифати демократияро пайдо созанд.

Диққати махсусро принсипҳои ҳокимияти халқӣ ва ҳукумати конститутсионӣ ба худ мекашанд. Принсипҳои ҳокимияти халқӣ дар доираи манфиатҳои мардум амал менамояд ва доираи ҳарчи бештари одамонро ба амалӣ гардонидани мақсад ва вазифаҳои сиёсати давлатӣ сафарбар менамояд.

Принсипи ҳукумати конститутсионӣ дар он маъно истифода мешавад, ки ҳукумат бояд дар фаъолияти худ бояд мафиатҳои тамоми мардумро ба роҳбарӣ гирад. Дар ин маврид бояд ҳокимият масъулиятро барои инкишофи ҷомеа ва махсусан, ҷомеаи маданӣ бар душ гирад [104. с, 9]. Бояд он ҷиҳат ба эътибор гирифта шавад, ки таркиби мақомотҳои ҳокимияти давлатии идоракунӣ бояд таркиботи аҳолии мамлакатро инъикос гардонад [104, с.10-11].

Ба ҷумлаи принсипҳои дуюмин, яъне принсипҳои махсус он принсипҳое дохил мегарданд, ки дар раванди идоракунии соҳаҳои алоҳидаи ҳаёти ҷамъиятӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Ё фақат ҳангоми амалӣ намудани навъ ва ё шакли алоҳидаи сиёсати давлатӣ,

сиёсати ҳизбҳои сиёсӣ ва ё ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

Принсипҳои махсусе, ки ҳангоми амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ истифода мешаванд, бештар арзишманд мегарданд. Зеро ин навъҳои сиёсати давлатӣ дар ҳар гуна ҷомеа аҳаммияти бештар доранд. Ба таври тадриҷӣ ва самаранок амалӣ гардидани принсипҳои мазкур дар шароити кишварҳои пешрафта ба ташаккули низомҳои идоракунии иҷтимоию бозорӣ оварда расониданд. Дар шароити ҳозираи инкишофи ҷомеа онро ҳамчун ҷомеаи дорои иқтисодиёти самаранок ва муташаккил арзёбӣ менамоянд.

Таъсиррасонии сиёсати давлатӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти чамъиятиро мавриди омӯзиш қарор дода, мақоми принсипҳои соҳавиро муайян намудан мумкин аст. Масалан, дар шароити ҷомеаи пешрафтаи демократӣ принсипи “масъулияти демократӣ бо алоқаи бозгашт” аҳаммияти муҳимро касб менамояд. Дар бораи аҳамият ва зарурати истифодаи он бештар андеҳо баён намудааст [98, с, 11].

Дар шароити инкишофи бозорӣ давлат бояд принсипҳои “дастнорас будани моликияти шахсӣ ва хусусӣ”, адолати иҷтимоӣ, федерализм, инкишофи муътадили ҷомеа ва ғайра аҳаммияти муҳим пайдо менамоянд [190, P, 247].

Дар шароити ҳозираи инкишоф ба принсипҳои дигар низ ҳарчи бештар муроҷиат менамоянд. Принсипи “сиёсати мувофиқгардонии манфиатҳо” аз ҷумлаи онҳост. Принсипи мазкур фаҳми хосаи сиёсати воқеии давлатӣ, ки вазифаҳои идоракуниро анҷом медиҳад, ифода менамояд. Он принсипи муҳими сиёсати давлатӣ дар раванди идоракунии сиёсӣ ба ҳисоб рафта, ҳадафҳо ва вазифаҳои мувофиқгардонии манфиатҳоро дар худ таҷассум менамояд. Дар зери мафҳуми «манфиатҳо» талаботу дархости ҳамаи умумиятҳои иҷтимоӣ, табақаҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар назар аст. Он аҳамияти стратегӣ дошта, раванди сиёсиро дар марҳилаи муайяни таърихӣ дар назар дорад.

Идоракунӣ, ки хосияти элитарӣ дорад бояд дар сатҳи муносибатҳои институтсионалӣ ба роҳ монда шавад. Манфиатҳои на танҳо умумиятҳои иҷтимоии муосир, балки манфиату талаботҳои наслҳои гуногуни рушди таърихӣ ба инобат гирифта шаванд.

Сиёсати миллӣ бояд, ки дар масири ҳаллу фасли осоиштаи муқовимат ва моҷароҳо ҳаракат кунад. Зиндагӣ, ҳаёт ва таҷрибаи мамлакатҳои дигар баёнгари он мебошад, ки дар мавридҳои зарурӣ ва ниёз давлат аз қувваи зӯрӣ низ истифода мекунад. Аммо ин зӯроварӣ боястӣ дар чаҳорчӯби қавонини амалкунанда бошад ва ба ҳеҷ ваҷҳ хилофи қонуни башар набошад. Ин ҷост, ки муғоират байни ҳифзи манофеи давлат ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон пеш меояд. Мошинаи давлатӣ барои пойдории субот дар ҷомеа маҷбур аст, ки аз зӯр вақувва барои пойдории назму субот истифода кунад, гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонуниро халъи силоҳ намояд, ба муқобили эътирози харобиовари анбӯҳи одамон муқоиват нишон диҳад.

Ҳаққи истифодаи зӯрӣ ва қувва барои пойдории малакат ва мавқеи геополитикии давлат зарур мебошад. Чунки дар ғайри ин сурат қувваҳои низомии ғайриқонунӣ ва ҷудоихоҳ суботи кишварро бар ҳам зада вазъро дар саросари мамлакат хароб мекунанд. Ҳамон тавре ки шоир фармудааст: «Тараҳҳум ба паланги тездандон, ситамгорӣ бувад бар гӯсфандон». Яъне, саҳлангорӣ ва сустӣ дар кори қабули қарорҳои сиёсӣ метавонад вазъи кулли ҷомеаро ноором кунад. Дар чунин маврид, лозим аст, ки сарвари сиёсии мамлакат бо азми қавӣ қарорҳои дахлдор қабул намуда, пеши роҳи нобасомониҳоро гирад. Мо дар таърихи навини Тоҷикистон ду намунаи ин гуна сиёсатро доштем, яъне сиёсати номуваффақ ва сиёсати муваффақ. Сиёсати муваффақ хоси замони идоракунии сиёсии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, пешравиҳои зиёду васеъеро фаро мегирад. Яъне, дар лаҳзаи бисёр ҳассоси сарнавиштсоз бо матонату иродаи қавӣ тасмимҳоеро қабул карданд, ки ҷомеаро аз вартаи ҳалокат раҳонида, дар ҷодаи ободонию шукуфоӣ қарор дод.

Принсипҳои асосии сиёсати иҷтимоиро адолати иҷтимоӣ, масъулияти иҷтимоӣ, ҳамкории иҷтимоӣ, кафолати иҷтимоӣ, муттасилият ва ғайра ташкил менамоянд [138, 34, 144]. Бахусус, мақом ва нақши принсипи “афзалияти ҳуқуқи инсон ва озодиҳои вай”-ро таъкид намудан лозим аст [168, с, 9].

Сиёсати иҷтимоӣ ба санадҳои мухталифи меъёрию ҳуқуқӣ такя намуда, вазифаҳои хешро амалӣ месозад. Махсусан, заминаи асосии ба амал баровардани сиёсати иҷтимоии давлатро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои дигари соҳавӣ ташкил менамоянд.

Ба хотири дарк намудани моҳияти сиёсати давлатӣ баррасии принсипҳо, ки дар онҳо идоракунии сиёсӣ асос ёфтааст, зарур мебошад. Принсипҳои фаъолияти давлатӣ чунин муқаррарот ва идеяҳои асосиву заминавӣ мебошанд, ки хусусиятҳои муҳим, мазмуну мундариҷа ва таъиноти онро муайян менамоянд.

Л.Л. Попов, Ю.И.Мигачев, С.В. Тихомиров навъбандии зерини принсипщои идоракунии давлатиро пешниҳод намудаанд: [119, с, 93] .

- принсипҳои умумии иҷтимоиву ҳуқуқӣ. Ин гурӯҳи принсипҳо муқарраротӣ умумиро дар бар гирифта, бояд аз тарафи тамоми мақомотҳо ва мансабдорон, новобаста аз сатҳ ва мақом дар низоми субъектҳои фаъолияти идоракунӣ иҷро карда шаванд. Ба ин гурӯҳ чунин принсипҳо, ба монанди қонуният, тартибот, мақсаднокӣ, объективият, мутобиқати муттамарказӣ ва ғайримуттамарказии танзимнамоӣ дохил мешаванд.

Принсипи қонуният шомили мавориди зерин мебошад:

- риояи дақиқ ва аниқи меъёрҳои конститусионӣ ва қавонини амалкунанда аз тарафи субъетҳои идоракунӣ;

- ҳар як субъект дар доираи фаъолият ва қабули қарорҳои худ масъул буда, бояsти тамоми рафтор ва муносибатҳои хешро дар доираи меъёрҳои қонунӣ ба роҳ монад;

- мақомот ва ниҳодҳои ваколатдор бояд боварии комил ҳосил намояд, ки меъёрҳои ҳуқуқии қабулгардида ба қувваи бузурги ҳуқуқӣ ва махсусан, афзалиятҳои сиёсӣ мувофиқ бошад.

Тартибот – ин ифодаи вазъияти сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвари мушаххас аст, ки моҳияти он дар иҷроиши уҳдадориҳо, аз он ҷумла, уҳдадориҳои бо риояи қоидаҳои режими хизмати давлатӣ алоқаманд, аз тарафи мақомоти ҳокимияти иҷроия ва дигар мансабдорони давлатӣ зоҳир мегардад.

Мақсаднокӣ – ин принсипи сиёсати давлатӣ аст, ки бадастории мақсадро аз тарафи субъектҳои идоракунӣ бо воситаҳои муносиб, бо вақти муайян ва хароҷоти ками воситаҳои моддӣ пешниҳод менамояд. Принсипи объективият маънои онро дорад, ки мақомоти ҳокимияти иҷроия ва мансабдорон, ба таври воқеӣ захираҳои ҷойдошта, ки барои вазифаҳои идоракунии сиёсӣ заруранд, баҳогузорӣ намоянд.

Принсипҳои гурӯҳи дуюм – принсипҳои ташкилии сиёсати давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Принсипҳои ташкилӣ барои интихоби шакли муносиби бунёди дастгоҳи сиёсати давлатӣ ва амалнамоии он зарур мебошанд. Ин гурӯҳи принсипҳо аз ду зергурӯҳи алоҳида иборат мебошанд. Ба зергурӯҳи якум принсипҳои зерин дохил мешаванд: принсипи соҳавӣ, алоқамандӣ, ҳудудӣ, функсионалӣ, тобеияти дукарата.

Принсипҳои соҳавӣ дар соҳаҳои мухталифи сиёсати давлатӣ амалӣ мегарданд ва дастури муҳими ниҳодҳои идоракунии давлатӣ мансуб мешаванд. Ин принсипҳо имконият медиҳанд, ки захираҳои мавҷуда барои ҳалли вазифаҳои рӯзмарраи идоракунӣ ба таври ратсионалӣ истифода карда шаванд. Принсипи алоқамандӣ тобеияти субъектҳои поёнии идоракунии давлатиро ба субъектҳои болоии сиёсати давлатӣ таъмин менамояд. Ҳар як роҳбар ваколатдор аст, ки ба мақомот ё мансабдор, ки дар тобеияти ӯ қарор доранд дастуруламал ва маслиҳат оид ба пешбурди фаъолияти идоракунӣ диҳад. Принсипи ҳудудӣ ташаккули мақомоти идоракунии давлатиро дар асоси тақсимоти ҳудудӣ пешниҳод менамояд. Ин принсип имконият медиҳад, ки вазифаҳои рушди

иҷтимоиву иқтисодии ин ё он воҳидҳои маъмуриву ҳудудӣ ба таври самаранок иҷро карда шаванд.

Принсипи тобеъияти дукарата хусусияти ин ё он минтақаро дар амалӣ намудани идоракунии муттамаркази давлатӣ ба инобат мегирад.

Ба зергурӯҳи дуюми принсипҳои ташкилнамоии сиёсати давлатӣ чунин принсипҳо, ба монанди мутобиқати яккасардорӣ ва идоракунии коллегиалӣ дар сиёсати давлатӣ, тақсими ратсионалии ваколатҳо байни субъектҳои фаъолияти идоракунӣ ва масъулияту уҳдадориҳои субъектҳои фаъолияти иҷроия оид ба натиҷаи кори худ дохил мешаванд. Принсипи мутобиқати яккасардорӣ ва идоракунии коллегиалӣ ҳалли масъалаҳои идоракунии давлатиро ҳам аз тарафи мақомоти ҳокимиятӣ, ки дар асоси оғози коллегиалӣ бунёд гардидаанд, масалан ҳукумат, ҳам аз тарафи як роҳбари мақомоти ҳокимияти иҷроия пешниҳод менамояд.

Тақсимоти ратсионалии ваколатҳо байни субъектҳои фаъолияти идоракунӣ мустаҳкам намудани дақиқи ваколатҳо, муайян намудани мақоми ҳуқуқӣ, яъне маҷмӯи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, инчунин масъулиятшиносӣ дар ҳолати иҷро нагардидан ё нопурра иҷро гардидани масъулиятҳоро пешниҳод менамояд. Принсипи мазкур барои таъмини амалинамоии самараноки иҷроиши муқаррароти конститутсия, қонунҳо, дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ аз тарафи субъектҳо зарур аст.

Яке аз принсипҳои низоми сиёсати давлатӣ принсипи ошкоро ба ҳисоб меравад. Яъне, фаъолияти мақомоти сиёсати давлатӣ ва маҳаллӣ бояд ошкоро бошад, ба одамон иттилоот оид ба фаъолияти мақомоти давлатӣ дастрас бошад. Принсипи ошкоро ба демократикунонии фаъолияти идоракунӣ мусоидат намуда, имконият медиҳад, ки шаҳрвандон ба раванди қабули қарор таъсир расонанд ва ҳатто дар бештари мавридҳо иштирокчии бевоситаи он бошанд. Чунин тасмимҳо бояд дар масири манофеи мардум ва тамоми аҳли ҷамоатчигӣ равона карда шуда бошанд [64, с, 53].

Ин талабот он чизро кфолат медиҳад, ки тамоми ниҳодҳои дастандаркор дар чаҳорчӯби қавонин амалкунанда фаъолият хоҳанд кард.

Принсипи мазкур имконият медиҳад, ки мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо иштироки васеи шаҳрвандон беҳтар гардад, фаъолнокии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва намояндагиҳои иҷтимоӣ васеъ гарданд, назорати фаъолияти ниҳодҳои идоракунӣ аз тарафи аҳолӣ қувват гирад, асосҳои ҳуқуқии ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ мустаҳкам гардонида шаванд.

Аҳолӣ дар баррасӣ ва қабули қарор, ҳалли корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, бунёди рушди иҷтимоӣ-иқтисодии бунёдиҳои маҳаллӣ иштирок менамояд. Ин принсип шароити омӯзиши бунёдиҳои маҳаллӣ ва коркарди тавсияҳоро нисбат ба идоракунӣ таъмин менамояд. Он баррасии падидаҳоро дар алоқамандӣ ва вобастагии онҳо пешниҳод мекунад.

Ҳангоми таҳкики вазоифи идоракунӣ вобаста ба самтҳои сиёсати давлатӣ ва маҳаллӣ принсипи бо конститутсия муқарраргардидаи ягонагии низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Амалӣ намудани ин принсип пешниҳод менамояд, ки мақомоти мустақили ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои он ба сифати низоми ягона баромад менамоянд.

Илова бар ин, принсипҳои зерин, ба монанди принсипи федерализм, қонуният, сарфа намудан, принсипи ба инобат гирифтани хусусиятҳои объектҳои идорашаванда ва ғайра ҷудо карда мешаванд [134, с, 31-59].

Метавон ба ин номгӯ, принсипҳои ошкорбаёнӣ ва дақиқиву саҳеҳӣ, устуворӣ, муттасилӣ, идорашаванда будан дар доираи ваколати мақомоти мувофиқи идоракуниро ворид намуд. Зеро маҳз ин принсипҳо ва риоя намудани онҳо имконият медиҳад, ки самаранокии иҷро гардидани вазифаҳои мувофиқ аз тарафи тамоми мақомотҳои сиёсати давлатӣ ва маҳаллӣ баланд бардошта шавад.

Сиёсати давлатӣ ва маҳаллӣ дар заминаҳо ва принсипҳои объективӣ асос меёбанд. Иштироки оммаи мардум дар қабули қарорҳои идоракунӣ

бояд яке аз принсипҳои низоми сиёсати давлатӣ ва маҳаллӣ гардад, ки ба принсипҳои таъминкунандаи рушд ва мукаммал гардонидани низоми идоракунӣ дохил мешавад.

Дар асоси чунин технологияи иҷтимоӣ гузариш ба сатҳи нави сифатии муносибати тарафайн дар низоми ҳокимият - ҷомеа имконпазир мегардад, ки ба гуфтугӯи гуногунҷанба ва самаранок, ки ба шароити муфиди кор дар соҳаи мазкур барои тамоми субъектҳои идоракунӣ равона гардидааст, мусоидат менамояд. Аммо, қайд кардан воҷиб аст, ки чунин гуфтугӯ фаъолнокии гурӯҳҳои ҷамъиятиро низ талаб менамояд.

Ҳамин тариқ, принсипҳои сиёсати давлатӣ барои самаранок гардидани раванди идоракунӣ зарур буда, риоя гардидани онҳо сабаби қавии комёбгардии сиёсати давлатӣ мансуб мегарданд. Муҳим аст, ки давлатҳо ва мақомоти мухталифи идоракунии он дар раванди идоракунӣ аз принсипҳои асосии идоракунии давлатӣ васеъ истифода намоянд ва ба ҳалли масъалаҳо муваффақ гарданд.

Дар заминаи таҳқиқ ва таҳлили принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ ба чунин хулосаҳои муҳим омадан лозим аст:

- дар асоси нишондиҳандаҳои муайян ва аҳамияту арзишҳои принсипҳои сиёсати давлатӣ тамоми низомҳои идоракунии сиёсии мавҷударо ба низомҳои идоракунии демократӣ, тамаддунӣ, авторитарӣ, тоталитарӣ ҷудо намудан мумкин аст. Яке аз чунин нишондиҳандаҳои хусусиятҳо ва моҳияти режими сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Тамоми моҳият ва хусусиятҳои сиёсати давлатиро дар худ таҷассум намуда, тартиби идоракунии сиёсии ҷомеаро инъикос менамояд;

- солҳои охир бештар мафҳуми “шакли режими давлатӣ” истифода карда мешавад. Зери мафҳуми “шакли режими давлатӣ” маҷмӯи шакл ва методҳои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ, сиёсати давлатӣ фаҳмида мешавад. Яъне, шакли режими давлатӣ моҳияти сиёсати давлатӣ ва идоракунии сиёсиро дар кишварҳои алоҳида муайян мекунад;

- режими сиёсӣ хусусияти ҳамкориҳои субъекти идоракунии давлатиро бо объектҳои идоракунӣ, яъне масъалаҳои гуногуни ҷомеа муқаррар мекунад. Режими сиёсии давлатиро ба субъекти идоракунӣ, низоми сиёсати давлатии авторитарӣ ва демократӣ тақсим менамоянд;

- дар низоми авторитарии сиёсати давлатӣ таъсири истиснoии яктарафаи субъекти ҳукмрон ба объекти идорашаванда (ҷомеа, одамон, ташкилотҳои он) эътироф мегардад. Проблемаи алоқаи ҷавобӣ дар воқеъ, ихтиёран бартараф карда мешавад. Аз ҷиҳати таърихӣ-типологӣ, низоми авторитарии сиёсати давлатӣ як шакли анъанавӣ ё шакли авторитарӣ - бюрократии ҳокимият мебошад;

- навъи демократии сиёсати давлатӣ чунин як навъ аст, ки дар он субъекти идоракунӣ ба таври сохтори иерархии институтҳои сиёсӣ ва мансабдорон, ки аз ҷониби халқ интихоб гардида, аз тарафи он иваз карда мешавад, пешниҳод менамояд.

Прнисипҳои сиёсати давлатӣ аҳаммияти муҳимро дар низоми идоракунии самаранок пайдо намудаанд. Аммо дар баробари принсипҳо ва меъёрҳо дар сиёсати давлатӣ мақоми пешбар ва ҳатто дар шароити мувофиқ муайянкунандаро методҳо ишғол менамоянд. Ҳамин методҳо ҳастанд, ки сиёсати давлатӣ хосияти самаранокиро пайдо менамоянд. Ба сифати методҳои сиёсати давлатӣ, ки низоми идоракунии сиёсии ҷомеаи муосирро қувват мебахшанд тарзи ташаккул додан ва таъсиррасониҳои танзимнамоии субъектҳои иҷтимоӣ ва ниҳодҳои сиёсӣ ҳангоми идоракунии объектҳо дар назар дошта мешавад. Чунин тарзи муносибат шароити зарурии амали самаранок ва инкишофро ба вуҷуд меорад. Онро ба талабот ва дархостҳои қонуниятҳои рушди ҷомеа мувофиқ мегардонад.

Методҳои сиёсати давлатӣ низ ба ду гурӯҳи асосӣ: методҳои универсалӣ ва методҳои соҳавӣ тақсим мегарданд. Чунин тақсимбандӣ ба сатҳи баамалоии ҳодисаҳо ва истифодаи худи методҳо вобастаанд.

Ба методҳои универсалии сиёсати давлатӣ, ки хусусиятҳои мухталифи таъсиррасониҳои идоракуниро доранд методҳои ташкилию маъмурӣ,

методҳои таъсиррасониҳои иқтисодӣ ва методҳои иҷтимоию психологӣ, ки хосияти таъсиррасонии ахлоқиро касб намудаанд дохил мегарданд. Методҳои ташкилию маъмурӣ маҷбурнамоиҳои давлатию ҳуқуқӣ ва методҳои иқтимодӣ бештар ба омилҳои моддӣ такя менамоянд.

Аммо афзалиятро методҳои соҳавӣ касб менамоянд. Маҳз онҳо дар сиёсати давлатӣ ва раванди татбиқи он бештар истифода мегарданд. Дар байни онҳо методи барномавию мақсаднок нақши асосӣ мебозанд. Он имконият медиҳад, ки воситаҳо ва захираҳои молиявӣ, моддӣ, ташкилӣ ва ғайра дар маҷмуи ягона гирд оварда шаванд. Чунин муттаҳидӣ имконият медиҳанд, ки масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва масъалаҳои дигари инкишофи ҷомеа бо осонӣ ва ё муътадилӣ ҳалли худро пайдо намоянд. Дар бораи хусусиятҳо ва таркиботи чунин барномаҳо ҳамчун санадҳои дастурӣ, ки маҷмуи чорабиниҳои иқтисодӣ, технологӣ, ташкилӣ ва ғайраро фаро мегирад дар таҳқиқотҳои олимони муосир андешаҳо кам нестанд [138, с. 256-258].

Дар кишвари мо методи барномавию мақсаднок ҳанӯз солҳои 80-уми асри XX мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар он солҳо «Барномаи энергетикии СССР», «Барномаи инкишофи истеҳсоли молҳои сермасриф ва хизматрасонӣ» ва ғайра қабул гардида буданд ва ба натиҷаҳои назаррас низ оварда буданд.

Дар шароити ҳозира низ методи мазкур истифода мегардад. Тавассути буҷети ҳукуматӣ барномаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар қатори методҳои барномавию мақсаднок дар сиёсати давлатӣ методҳои гуногуни менеҷерӣ ва методҳои технологияи PR истифода мешаванд. Махсусан, методи “трипартизми иҷтимоӣ” ба таври ҳамешагӣ истифода мешавад. Яъне, байни ҳукумат, корфармо ва иттифоқҳои касаба шартномаҳо баста мешаванд. Он ифодагари манфиатҳои иҷтимоию меҳнатии коргарони кироя аст.

Дар раванди амалӣ намудани сиёсати давлатӣ аз методи “шартномаи иҷтимоӣ” истифода менамоянд. Вай муносибатҳои байни кормандон ва ташкилоту фирмаҳоро муқаррар менамояд.

Сиёсати давлатӣ дар шароити муайян ва ҳолати мусоиди истифодаи воситаҳо амалӣ мегардад. Воситаҳои амалӣ намудани сиёсати давлатӣ вобаста ба шароити кишварҳо дар сатҳи гуногун зоҳир мегарданд. Амалишавии сиёсати давлатӣ аз гуногуншаклии мсоликият, иқтисодиёти бозорӣ, низоми маориф ва махсусиятҳои раванди тарбияи одамон вобаста аст. Дар чунин маврид ҳамаи он чизе, ки ба инкишофи инсон таъсир мерасонад, аҳамиятнок мегардад. Дар раванди воқеӣ гаштани сиёсати давлатӣ унсури камаҳамият вуҷуд надорад. Ҳамаи онҳо арзиши хосаеро касб менамоянд. Сиёсати давлатӣ дар ҳар гуна сурат ба одамон пайваст мегардад, манфиатҳои ӯро фаро мегирад ва бояд воситаи қонеъ гардонидани талабот ва дархостҳои одамон гардад.

Ба сифати шароити амалишавии сиёсати давлатӣ ҷиҳатҳои зеринро нишон додан лозим аст:

- шароите, ки низоми давлатию маъмурӣ ташкил менамояд;

- шароите, ки низоми иҷтимоию психологӣ ба вуҷуд меорад;

- шароите, ки низоми фаъолиятию амалии ҳокимият ва унсурони ҷомеаи шаҳрвандӣ ба миён меоранд.

### 1.3. Хосиятҳои асосии инкишофи сиёсати давлатӣ дар шароити ҳозира

Ҳамагон хуб медонем, ки ҷаҳон вориди низоми нави инкишоф гардидааст. Аз ин рӯ, аз масъулин ва дастандаркорон тақозо карда мешавад, ки бо таваҷҷуҳ ба тағйири вазъ бархурд ва муносибати хешро нисбат ба кору фаъолият тағйир диҳанд. Аз ин лиҳоз, дар тамоми кишварҳо раванди ислоҳоти низоми сиёсати давлатӣ, идоракунии давлатӣ ва ворид намудани технологияҳои навтарин дар соҳаи мазкур ба амалӣ мешаванд. Баррасиҳо баёнгари он мебошанд, ки дар ин масир як идда муваффақиятҳо ба даст оварда шудааст, гарчанде натиҷаҳои бадастомада гуногун буда, дар шароити кишварҳои алоҳида вобаста ба дараҷаи инкишоф ва таркиботи структуравии аҳолӣ аз ҳам фарқ менамоянд.

Ташаккул ва инкишофи низоми сиёсати давлатӣ аз як идда авомил, аз қабили сатҳи рушди ҷомеа, вазъияти фарҳанги сиёсӣ, анъанаҳои сиёсӣ, шаклҳо ва сатҳи дингароии аҳолӣ ва вазъияти умумии рушди хусусиятҳои динӣ, вазъияти мушаххаси таърихӣ, ҳатто шароити ҳудудиву географии кишвар вобаста аст. Гуфтан ҷоиз аст, ки ҷаҳон якрангу якнавохт нест ва ин гуногунрангӣ дар майдони сиёсӣ низ дида мешавад, гурӯҳҳо ва ниҳодҳои сиёсӣ нисбат ба ҳаводис ва воқеаҳои кишвари хеш ва ҷаҳон диду назари мухталиф доранд ва роҳҳи ҳаллу фасли масоилро низ дар робита ба дидгоҳи хеш пешниҳод мекунанд, ки ин метавонад аз роҳу равиши айни масъалаи дар кишварҳои дигар аз замин то осмон фарқ кунад.

Гуфтан ҷоиз аст, ҳатто дар мамлакатҳое, ки дорои шакли ягонаи сохтори давлатӣ мебошанд, дар низоми ҳокимият ва идоракунии онҳо якрангиҳо ва тафовутҳои гуногун ба чашм мерасанд. Бинобар ин, дар ҳаёти воқеӣ низоми умумии сиёсати давлатӣ хусусиятҳои гуногунро пайдо менамояд. Баъзан ҳато дар кишварҳои пешрафта низ равандҳоеро мушоҳида намудан чандон мушкилие надоранд, ки на дар тарзи муносибати меъёрӣ, на дар тарзи татбиқи чорабиниҳо ҷой надорад. Навъи

мушаххаси низоми сиёсати давлатӣ, асосан, аз рӯи хусусиятҳои режими сиёсӣ, инчунин дигар хусусиятҳои сохтори давлатӣ муайян карда мешаванд.

Хусусияти умумии низомҳои сиёсати давлатӣ аз сохтори сиёсию иҷтимоии кишварҳо бармеояд. Таҳлили назариявии унсурҳои сохтории низом ва ташкил намудани он хусусиятҳои сифатии дохилӣ ва аломатҳои низомии унсурҳоро ошкор менамоянд.

Дар шароити имрӯза хусусиятҳои рушди системаи сиёсати давлатӣ аз тарзи муайян намудани масъалаҳои асосии инкишоф ва муносибати байниҳамдигарии объект ва субъектҳои раванди идоракунӣ вобаста аст.

Дар ҳама гуна таснифот, сиёсати давлатӣ бе мавҷудияти таъсиррасонӣ – субъект ва идорашаванда – объект ғайриимкон аст. Зарур аст, ки ин таъсири роҳбарикунанда, ки дар ин ё он мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба амал меояд, ба объекти идорашаванда расад ва ба рафтори одамон таъсир расонад ва онро дигаргун намояд. Дар акси ҳол, наметавон гуфт, ки сиёсати давлатӣ амалӣ шуда истодааст: тамоми системаи он ба зерсистемаҳои ба ҳам алоқаманд ҷудо мешавад, ки ҳар яке назорати худро дар доираи ниҳодҳои давлатӣ амалӣ мекунанд. Аз ин рӯ, барои амали самараноки сиёсати давлатӣ, таъмини низом ва якпорчагии он робитаҳои мустақими амудӣ заруранд, ки ягонагии системаи идоракунии давлатиро инкишоф дода, кафолати онро таъмин менамоянд.

Илова бар ин, мавҷудияти чунин пайвандҳо ба мустақилияти ҷузъҳои поёнии сиёсати давлатӣ, барқарор кардани муносибатҳои уфуқӣ байни онҳо мухолифат намекунад. Ғайр аз ин, муносибатҳои уфуқӣ муносибатҳои амудиро пурра мекунанд ва дар навбати худ хусусиятҳои асосии самтгирии сиёсати давлатӣ ва таъмини системаи идоракунии давлатиро ба амал мебароранд.

Барои татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ ва таъмини инкишофи мутаносиби он ҳамкории субъект ва объекти идоракунӣ зарур аст, ки тавассути пайвандҳои мустақим ва алоқаҳои ҷавобӣ байни онҳо амалӣ

карда мешавад. Пайвасти мустақим маънои таъсири субъект (мақомоти давлатӣ, шахси мансабдор) ба объектро дорад, яъне, ба тағйири рафтори субъект равона карда мешавад. Алоқаҳои ҷавобӣ вокуниши объектро ба қарорҳои идоракунӣ ва амалҳои субъект нишон медиҳанд ва дар ниҳоят сифати идоракуниро муайян мекунанд.

Субъекти бартари дошта дар системаи сиёсати давлатӣ қувваи пешбарандаи раванди идоракунӣ, омили муайянкунандаи он мебошад. Сохтори субъект ва навъи муносибати байни унсурҳои он таҳкими ҳокимияти давлатиро фаро мегирад. Мақомоти олии ҳокимият ба мақомоти марказии идоракунӣ мувофиқ аст; тақсимоти функсионалии ҳокимияти давлатӣ ба шохаҳои он дар марказҳои дахлдор барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар сатҳи олӣ ва минтақавӣ такрор карда мешавад; сохтори иерархии субъекти назорат сохтори иерархии қудратро такрор мекунад.

Робитаҳои бевосита ба таври амудӣ ва уфуқӣ ба амал меоянд. Вобаста ба замони таъсиррасонӣ онҳо хосияти доимӣ, муваққатӣ ё лаҳзавиро пайдо менамоянд (масалан, сарвари давлат дар вазъияти бухронӣ ягон чораи фавқулода андешад). Дар системаи хуб ташкилшудаи идоракунӣ, ба сиёсати комил такя менамояд, таъсири мустақим метавонад нарм ё комилан ноаён бошад ва чун қоида, маҳз ҳамин аст, ки натиҷаҳои беҳтарин медиҳад. Дар ҳолатҳои бухронӣ чунин таъсиррасонӣ метавонад то ба шакли истифодаи қувва бирасад.

Робитаҳои амудӣ маънои пайравии баъзе мақомот ба дастурҳои мақомотҳои дигарро ифода менамояд: ҳукумати маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунӣ - ба ҳукумати минтақавӣ ва ҳукумати минтақавӣ - ба ҳукумати кишвар. Ин пайвастагиҳои тобеӣ мебошанд. Муттамарказии сиёсати давлатӣ ҳамеша ба робитаҳои амудӣ асос меёбад.

Алоқаҳои амудӣ боло ва поён мешаванд, онҳо байни роҳбар ва гурӯҳ, байни роҳбарони сатҳҳои гуногун амалӣ карда мешаванд. Мавҷудияти

алоқаҳои мустақими амудӣ ба мустақилияти объекти идоракунӣ мухолифат намекунад.

Алоқаҳои уфуқӣ бо ҳамкориҳои мақомоти идоракунии мустақил ва баробарҳуқуқ дар доираи қонунгузории амалкунанда тасниф карда мешавад. Онҳо дар дохили як воҳид, байни воҳидҳо, байни мудирон, байни кормандон амалӣ карда мешаванд. Ин алоқаҳо ҳамоҳангсозӣ, ҳамкорӣ мебошанд, ки барои амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсати давлатӣ равона шудаанд ва метавонанд унсури тобеиятро дар бар гиранд.

Алоқаҳои амудӣ аз алоқаҳои уфуқӣ бартарӣ доранд, зеро ба ҳокимияти давлатӣ хусусияти мутамарказонидан ва тамаркуз хос аст. Ин тамоюл бо мухолифати мақомоти ҳудудии идоракунӣ рӯ ба рӯ мешавад. Пайвастагиҳои системавии субъектҳои идоракунӣ динамикӣ мебошанд. Онҳо дар шакли зиддиятҳои ошкоро амалӣ мешаванд, ки дар доираи меъёрҳои конститутсионӣ танзим ва ҳал карда мешаванд.

Таъсири бевоситаи идоракунӣ тағйир додани рафтори объектро дар самти барои субъект зарурӣ дар бар мегирад. Аммо объект на ҳамеша чунин муносибат мекунад: он метавонад на танҳо саркашӣ кунад, балки ба қарорҳо ва амалҳои ҷойдошта фаъолона муқобилат кунад. Ин вазъ тағйири табиати алоқаҳои бевоситаро талаб менамояд: субъект, агар амали ӯ ба конститутсия ва самтҳои асосии сиёсати давлатӣ мухолифат пайдо накунад, метавонад маҷбуркунии қонуниро истифода барад. Истифодаи чунин амалҳо хосияти легитимӣ дошта, дар мазмун ва мундариҷаи сиёсати давлатӣ мақоми хоссаеро ишғол менамояд. Низоми сиёсати давлатӣ устувориро ба даст меорад, агар алоқаҳои бевосита бо алоқаҳои ҷавобӣ пурра карда шаванд. Вобаста аз ҷои пайдоиш ва татбиқи он, ду намуди алоқаи ҷавобиро ҷудо кардан мумкин аст: объективӣ ва субъективӣ.

Алоқаи ҷавобии объективӣ аксуламали дарки таъсиррасонии идоракуниро аз ҷониби системаи идорашаванда инъикос мекунад: изҳори мувофиқа, ихтилоф, дастгирӣ, мухолифат. Ахбору иттилоот дар низоми

сиёсӣ аз субъект ба мақомоти давлатӣ  ва ё ашхоси соҳибмансаб ворид мекардад, то нисбат ба он аз сӯйи мақомҳои дахлдор тасмими дурусте қабул карда шавад. пешниҳод мекунанд. Хулласи калом зикр кардан ба ҷо аст, ки  алоқаҳои бевосита ва ҷавобӣ хусусияти даврагии татбиқи сиёсати давлатӣ мансуб мегардад.

Алоқаҳои ҷавобии субъективӣ имкон медиҳанд, ки маълумотро дар бораи аксуламалҳо ва амалҳои сатҳи поёнӣ ба қарорҳо ва амалҳои сатҳи баландтар ба даст оварда, он мавриди баррасӣ ва таҳлилу хулосагириҳои сатҳи гуногун қарор гирад.

Ба алоқаи ҷавобӣ субъекти назорат, таҳлил ва баҳодиҳии иҷрои вазифаҳои функсионалии шахсони мансабдор дохил мешаванд. Ин алоқаҳо дар назардошти тақсимоти ҳокимияти давлатӣ ба қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ ва инчунин дар кишварҳои дорои ҳукумати ғайримутамарказ нақши махсус доранд. Мухторияти зернизомҳо, мухолифати манфиатҳо ва салоҳиятҳои сохторҳои дастгоҳи давлатӣ ба якдигар метавонад боиси қатъ гардидани алоқаҳо, номутаносибӣ дар амалҳои унсурҳои сохтори низоми идоракунӣ, такрори вазифаҳои онҳо гардад.

Масъалаҳои самаранокии системаи сиёсати давлатӣ ва фаъолияти маъмурияти давлатӣ дар тамоми давру замонҳо аҳамияти махсусро доро буданд. Барои ташкили идораи давлатӣ нақши муҳимро низоми тайёр намудани кадрҳо ва ҷалби онҳо раванди мазкур мебошад. Аз масъалаи мазкур омилҳои дигари идоракунӣ ва рушди кишварҳо вобастаанд. Аз ин хотир, хизмати давлатӣ дар мамлакатҳои мухталиф аз рӯи сафарбарии мутаххасисон ба дастгоҳи маъмурияти давлатӣ тафовути ҷиддӣ доранд. Дар чунин ҳолат мухолифате пайдо мешавад, ки идоракуниро ба мутахассиси дорои ихтисоси маҳдуд бовар намуд, ё ин ки нафари дорои ҷаҳонбинии васе ва мутахассисро интихоб намуд. Масалан, дар Британияи Кабир тасаввуроте, ки бюрократ дар маънои синфи идоракунанда бояд дорои ҷаҳонбинии васеъ бошад, бартарӣ дошт.

Аз ин рӯ, идоракунӣ ва ахзи тасмимҳо мизони дарк ва таҷрибаи маъмурӣ тасаввур кара мешавад. Ҳамин тариқ, идоракунӣ ҳамчун санъати қабули қарорҳо, сатҳи фаҳмиш ва таҷрибаи маъмурӣ тасаввур мешавад. Дар Англия афроде, ки соҳиби донишҳои иҷтимоӣ мебошанд ва аз ин қабил донишгоҳҳо соҳиби диплом гардидаанд, қобили афзалият мебошанд.

Мавҷудияти системаи тайёр намудани кадрҳо барои хизмати давлатӣ дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон, ки дар заминаи сиёсати давлатӣ ва самтҳои инкишофи он сурат мегирад, хеле муҳим мебошад. Дастгоҳи самараноки идоракунии давлатӣ метавонад, ки аз уҳдаи иҷроиши вазифаҳо ба пуррагӣ барояд. Аз ин ҷост, ки раванди омода намудани кадрҳо ва дар сатҳи зарурӣ ҷалб намудани онҳо ба идоракунӣ аҳаммияти муҳим пайдо менамоянд. Таваҷҷуҳро ба донандагони донишҳои иҷтимоӣ ва интихоби мутахассисон дар бахшҳои алоҳидаи идоракунӣ равона намудан лозим аст.

Чунин система метавонад камбудиву норасоиҳоро бартараф намуда, инкишофи соҳаҳои алоҳида ва умуман, тамоми ҷомеаро таъмин намояд. Унсури асосии чунин система бояд зерсистемаи маълумотгирии маъмурон бе ҷудо гардидан аз фаъолияти меҳнатӣ бошад. Низоми идоракунии илм ва маорифи мамлакатро лозим меояд, ки ба маъмурони оянда тамоми асасҳо ва захираҳои илми муосирро дар бораи идоракунии муосир, сиёсати универсиалӣ ва соҳавӣ, низомҳои коммуникатсияи имрӯзаро бо тамоми хусусиятҳояш дар сатҳи кофӣ омӯзонад.

Сиёсати давлатӣ, ташаккул ва инкишофи мутаносиби идоракунии сиёсӣ муносибати ғайрианъанавиро тақозо дорад. Чунин амалро танҳо дар асоси донишҳо ва технологияҳои муосири идоракунӣ иҷро намудан имконпазир аст. Таъсиси низоми интихоб ва омода намудани маъмурон, ки шомили таҷрибаҳои муносибанд, замина фароҳам меорад, ки вазифаҳо дар шакли мутаносиб ба иҷрои хеш бирасанд ва бо ин роҳ пешравӣ дар ин масир таъмин карда шавад.

Чунин муносибат дар иртибот бо низом ва зернизомҳои дигар амал хоҳанд кард. Онҳо дар иртибот бо якдигар барои рушди ҷомеа мусоидат мекунанд.

Унсури асосӣ, ки аз он интихоб ва таъйини кадрҳо, омода намудани хизматчиёни давлатӣ алоқаманд аст, таҳияи сиёсати давлатӣ, ба вежа сиёсати соҳавӣ буда, эҳтимолияти инкишофи мутаносиби онро ба эътибор гирифта, махсусият ва хусусиятҳои тайёр намудан ва истифодаи мутахассисонро барои татбиқи сатҳи зарурии сиёсати давлатӣ истифода бояд намуд. Хизматчиёни давлатӣ бо роҳу усулҳои мухталиф ба мансабҳо гузида мешаванд ва таҷрибаҳо баёнгари он мебошанд, ки аксари хизматчиёни давлатӣ тамоми ҷомеаро фарогир нестанд. Дар кулл хизматчӣ будан худ шомили як сери сифатҳое мебошанд, ки ба ҳар кас хос нест, қабл аз ҳама хизматчии давлат боястӣ ҳисси баланди адлхоҳӣ ва адлгустарӣ дошта бошад ва он ҳам зимни қабули тасмим боястӣ манфиати шахси дигарро дар назар доша бошад, на манфиати худро.

Дар вазъияти феълӣ яке аз проблемаҳои муҳими сиёсати давлатиро проблемаи назорати фаъолияти дастгоҳи давлатӣ ташкил менамояд. Бархе аз донишмандон бар он боваранд, ки дарёфти роҳу воситаҳои ҳалли масъалаҳои маъмурияти давлатӣ дар роҳ наёфтани идоракунандагон ба раванди қабули қарор набуда, дар ташаккул ва инкишофи салоҳиятнокӣ ва масъулиятнокии фаъолияти онҳо мебошад.

Ҳангоми тафсифи масъала ба ду ҷиҳати салоҳиятнокӣ ва масъулиятнокии маъмурои давлатӣ таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир мегардад. Аввало, салоҳиятнокӣ ва масъулиятнокии идоракунандагон ҳамчун мутобиқат ба кодекси касбӣ ва сипас, дар назди мансабдорони интихобгардида, аз ҷумла дар назди амалдорони сиёсӣ.

Салоҳиятнокӣ ва масъулиятнокии идоракунандагонро наметавон дар назди шахсони мансабдор рад намуд. К. Фридрих қайд менамояд, ки бояд ба масъулияти функсионалӣ ва касбӣ такя намуд, яъне мансабдорони давлатӣ, ки қобилияти дар фаъолияти худ меъёрҳои касбии дохилӣ ва

кодекси касбиро риоя менамоянд, бояд интихоб ва тайёр карда шаванд [84, с, 89].

Ч. Хайнеман низ таъкид менамояд, ки самаранокӣ ва масъулияти маъмурон омили хуб аст. Аз ин ҷост, ки низоми идоракунии мусоири давлатӣ самаранокӣ ва масъулияти маъмуронро дар назди мансабдорони интихобшуда ташкил диҳад. Фақат тавассути он назорати ҷамъиятиро аз болои сиёсати маъмурӣ таъм ин намудан мумкин аст. «Ҳукумат дар ҷомеа дорои ҳокимияти бузург аст ва амалҳои зиёди ҳукумат тариқи бюрократия амалӣ мешаванд. Чунин одамон метавонанд, ки ҳам фоида ва ҳам зарар оранд. Консепсияи демократия талаб менамояд, ки бюрократия ба мақомоти интихобии ҳокимият ва мансабдорон тобеъ шавад» [111, с, 145]. Дар баробари амалҳои мазкур низоми хосаи назорат низ аҳамсияти муҳим мебозад.

Назорати фаъолияти маъмурияти давлатӣ бояд доираи васеи идоракунандагон, аз ҷумла роҳбарони сиёсии ҳокимияти иҷроия, ниҳодҳои идоракунии парламентӣ, низоми судӣ ва ғайраро дар бар гирад. Инчунин ба шаклҳои ғайрирасмии назорат низ таваҷҷуҳи хоса мебояд.

Ба ҷумлаи роҳу воситаҳои баланд бардоштан ва такмили самаранокии фаъолияти маъмурони давлатӣ тақсимоти салоҳиятҳо ва ваколатҳои вазифаҳои идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Одатан онро ба идораҳои мустақил ва ва дорои имкониятҳои беҳтари дар раванди идоракунӣ иштирок намудан ҷудо месозанд. Чунин ҳолатро дар бештари мамлакатҳои Европаи Шарқӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Маҳз дар кишварҳои аврупоӣ навовариҳо дар самти идоракунии давлатӣ паҳн карда мешаванд. Қариб тамоми ин навовариҳо, аз як тараф, ба назорати маъмурият ва бартараф намудани камбудиҳои бюрократии идоракунӣ, аз тарафи дигар, ба паст бурдани хароҷот ва баланд бардоштани самаранокии маъмурият равона карда шудаанд.

Воқеан ҳам, бо чунин восита дастгоҳи ягонаи бюрократӣ шикаста мешавад, ё ин ки мавҷудияти минбаъдаи он зери шубҳа гузошта мешавад.

Вазорат воситаҳои буҷавиро, ки барои иҷроиши вазифаҳои оддитарини маъмурӣ ҷудо карда шудааст, тақсим менамояд. Чунин вазифаҳо бо танзими давлатӣ ва қабули қарорҳои ҳокимиятӣ, дар байни агентиҳо ба роҳ мондани озмунҳо алоқамандие надорад.

Ин имконият медиҳад, ки агентии беҳтаринро, ки шакли олитарини хизматрасониҳоро пешниҳод менамояд, интихоб карда шавад. Бар замми ин, дар ҳолате ки агентии ғолибомада аз уҳдаи иҷроиши вазифаҳои худ баромада натавонад, ё ин ки маблағгузории иловагиро талаб менамояд, озмун аз нав гузаронида мешавад. Озмунро метавон ба тариқи доимӣ гузаронид.

Дар чунин ҳолат вазорат дар симои давлат метавонад, ки ҳамчун мақомоти назоратӣ баромад намояд. Мубориза барои кам намудани хароҷот, кам намудани воҳидҳои корӣ ва беҳтар намудани сифати кор барои агентие, ки дар озмун ғолиб омадааст, ба проблемаи асосӣ мубаддал мегардад. Ин барои агентӣ ҳамчун монеа баромад менамояд, зеро онро зарур аст, ки ба тариқи доимӣ фаъолияти худро дар тамоми самтҳо мукаммал гардонад.

Шаҳрвандоне, ки бо чунин агентиҳо рӯ ба рӯ мешаванд, метавонанд, ки ба бюрократизм фаъолона мубориза баранд, зеро мактуби онҳо ба вазорат имконият медиҳад, ки нисбати фаъолияти агентӣ санҷиш гузаронида шавад.

Дар охир ҳаминро таъкид намудан лозим аст, ки таъмини фаъолияти самаранокии идоракунии давлатӣ бояд ҳолатҳои зеринро инъикос карда тавонанд:

- омода намудан ва интихоби идоракунандагон;

- назорати доимӣ ва қатъии фаъолияти идоракунандагони давлатӣ;

- тақсим намудан ва аз нав тақсим кардани вазифаҳо дар байни ниҳодҳои давлатӣ ва зерсохторҳои онҳо [150, с, 25].

Таҳия ва татбиқи барномаҳои фаъолият дар самти мазкур дар заминаи ҳуҷҷатҳои гуногун ба амал меояд. Ҳолати мазкур яке аз ҳолатҳое

мебошад, ки фаъолияти самараноки маъмурияти давлатиро таъмин менамояд.

Дар чунин ҳолат омили асосӣ – интихоби дурусти стратегияи инкишоф ва муайян намудани характери фаъолияти амалдорони сиёсӣ днниста мешавад. Дар самти мазкур метавон аз ҳолатҳои гуногуни назарияи сиёсӣ истифода намуд:

- стратегияи инкишофи низоми идоракунӣ дар заминаи таълимот дар бораи элитаи сиёсӣ, ки умумияти комилтари амалдорони сиёсиро дар бар мегирад. Онҳоро маълумоти зарурӣ ва умумияти хислатҳо ба ҳам меорад;

- таълимот дар бораи менеҷмент ба шаклгирии маъмурони давлатӣ, ки қобилияти таҳия ва идоракунии барномаҳоро доранд, инъикос мегардонад.

Хулласи калом, таҳия, шаклгирӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ ба омилҳои гуногун пайваст мегардад. Пеш аз ҳама, ба эътибор гирифтани сатҳи инкишофи ҷомеаи мушаххас, дараҷаи инкишофи фарҳанги сиёсӣ, урфу одат ва анъанаҳои сиёсии одамон, таъсири конфессияҳои динию мзҳабӣ, шароити инкишофи географии кишвар аҳаммияти муҳим пайдо менамоянд. Албатта, байни низомҳои идоракунии давлатии ғарбӣ ва шарқӣ тафовути назаррас мушоҳида карда мешавад, ки бе шубҳа ба ташаккул ва инкишофи системаи идоракунии ин кишварҳо таъсири назаррас мерасонад.

Ҳатто дар кишварҳое, ки дорои шакли ягонаи сохтори давлатӣ мебошанд, дар низоми ҳокимият ва идоракунии онҳо тафовут ва дурравиҳо мушоҳида карда мешавад. Ҳамин тавр, дар ҳаёти воқеӣ низоми умумии сиёсати давлатӣ, на дар тарзи меъёрӣ, на дар тарзи амалнамоӣ ҷой надорад. Навъҳо ва шаклҳои системаи сиёсати давлатӣ, бештар вобаста ба хусусиятҳои фаъолияти ниҳодҳои ҳокимияти сиёсӣ ва бахусус, хусусиятҳои режими сиёсии ҳукмрон ташаккул ва инкишоф ёфта, ҳолати мавзуни рушдро пайдо менамоянд.

# БОБИ II. ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ НИЗОМИ ТАҲИЯИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

## 2.1. Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ва амалӣ намудани онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити ҳозира ташаккул ва инкишофи ҷомеаи маданӣ ва рушди давлати ҳуқуқӣ, инкишофи ҳамаҷонибаи давлати иҷтимоӣ, таҳияи тартиботи хоссаи идоракунии иҷтимоӣ аҳаммият ва зарурати муҳим пайдо намудааст. Асоси тартиботи мазкурро идоракунии давлатӣ ва дар заминаи он ҳарчи бештар фаъол гардидани субъектҳои мухталифи идоракунӣ ташкил менамоянд. Ҷудо намудани вазифаи давлат ва ҷомеа, таъсири иқтисодиёти бозоргонӣ ба вазифаҳои давлат, талаботҳои ҷиддиро нисбат ба сифат ва вазъияти рушди давлат пешниҳод менамояд, ки бо ҷанбаи эмперикӣ, ба ҷанбаи фаъолии амалигардии вазифаҳои давлат алоқаманд аст. Ба вуҷуд омадани ҳолатҳои бухронӣ ҳам дар самти сиёсӣ ва ҳам дар самти иқтисодӣ сабаби рӯовариҳо ба воситаҳои гуногун мегарданд. Зеро дарёфти роҳу воситаҳои ҳалли масъалаҳо ва танзими онҳо инкишофи дар аввал мутаносиб ва муътадили ҷомеаро таъмин месозанд. Аз ин ҷост, ки муҳаққиқон ва мутахассисон – идоракунандагон ба ҳодисаю падидаҳои мухталифи рушд муроҷиат менамоянд. Дар қатори чунин воситаҳо мақоми пешбарро раванди таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии мувофиқ ва мутаносиб касб менамояд.

Аз ин хотир, масъалаи пайдо намудани тартиби муайяни таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар шароити ҳозира зарурати махсуси методологӣ ва амалӣ дорад. Зеро, фақат чунин тартибот самтҳои асосии рушди ҷомеаро муайян месозанд. Чунин гузориши масъала ҳам дар замони советӣ ва дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон рӯзмарра мебошад.

Дастгоҳи муосири мафҳумӣ барои назария ва амалияи сиёсати давлатӣ дар Тоҷикистон, ки моҳияти он дар муносибати нави илмӣ ба проблемаҳои идоракунӣ зоҳир мегардад, истисно нест [122, с, 27-31].

Дар Иттифоқи Советӣ унсурҳои асосии сиёсати давлатӣ дар доираи идоракунии истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва қисмҳои таркибии он – банақшагирӣ ва ояндабинии иқтисоди миллӣ, дар системаи донишҳои ҷомеашиносӣ, бавежа, дар сатҳи назариявӣ ва инчунин дар соҳаи махсуси донишҳои ҳуқуқӣ – ҳуқуқи маъмурӣ таҳлил ва хулосагирӣ мегардиданд. Албатта, соҳаҳои дигари донишҳо, махсусан, донишҳои иқтисодӣ низ ба масъалаҳои гуногуни сиёсати давлатӣ муроҷиат менамуданд, аммо дар бештари ҳолатҳо онҳо чандон фаъол набуданд. Яке аз масъалаҳои асосии сиёсати давлатиро интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо ташкил менамуданд. Раванди мазкур дар зери роҳбарии Ҳизби коммунистӣ ба амал баровварда мешуд.

Дар Иттифоқи Советӣ низоми идоракунии давлатии бунёдгардида дар асоси принсипҳои конститутсионализм, характери халқӣ доштани ҳокимият, ягонагии ҳокимият ва идоракунии шӯравӣ, ҳисоботдиҳӣ ба меҳнаткашон тариқи мақомотҳои назоратии ҳокимияти иҷроия ва бо волоияти мақомоти ҳокимияти қонунгузор амалӣ мегардид. Масъалаи присипиалӣ ва муҳими ташаккули низоми ҳокимият ва сиёсати давлатӣ ва мақоми сохторҳои он ба таври пешакӣ дар анҷуманҳои ҳизбӣ, пленумҳои Комитети марказӣ, бюроҳои сиёсӣ ва ташкилии он, котибот, дар анҷумани шуроҳо, ки қарор қабул менамуданд, мавриди баррасӣ қарор дода мешуд.

Солҳои 50-уми қарни XX ҳуқуқҳои конститутсионии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва худмухтор васеъ гардид. Ҷумҳуриҳо ваколатҳои зиёди маъмуриву хоҷагидориро ба даст оварданд, махсусан ба ихтиёри ҷумҳуриҳо корхонаҳои зиёди истеҳсолӣ, қонунгузории судӣ ва мақомоти корҳои дохилӣ дода шуд. Ба ваколати мақомотҳои олии шуравӣ танҳо ҳуқуқи муқаррар намудани асосҳо дар ҳалли масъалаҳои сохтори

маъмуриву ҳудудии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ нигоҳ дошта шуд. Дар натиҷа, дар бунёдиҳои ҳудудӣ ва миллву ҳудудӣ дигаргуниҳои назаррас ба миён омаданд.

Пас аз он ки дар Иттифоқи Советӣ давраи бозсозӣ оғоз шуд, билофосила як аз идда аз масоиле, ки қаблан дар низоми давлатдорӣ рӯпӯш мешуданд, бармало гаштанд ва ин масоил ва масоили дигар боис шуданд, ки дар поёни кор давлати абарқудрати Советӣ пароканда шавад ва дар заминаи он давлатҳои мустақил арзи ҳастӣ кунанд, ки яке аз онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон худро давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ эълон кард, дар сурате, ки талошҳои дигаре низ вуҷуд доштанд, аммо тири душманони миллат хок хӯрд ва кишвар роҳи тараққиёти дунявиро пеш гирифт.

Баъди соҳибистиқлол гардидан Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудани дигаргуниҳои системавии иқтисодӣ ва сиёсӣ, самти ислоҳоти тамоми низоми идоракунии давлатиро пеша намуд, ки ба сиёсати давлатӣ асос мeёфт. Ҳамин тариқ, дар натиҷаи бунёди давлатдорини навин, ташаккули мақомоти нави давлатӣ ба миён омаданд. Гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, либераликунонии фаъолияти хоҷагидорӣ ба мақсад ва вазифаҳои сиёсати давлатӣ таъсири назаррас расониданд. Дар кишвар дар соҳаҳои гуногуни идоракунӣ ислоҳоти самт ва сатҳи гуногунро пеша намуданд. Дар натиҷа системаи сиёсати давлатӣ ташаккул ёфт, ки бо талаботҳои муосири иқтисодиёти бозоргонӣ мувофиқ буд. Дар доираи ин система ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ вазифа ва ваколатҳо, инчунин уҳдадориву масъулиятҳо дар ҳалли масъалаҳои рушди ҳудудӣ ба сатҳи маҳаллии идоракунии давлатӣ вогузор карда шуд.

Ба андешаи муҳаққиқ М. Забиров: «Баъди соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти гузариш аз як сохти иҷтимоӣ ба сохти иҷтимоии дигар куллан дигаргуншавии муносибат ва арзишҳои нави ҷомеа зарурати мувофиқгардонии сохтори давлатӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ва иқтисодии он ба шароити нави идоракунӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва

давлатдорӣ ба миён омад. Зеро тарзҳои пешинаи танзими фаъолияти идоракунию иқтисодӣ ва давлатдорӣ дигар самаранок буда наметавонист. Бинобар ин, зарурати аз нав кор кардани механизми нави таъмини ҳуқуқии идоракунӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва интихоби воситаҳои ҳуқуқии баамалбарорӣ лозим буд» [160, с.].

Вале вазъияти сиёсии бамиёномадаи аввали солҳои 90-уми асри гузашта ба инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва танзими самараноки ҳуқуқии он имконият намедод. Ҳамзамон, қонунҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Давлати Шуравӣ ва дар солҳои аввали баъди соҳибистиқлол шудан қабул карда буд, на танҳо ҷузъӣ ва гуногунсоҳа буданд, балки барои инкишофи муносибатҳои нави бавуҷудомада мусоидат карда наметавонистанд.

Ба ин мураккабшавии вазъи сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, кандашавии робитаҳои байнидавлатӣ ва шартномавӣ, беқурбшавии пул, набудан ва норасоии воситаҳо, нокомилӣ ва мухолифати дохилии қонунҳои қабулкардашуда ва ғайраҳо сабаб мешуд. Аз ин лиҳоз, дар назди давлати навин ва ҷавони тоҷикон дар қатори масъалаҳои ҳалталаби сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ барпо намудани механизми ҳуқуқии баамалбарории онҳо меистад, зеро ба даст овардани истиқлолият ва воридшавии Тоҷикистон ба фазои иқтисодӣ ва сиёсии озод бе мавҷудияти қонунгузории мукаммал, босифат ва самараноке, ки ба асосҳои конститутсионии демократия ва санадҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофнамуда такя менамояд, номумкин буд [160].

Ба андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Дар зарфи бист сол мо падидаву омилҳои сиёсиву таърихи ва иҷтимоиву фарҳангии миллиро дар марҳилаҳои гуногуни таърихи халқамон омӯхта, бо назардошти таҷрибаи давлатсозиву давлатдории кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон роҳи эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро пеш гирифтем. Дар ин давра бори нахуст аз тариқи раъйпурсии умумумихалқӣ Конститутсияи нави мамлакат қабул гардида, дар асоси он парламенти касбии иборат аз ду палата ба фаъолият оғоз

намуд. Дар ин замина фаъолияти мақомоти олии қонунгузор ва иҷроияи мамлакат таҳким ёфта, аввалин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва даватдории миллӣ гузошта шуданд» [170].

Қобили зикр аст, ки дар шароити муосири давлатдории Тоҷикистон, яке аз масъалаҳои муҳим ва стратегие, ки ояндаи раванди ҷомеаро устувортар, қавитар нигоҳ медорад, ин аз натиҷаи давра ба давра гузаронидани ислоҳоти сиёсӣ-ҳуқуқӣ иборат буда, нақши муҳиммро дар таҳкими принсипҳои давлати демократӣ мегузорад. Вобаста ба ин масъалаи муҳимми баррасӣ гардида қайд намудан зарур аст, ки асоси пешравии ҷомеаи муосири Тоҷикистонро дар шароити бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ин аз роҳандозӣ ва гузуронидани ислоҳоти сиёсӣ-ҳуқуқӣ вобастагии аниқ дорад.

Бояд зикр намуд, ки дар натиҷаи ин дигаргуниҳои муҳимми баамаломада, асосҳои сохтори конститутсионӣ, принсипҳои қонуният дар раванди ҷомеа мустаҳкам гардид, ки зарурати асосиро дар таҳкими давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ба миён овард. Дар натиҷа, дар раванди давлатдории муосири Тоҷикистон устувор гардидани низоми сиёсӣ, институтҳои демократӣ заминаи воқеӣ гузошта шуд.

Сафоев А. чунин ибрози назар намудааст: «Пушида нест, ки пешрафти ҳама соҳаву бахшҳои ҷомеа ба заминаи қонунӣ ва асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ устувор мебошад. Аз ин нигоҳ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим омад, ки барои бунёди ҷомеаи навини шаҳрвандӣ ва давлати қудратманди демократӣ дар қадами аввал заминаҳои қонунӣ ва фазои мусоиди ҳуқуқиро ба вуҷуд овард. Аммо дар ин раванд оғоз шудани ҷанги шаҳрвандӣ маҷрои иқдомҳои ҷиддиро дар роҳи фароҳам овардани заминаҳои қонунӣ ва ҳуқуқии давлатдории навини мустақилу комилҳуқуқ халалдор намуд. Даҳшати ҷанг боис шуд, ки ҳокимияти амалкунандаи давлатӣ натавонист вазифаҳои идоракунӣ ва назорати худро дар ҷодаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният ба иҷро расонад»[170].

Дар натиҷаи мустаҳкам гардидани раванди конститутсионӣ барои ташаккули давлатдории муосири Тоҷикистон ва сиёсати идораи давлатӣ заминаи воқеӣ гузошта шуд.

Ба андешаи муҳаққиқ Холов Х.Қ. «Раванди шаклгирии давлати муосири Тоҷикистон аз як қатор омилҳо вобастагии зич дорад. Аз ҷумла, яке аз омилҳои асосии муайян намудани тамоюли рушди давлати муосири Тоҷикистон ин таҷдиди назар гардидани асосҳои конститутсионӣ ва низоми ташкилии он ба ҳисоб меравад. Дар ташаккули давлати муосири Тоҷикистон таҳия ва қабули Конститутсияи он аҳаммияти бузурги назариявӣ ва амалию сиёсиро касб намудааст. Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми сарнавиштсоз дар роҳи бунёди давлатдории муосири тоҷикон пайвастани он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини амнияти давлатӣ, субот, ваҳдат ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши барҷастаи таърихӣ дорад. Зеро дар он асосҳои бунёди давлати муосири Тоҷикистон инъикоси арзишӣ ва меъёрии хешро пайдо намуданд» [172].

Ба андешаи муҳаққиқ П. Муллоҷонов, «Дар ибтидо, дар раванди марҳилаи аввали баъдиҷангӣ, ҳукумати Тоҷикистон сиёсати худро дар ҷомеа давра ба давра тақвият дод. Дар ин раванд суботи сиёсиро таҳким бахшид. Ба андешаи ӯ, дар мавриди сиёсати дохилӣ, тағйиру иловаҳо ба Конститутсия дар солҳои 1999, 2003 ва 2016, дар раванди давлатдории муосири Тоҷикистон аҳаммияти муҳимро пайдо кард. Баъди раъйпурсии соли 1999 муҳлати салоҳияти Президент аз 5 ба 7 сол дароз карда шуд ва палатаи болоии парлумон таъсис ёфт. Раъйпурсии умумихалқии сеюм дар соли 2016-ум ба шаҳрвандони аз 30-сола боло имкон дод, ки дар интихобот вобаста ба талаботи муайяншудаи қонун иштирок намоянд. Дар натиҷаи ин ислоҳоти сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба ин қонуни конститутсионӣ мафҳуми «Пешвои миллат» ворид карда шуд ва ҳамчунин таъсиси ҳизби диниро дар қаламраи кишвар манъ намуд [195].

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар натиҷаи ба амал омадани ислоҳоти конститутсионӣ, ислоҳоти сиёсӣ, чунин масъалаҳои муҳим роҳи ҳалли худро ёфтанд ва метавон онҳоро ба таври зайл таҳлил кард:

- дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионии соли 1994 бори аввал дар сатҳи Конститутсия асосҳои сохтори конститутсионӣ дар сатҳи конститутсияи нав муайян ва муқаррар гардиданд, ки заминаи муҳимро дар ташаккули давлати демократӣ гузоштанд;

- дар натиҷаи доир гардидани ислоҳоти идораи давлатӣ, тағйиротҳои муҳим ба миён омаданд, ки дар рушди ҳокимияти давлатӣ ва таъсиси ниҳодҳои нави идоракунии давлатӣ нақши муҳим гузошта шуд;

- дар ин замина ислоҳотҳои муҳимми сиёсии ҷиддӣ ба миён омаданд, ки дар таҳкими давлату давлатдорӣ заминаи муҳимро фароҳам оварданд;

- дар ин раванд сиёсати давлатӣ ҳамчун яке аз бахшҳои муҳимтарин ва пешбарандаи тамоми бахшҳои ҷомеа баромад намуда, заминаи муҳимро барои рушди муносибатҳои сиёсӣ, муносибатҳои демократӣ гузошт.

Ба андешаи коршиносон, «Дар муддати 30 соли истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандиро паси сар карда, ба эътирофи беш аз 150 кишвари ҷаҳон робитаҳои дипломатии худро густариш дод. Дар натиҷа давра ба давра аз бунбасти коммуникатсионӣ баромадем, ҳоло дар ҳар гӯшаи кишвар дастрасии осон ба ғизо мавҷуд аст, мо неругоҳи Роғунро то як ҳадди муайян бунёд кардем. Дар солҳои охир вазифаи саноатӣ кардани кишвар гузошта шудааст, ки як каме раванди мураккаб аст, аммо аз ҳама муҳимаш, мардум дар зери чатри амният ва субот зиндагӣ мекунанд» [177].

Қобили зикр аст, ки дар натиҷаи ба амал омадани ин дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар раванди сиёсии ҷомеа заминаи асосиро дар такмили сохтори идораи давлатӣ гузошт. Дар ин раванд бо тавсияи Бонки Ҷаҳонӣ аз соли 2000 -ум дар Тоҷикистон ислоҳоти сохтори идораи

давлатӣ оғоз гардид, ки дар таҳкими институтҳои демократӣ, низоми сиёсии ҷомеа тағйиротҳои муҳимро ба миён овард.

Қобили зикр аст, ки дар натиҷаи ислоҳоти сиёсӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба устувор гаштани раванди индоракунии давлатӣ як чанд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гардиданд, аз ҷумла қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» нақши муҳимро дар ташаккули низоми идораи давлатӣ гузоштанд.

Ба андешаи коршиноси масоили сиёсӣ С. Шарипов: «Мақсади асосии дигаргуниҳои дар раванди сиёсии ҷомеа ин нигоҳ доштани сулҳу субот, дар ҷомеа аст, на роҳандозии ягон ислоҳоту тағйироти куллӣ. Ин, пеш аз ҳама, ба ҳадаф ва иродаи сардори давлат вобаста буда, тағйироти анҷомшуда барои ягон навъ ислоҳоти инқилобӣ равона нашудааст, балки фақат ҳифзи рушди устувор ва суботи ҷомеаро ба ҳадаф дорад».

Бояд зикр намуд, ки дар шароити давлатдории муосири Тоҷикистон дар қатори дигар масъалаҳо, масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ аҳаммияти муҳимми стратегӣ дошта, дар таҳкими муносибатҳои демократӣ ва рушди давлати демократӣ нақши муҳим доранд. Ва инчунин яке аз ҷанбаҳои муҳимми ислоҳоти сиёсиро дар раванди давлатдории муосири Тоҷикистон ба андешаи коршиносон ин, пеш аз ҳама, аз рушди масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ вобастагӣ медонанд. Дар ин раванд аз ҷониби субъектҳои ваколатдор дар мавриди такимили рушди масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, таклифу пешниҳодҳои муҳим пешниҳод гардиданд, ки дар таҳкими низоми сиёсӣ нақши муҳимро иҷро мекунанд. Вобаста ба ин масъалаҳои муҳим якчанд таклифу пешниҳодҳои судманд аз ҷониби коршиносон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар субъектҳои салоҳиятдор мавриди баррасӣ қарор дода шуд, ки заминаи муҳимро дар рушди масъалаҳои муҳим хоҳад гузошт.

Бояд зикр кард, ки дар шароити давлатдории муосири Тоҷикистон дар баробари ҷанбаҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ омилҳои иқтисодиву иҷтимоӣ низ аҳаммияти муҳимми стратегӣ доранд. Дар ин маврид кӯшиш кардем, ки

дар мақолаи мазкур вобаста ба масъалаҳои муҳими баррасигардида назари коршиносонро мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор диҳем.

Ба андешаи коршиноси масоили сиёсӣ П. Муллоҷонов: «Амнияти сиёсӣ бо амнияти иқтисодӣ як занҷири бо ҳам печидаанд, яке бе дигаре наметавонад дароз пойбарҷо бошад. Заминаи асосии амнияти сиёсӣ рушди иқтисодӣ аст. Бояд як сатҳи муайяни рушди иқтисодӣ бошад, ки субот ва вазъияти сиёсиро метавон нигоҳ дошт. Мутаассифона, то ҳол фаҳмиши фарогир дар Осиёи Миёна дида намешавад. Модели иқтисодие, ки мо дорем, модели хуб танҳо то солҳои 2000-ум буд. Ин модели мо, ки дорем ва такя ба неруи кор дар Русия мекард, аллакай куҳан шудааст ва онро бояд дигар кард» [180].

Бояд зикр намуд, ки вобаста ба таклифу пешниҳодҳои баррасигардида, аз ҷониби коршиносон вобаста ба масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ аҳамияти муҳим дошта, заминаи устуворро дар мустаҳкам намудани низоми идоракунии давлатӣ гузоштанд.

Ба андешаи коршиносон: «Дар ҳар сурат, мувофиқи мақсад мебуд, Ҳукумат ва ё вакилон ҷиҳати такмили қонунгузорӣ пешниҳодҳоро дар шакли қонун мавриди амал қарор медоданд. Ин, албатта, боис ба соҳибэҳтиром гардидани давлати Тоҷикистон миёни кишварҳои хориҷӣ шуда, ҳамзамон ба беҳтар шудани заминаҳои ҳуқуқии рақобати солим ва демократӣ мусоидат хоҳад кард» [188].

Бояд қайд намуд, ки дар раванди сиёсӣ-ҳуқуқии ҷомеа мардум муайянкунандаи сатҳу сифати кори ҳукумат аст. Барои фаъолияти шаффоф ва дарки масъулият, бояд интихобот дар Тоҷикистон озоду демократӣ бошад, бисёрҳизбӣ ва рақобати ҳизбӣ ба назар расад, озодии баён ва фаъолияти озоди нашрияҳо таъмин шавад ва ҳокимияти иҷроияву низоми додгоҳӣ ба таври шаффоф фаъолият намоянд [182].

Ба андешаи коршиноси масоили сиёсӣ П. Муллоҷонов: «Ҳар сол аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ҳамин гуна пешниҳодҳо бароиислоҳи интихобот ба кишварҳои Осиёи Марказӣ сурат мегирад. Вале сарфи назар

аз ин, нозирони ин созмонҳо дар маъракаҳои сиёсӣ иштирок мекунанд. Аз тарафи дигар, дигаргуниҳои ҷиддӣ вобаста ба ин масъалаҳои муҳими баррасигардида дар раванди амалишавӣ қарор доранд. Вале ба ҳар ҳол иштироки нозирони созмонҳои байналмилалӣ як навъ назорат аст ва зарур мебошад» [181].

Ба андешаи муҳаққиқон: «Пешниҳоди созмону коршиносони байналмилалӣ дар амри баргузории интихоботҳои шаффоф ва одилона баҷо аст, вале ба якборагӣ сохтани демократия дар як ҷомеаи пасошуравӣ, мисли Тоҷикистон мушкил аст. Вай афзуд, ки кишварҳои ғарбӣ пас аз даҳсолаву садсолаҳо ба ҷомеаи демократӣ даст ёфтанд ва бояд ба кишварҳои дигар ҳам имкон диҳанд. Дар 20 сол давлати демократӣ сохтан саҳлу осон нест. Кишварҳои ғарбӣ садсолаҳо боз талош доранд» [181].

Ба андешаи таҳлилгар С. Шарифов: «Баҳогузории созмонҳои байналмилалӣ нисбат ба рушди масъалаҳои демократия яке аз пешниҳодҳои муҳим аст. Ин созмонҳо Тоҷикистонро дар нисбати кишварҳои пешрафтаи ғарбӣ муқоиса мекунад, ки иштибоҳ аст. Чун Ҷумҳурии Тоҷикистон тоза ба истиқлол даст ёфтааст ва наметавонад, ки дар як фосилаи кӯтоҳ бо онҳо баробар бошад. Он меъёр ва он методикае, ки ин гуна сохторҳои ғарбӣ истифода мебаранд, ба танҳо давлатҳои тараққикардаи Ғарб метавонад мутобиқ бошанд. Яъне, ки онҳо Тоҷикистонро бо Шветсия, Финландия ва ё Нидерланд баробар мекунанд. Дар ҳоле ки ин ду ҷаҳони тамоман дигар аст. Дар ин раванд Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад яке аз давлатҳои хело ҳам мустаҳкаме, ки рӯ ба рушди демократӣ мондааст, ҳисоб карда шавад» [178].

Ба андешаи коршинос С. Сафаров: «Бояд қайд намуд, ки Ҳукумати кишвар дар ин солҳо рушди иқтисодиро таъмин карда тавонист. Таваррум ҳам чандон баланд набуд ва дар аксарияти соҳаҳо муваффақиятҳои назаррас ба миён омад. Чизи аз ҳама барои мо, албатта, сулҳу субот ва ваҳдати миллист, ки ин ҳам таъмин карда шуд. Дар сиёсати хориҷӣ низ ҷалби таваҷҷуҳи бештари ҷомеаи ҷаҳонӣ ба тарҳи нерӯгоҳи

Роғун, ҳалли масъалаи тамдиди замони будубоши пойгоҳи Русия ва пайвастани Тоҷикистон ба узвияти Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат аз комёбиҳои давлат донист» [194].

Бояд қайд намуд, ки дар раванди давлатдории муосири Тоҷикистон яке аз хусусиятҳои муҳимми рушди ислоҳоти сиёсӣ-ҳуқуқиро метавон чунин арзёбӣ кард:

- дар натиҷаи ислоҳоти сиёсӣ-ҳуқуқӣ низоми қонунгузорӣ такмил ёфта, дар натиҷа якчанд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки дар таҳкими муносибатҳои демократӣ заминаи воқеи гузошт;

- дар натиҷаи ин ислоҳотҳо дигаргуниҳои муҳими сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар раванди сиёсии ҷомеа ба миён омаданд, ки нақши муҳимро дар устувор гардидани сиёсати давлатӣ гузошт;

- қабул гардидани аввалин санадҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ яъне Конститутсия ба сифати санади ягонаи танзимкунандаи раванди ҷомеа, ки он асос ва пойдовери давлати ҳуқуқбунёдро замина гузошт;

- ташаккули ва рушди низоми сиёсӣ, бисёрҳизбӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ба сифати институти муҳимми сиёсӣ дар раванди давлатдорӣ ба фаъолияти сиёсӣ оғоз намуданд;

- бояд хотирнишон сохт, ки ин ислоҳотҳои баамаломада, заминаи муҳимро дар устувор гардидани раванди демократӣ, гуногунандешии сиёсӣ ва сиёсати давлатӣ нақши муҳимро гузошт.

Дар баробари ин қайд намудан зарур аст, ки дар натиҷаи ин дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба амал омада дар раванди сиёсии ҷомеа раванди конститутсионӣ, меъёрҳои конститутсионӣ мустаҳкам гардид, ки дар таҳкими низоми сиёсӣ, ва сиёсати давлатӣ нақши муҳим гузошта шуд.

Бо гузашти вақти муайян ошкор карда шуд, ки низоми мавҷудаи сиёсати давлатӣ ба масъала ва проблемаҳои мавҷудаи ҳаёти ҷомеа пайвасти ногусастанӣ дошта, масъулияти гаронеро ба зимма мегирад. Аз ин хотир, зарурати объективии бозсозии тамоми механизми сиёсати

давлатӣ, бунёди низоми нав, ки метавонад ба таҳдиди хатарҳои ҷойдошта ҷавобгӯ буда, равандҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии инкишофи ҷомеаро назорат менамояд, ба миён омад.

Дар давраи аввали инкишофи Тоҷикистон, яъне то давраи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994), кишвар ба низоми рушди мустақил давлатдорӣ гузаштааст. Дар ин давраи низоми нави сиёсати давлатӣ ташаккул ёфта, самтҳои асосии инкишоф ва татбиқи хоссаи онҳо муайян гардиданд. Аз ин хотир, дар ҷумҳурӣ принсипҳо, методҳо ва меъёрҳои нави таҳияи сиёсати давлатӣ ва раванди татбиқи онҳо истифода шуданд. Онҳо бояд ба ташаккул ва инкишофи давлатдории навин мусоидат менамуданд.

Аз аввал  дигаргуниҳои мураккаб ва душвор муайян гардида буд, ки муваффақият танҳо дар ҳолати бунёди низоми самараноки сиёсати давлатӣ дар тамоми сатҳҳо имконпазир аст. Дар чунин ҳолат муносибати тарафайни тамоми сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ бояд дар стретегияи умумимиллӣ, ки дорои мақсад ва вазифаҳои дақиқ аст, асос ёбад.

Нахустин санади сиёсию расмие, ки заминаҳои ташаккул ва инкишофи давлатдории навро ба миён овард, қабули “Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон” ба ҳисоб мерафт. Он дар таърихи 24 августи соли 1990 дар Иҷлосияи дуюми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон (даъвати 12-ум) қабул гардид [8]. Маҳз бо ин ҳуҷҷати таърихӣ қадами аввалини устувор ба самти бунёди давлату давлатдории навини миллӣ гузошта шуд. Қабули санади мазкур оғози раванди нави сиёсати давлатӣ, низоми таҳия ва татбиқи онро дар шароити номуайянниҳои зиёд ба шумор мерафт.

Дар моддаи 1-уми санади мазкур “истиқлолияти давлатӣ” ҳамчун «ягонагӣ ва ҳукмравоии ҳокимияти давлатӣ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохибихтиёрии он дар муносибатҳои хориҷӣ» тавсиф гардидааст [8]. Баробарии ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои мардумӣ эътироф гардиданд. Аввалин бор дар санадҳои

ватанӣ андешаи таҷзияву тафкики ҳокимият ба шохаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ баён гардид.

Санади дигари муҳими сиёсии замони ҳозираро Изҳороти Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ташкил менамояд. Он дар Иҷлосияи ғайринавбатии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (09.09.1991) қабул гардидааст. Таввасути он истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар мавриди муҳокима қарор гирифта, ҳамчун ҳодисаи муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ дониста шудааст. Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон шудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор қабул намуд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси даровардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи (Қонуни Асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, истиқлолияти мамлакат ҳамчун меъёри конститутсионӣ расмият пайдо намуд. Санади мазкур ду хусусияти асосиро эълон дошт:

– амали ҳатмӣ ва воқеии Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави он;

– моликияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шудани ҳама корхонаву муассисаҳо, воситаҳои истеҳсолот, муомилоти хазинаҳо ва дигар молумулк.

Лекин ҳодисаву воқеаҳои солҳои 90-ум, сипас ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ ба раванди ислоҳоти низоми сиёсати давлатӣ халал расонид. Барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ, амиқ гардонидани самтҳои инкишофи кишвар ва пайгирӣ намудан аз принсипҳои ташаккули ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёду ягона асосҳои назариявию методологӣ ва заминаи воқеӣ тадриҷан ташаккул ва инкишоф ёфтанд. Хосиятҳои асосии ташаккули идоракунӣ ва рушди хизмати давлатии давраи аввалро сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон чунин арзёбӣ намудааст: «Хизмати давлатии навини Тоҷикистон зодаи замони истиқлолият мебошад, ки дар

шароити басо ногувори таърихи миллат оғоз гардида марҳила ба марҳила нумӯъ ёфт»[13, с, 23].

Сипас, раванди таназзули давлатдории миллӣ боздошта шуд. Тадриҷан ниҳодҳо ва мақомати идоракунии давлатӣ, пеш аз ҳама, ниҳодҳои сиёсии идоракунии давлатӣ аз нав барқарор гардида, устувор мешуданд. Беш аз пеш фаъолияти онҳо хосияти самараноку мусбиро пайдо менамуданд. Дар ин давраислоҳоти низоми давлатдорӣ пояҳои давлати мустақилро мустаҳкам намуд [155, с,17-24].

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 қабул гардид. Он ба ташаккул ва инкишофи низоми нави давлатдорӣ ва системаи нави сиёсати давлатӣ оғоз бахшид. Асосҳои сиёсии низоми нави идоракуниро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоштааст. Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ низ системаи идоракунии давлатӣ тавассути қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 13 ноябри соли 1998 «Дар бораи хизмати давлатӣ» асоснок ва тақвияти худро пайдо намуд. Он асос ва оғози низоми хизмати давлатии миллии Тоҷикистони навин мансуб мегардад.

Дар ҳамин давра дар ҳаёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳодисаи муҳимтарине ба амал омад, ки шароит ва вазъияти мусоиди сиёсиро барои рушди Давлати Тоҷикистон ба миён овард ва воқеан, низоми давлатдориро такони пурзӯр бахшид. Дар инкишофи устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим ва созандаро низ Созишномаи умумии барқарор намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ касб намудааст. Он неруҳои ба ҳам мухолифро ба ҳам оварда, ризоияти байни онҳоро таъмин сохта, ба ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар хотима бахшид. Аз ин пас, раванди ҳалли масъалаҳои муҳими инкишофи мамлакат маҷрои нав пайдо намуда, имкониятҳои бештари рушдро пайдо намуд. Оштии миллӣ имконият дод, ки тамоюлҳои бунёдкорию созандагӣ авҷ гиранд. Барои ислоҳоти системаи сиёсӣ шароит ва имкониятҳои хубтаре ташаккул ва инкишоф ёфтанд.

Барои таҳким ва тақвияти идоракунии давлатӣ дар заминаи сиёсати комили давлатӣ тадбирҳои мушаххас андешида мешуданд. Яке аз чорабиниҳои муҳим, ки идоракунии сиёсии ҷомеаи тоҷикистониро таҳким ва такмил мебахшид, дар сатҳи зарурӣ ташкил намудани низоми хизмати давлатӣ буд. Аҳаммияти пешрафти соҳаи мазкур дар рафти ташкили сиёсати давлатии муваффақ аҳаммияти муҳимро касб менамояд. Зеро хизматчиёни давлатӣ барандагон ва субъекти асосии амалӣ намудани сиёсати давлатӣ мебошанд.

Бо мақсади инкишофи ҳамаҷонибаи хизмати давлатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба меъёрҳои байналхалқӣ ҷавобгӯ гардидани он бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи январи соли 2001 ниҳоде бо номи Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Он сохтори нав дар низоми давлатдориии навини тоҷикон ба ҳисоб рафта, дар инкишофи соҳаи мазкур нақши зарурироро пайдо намудааст.

Ташаккули хизмати давлатӣ дар фаҳми муосири он бо таърихи навини давлатдории тоҷикон алоқаи ногусастанӣ дорад. Ташаккул ва рушди истиқлолияти сиёсии Тоҷикистон зарурати ислоҳоти сиёсати давлатӣ ва рушди хизмати давлатиро пеш овард. Дар шароити имрӯза дар кишвар раванди инкишофи хизмати давлатӣ ва сохторҳои гуногуни он давом дорад. Таъкид намудан бамаврид аст, ки бо қабул намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии ташаккули хизмати давлатӣ таъмин гардид. Сипас, дар кишвар барои мустаҳкам намудани заминаҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ таҳрирҳои нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” қабул гардиданд, ки низоми мазкурро боз ҳам мураттаб гардонида, моҳиятан аҳаммияти калони сиёсию маъмуриро касб менамуданд.

Аҳаммият ва зарурати ба инобат гирифтани хусусиятҳои хизмати давлатиро мадди назар намуда, Раёсати хизмати давлатӣ ба Агентии хизмати давлатӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил

дода шуд. Ниҳоди мазкур ба таври пайваста дар амалӣ гардонидани самтҳои гуногуни сиёсати давлатӣ саҳми сазовор пайдо менамояд.

Давраи дигари ислоҳоти системаи сиёсати давлатӣ аз моҳи сентябри соли 1999 оғоз гардидааст. Тавассути раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо дохил карда шуд. Он, аслан масъалаҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеаро дар бар мегирифт. Пеш аз ҳама, бори аввал дар шароити кишвари мо парламенти касбии доимоамалкунандаи дупалатагӣ ташкил гардид, ки низоми интишороти қонунҳо ва қабули қарорҳоро ба низоми хосса мекашид. Чуноне ки таҷрибаи зиёда аз 30 соли сипаришуда собит менамояд, шакл ва сатҳи нави парламент ҳамчун шакли ҳокимияти олии давлатӣ дар таҳким ва такмили давлати миллӣ нақши муҳим бозида истодааст.

Дар низоми инкишофи сиёсати давлатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор зиддиятҳо ва монеаҳое пайдо гардидаанд. Аксари онҳо марбут ба сатҳи зарурии истифодаи назария ва методологияи қавии муосир мебошанд. Инчунин ҳангоми амалӣ намудани сиёсати давлатӣ риоя нагардидани принсипҳо, методҳо ва меъёрҳои муайяне аз худ дарак медиҳанд. Ҳол он ки бештари онҳо дар ҷомеаи пешрафта мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтаанд. Махсусан, хусусиятҳои давраи гузариши сиёсии мамкат аз як навъи идоракунӣ ва режими сиёсӣ ба идоракунии сифатан дигар ва режими сиёсии дигар ба инобат гирифта намешуданд.

Дар вақти навсозии системаи сиёсати давлатӣ ва вобаста ба он низоми идоракунии давлатӣ аз навъҳо ва шаклҳои кӯҳна ба навъҳо ва шаклҳои нави танзими муносибатҳои байниҳамдигарии ниҳодҳои идоракунӣ ва объектҳои идорашаванда хусусиятҳои муҳимтарини сиёсати давлатӣ арзиши асосӣ пайдо менамоянд. Ҳангоми ворид намудани тағйиротҳо ба раванди таҳияи сиёсати давлатӣ ва татбиқи воқеии онҳо муносибати заруриро пеша намекарданд. Масалан, ҳавасмандии

идоракунандагон, тартиби муайян намудани музди меҳнат дархостнаву замонавиро талаб менамуд.

Интишори Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи ислоҳоти низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни 2007 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон», аз 31 августи соли 2007 «Дар бораи тасдиқи Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон» дар танзим ва такмили муносибатҳои ҳам самтгирии сиёсати давлатӣ ва ҳам масъалаҳои умумии идоракунии давлатӣ нақши муайянкунандаро соҳиб гардидаанд. Мақсад аз таҳия, қабул ва амалӣ намудани мазмун ва муҳтавои санадҳои номбаршуда таъмини инкишофи мутаносиби хизмати давлатӣ дар шароити мушаххаси Тоҷикистон, таъмини ҳолатҳои муътадил ва самаранокгардонии он мебошанд.

Дар шароити имрӯза ислоҳоти низоми сиёсати давлатӣ идома дорад. Раванди ин ислоҳотҳо қисми таркиби табдил додани Тоҷикистон ба давлати рушдкарда ҳисобида мешавад. Илова бар ин, ҳадаф ва вазифаҳои асосии ислоҳоти мазкурро афзоиш додани самаранокии сиёсати давлатӣ дар тамоми самтҳои инкишофи мамлакат ташкил менамоянд. Ташкили идоракунии касбии давлатӣ, афзоиш додани сифатҳои кории акторҳои асосии сиёсати давлатӣ, тезонидани амалишавии сиёсати универсиалӣ ва соҳавӣ, мукаммал намудани ҳамкории байни давлат ва унсурони мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ масъалаҳои асосие ба ҳисоб мераванд, ки диққати махсусро талаб менамоянд.

Низоми самараноки сиёсати давлатӣ барои таъмини шароити мувофиқ барои рушди мутаносиби ҷомеа, барои рушди бемайлони иқтисодиёт ва ҷомеа равона гардидааст. Маҳз чунин ҳолат метавонад, ки рақобати ҷумҳуриро дар сатҳи байналхалқӣ таъмин намояд, аз нуқтаи назари рушди иҷтимоӣ ва қадр намудани инсон диққатҷалбкунанда гардад.

Самтгириҳои рушди сиёсати давлатӣ дар “Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030” муайян карда шудаанд [7, с, 89]. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар заминаи нишондодҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгӯиҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, бо мутобиқат ба ҳадафҳои дарозмӯҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар таҳия карда шудааст. Дар ҳуҷҷатҳои мазкур дар татбиқи ин афзалиятҳо нақши институтҳои ҳамоҳангсозӣ ва масъулияти давлат, бизнес ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бузург аст муассир нишон дода шудаанд [7.с.89]. Фаъолияти ин муассисаҳо ба арзёбӣ ва ояндабинии низоми рушди оянда, вазифаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмӯҳлат ва мутобиқан ба татбиқи онҳо замима мегардад.

Рушдиояндаи Тоҷикистон, пеш аз ҳама, аз тартиботи мутаносиб ва устувори сиёсати давлатӣ вобаста аст. Сиёсати давлатӣ бо методҳои бевосита ва пайвастаи такмили равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва мадании инкишофи ҷомеа такя менамояд. Аз ин ҷост, ки фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ бояд хосияти ҳисоботӣ дошта бошанд. Зеро ҳолати мазкур ҳамчун омили муҳими рушди инноватсионӣ амал меояд. Шароити мусоиди кору фаъолияти одамон, рушди маҳалҳо ва минтақаҳо бояд ба принсипи асосии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ табдил ёбанд. Аз ин хотир, ниҳодҳои давлатӣ ва акторҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ бо бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони рушд инкишофи мутаносиб ва устуворро пайдо намоянд. Бахусу, масъалаи эътироф ва риояи ҳуқуқҳои инсон дар маҷмуъ ва фарди мушаххас дар алоҳидагӣ ва ҳимояи босуботи онҳо дар мазмун ва таркиботи сиёсати давлатӣ мақоми махсусро касб менамоянд. Инчунин ҳифзи ҳуқуқҳои фардӣ ва дастаҷамъӣ ба моликият, ҳимояи манфиатҳои давлат ва ҷомеа, таъмини қонуният ва адолати иҷтимоӣ самтҳои муҳими фаъолият барои рушду таҳкими давлатдории тоҷикон мебошанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2005 зарурати пешниҳоди лоиҳаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи хизмати давлатӣ», ки ба стандарти муосири хизмати давлатӣ мувофиқ бошад, ба таври хоса таъкид намуд [3]. Ҳамин буд, ки бо мақсади рушди хизмати давлатӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар заминаи таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта дар солҳои 2007, 2010 ва 2011 тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Яке аз масъалаҳои муҳими тағйиротҳо ба қонуни мазкурро ҷалби ҳарчи бештари ҷавонон ва рақобатпазир сохтани соҳа, минбаъд ҳам такмил додани ҳавасмандии хизматчиёни давлатӣ ташкил менамоянд.

Рушди хизмати давлатӣ ва шароити ҷалби одамон ба он, пеш аз ҳама, талаб мекунад, ки кормандон маоши хуб гиранд. Маоши хуб ва дигар шароитҳо одамонро барои фаъолият кардан ҳамчун хизматчии давлатӣ ташвиқ менамояд. Аз тарафи сохторҳои ҳукуматӣ ва шахсан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

Бо мақсади таъмини пайдарҳамӣ ва муассири ҷараёни ислоҳот, тақвияти самтҳои ҳамоҳангшуда муваффақ шудан ба мақсадҳои стратегӣ, инчунин бо мақсади такмили низоми идоракунии давлатӣ ба таври пайваста вазифаҳои стратегии низоми идоракунии давлатӣ ба анҷом расонида мешаванд.

Инкишофи равандҳои демократӣ дар Тоҷикистон, таҷдиди назар намудани вазъи сиёсӣ ва вазифаҳои мақомоти худидоракуниро дар ҷомеа тақозо менамояд. Чунки мақомоти худидоракунӣ дар симои ҷамоатҳо, моҳиятан қодир аст. Амалинамоии ҳокимияти сиёсӣ дар сатҳи поёнӣ бояд доимо дар ҷараёни инкишоф бошад. Дар амалияи мазкур баланд гаштани эътибори он ва сатҳи фаъолияти сиёсии шаҳрвандон нақши муҳим мебозанд.

Тағйиротҳои куллӣ дар системаи идоракунии давлатӣ дар шароити Тоҷикистон ба хотири таъмини субот ва самаранокии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва пешниҳоди сатҳи зарурии хизматрасониҳо ба сокинони кишвар ва мардумони дигар нигаронида шудааст. Идоракунии давлатӣ, ки бештар аз қабули санадҳои меъёрӣ шуруъ мегардад, дар шароит ва ҳолатҳои гуногун, аз ҷумла номуайянниҳо ба амал баровbooarda мешавад.

Ислоҳоти низоми идоркунии давлатӣ дар инкишофи босуботи ниҳодҳои рақобатпазир ёрӣ мерасонад. Воҳидҳои мухталифи муассиса ба афзудани рақобатпазирии он мусоидат менамоянд. Аз ин хотир, муҳим аст, ки мақом ва тарзи тафаккури идоракунандагон, мавқеи онҳо дар нисбати ба қувваи кории ташкилот ва нуқтаи назари онҳо ба муносибатҳои байниҳамдигарии одамон дар сатҳи ниҳои ва принсипиалӣ тағйир ёбанд.

Идоракунандагонро зарур аст, ки бо кормандони сатҳи гуногуни муассиса муносибати дуруст намуданро омӯзанд. Пеш аз ҳама, эҳтироми онҳоро ҳамчун шахсият ба ҷо оранд ва дар нисбати онҳо чун ба шарики доимӣ муносибат намоянд. Роҳбарони соҳибистеъдод ба хубӣ пай мебаранд, ки ҳолатҳои ба нафъи шахсии онҳо мусоид ба кормандони муассиса чандон таъсиргузор нестанд. Бинобар ин, идоракунандагонро зарур аст, ки дар доираи низоми эътирофшуда ва қоидаҳои ахлоқии эътирофшуда ба кормандон муносибатро ба роҳ монанд. Аз чунин муносибат ҳар ду ҷониб, ҳам идоракунандагон ва ҳам идорашавандагон бурд менамоянд.

Аз ҳамин хотир, роҳбарони кордону ботаҷриба ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки ҳар корманд дар ҷои кораш тамоми малакаю маҳорат, донишҳо ва ҳунарашро дар сатҳи баланд истифода намояд. Аз ин ҷост, ки бояд усулҳоеро тарҳрезӣ гарданд, ки онҳо манфиатҳо, талабот ва шароити фаъолияти ҳар як кормандро ба эътибор гиранд. Сармояи инсонӣ маҳаки рушди низоми амалигардонии сиёсати давлатӣ буда,

идоракунии захираҳои инсонӣ дар идоракунии давлатӣ аҳамияти аввалиндараҷаро касб намудааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 –уми апрели соли 2008 қайд намуда буданд, ки “Сатҳу сифати идоракунии давлатӣ ба донишу таҷриба, маҳорату малака, масъулиятшиносиву ташаббускорӣ ва сифатҳои касбиву кордонии хизматчиёни давлатӣ вобаста аст” [184].

Чунин таваҷҷуҳи сардори сарвари давлат ҳамчун дастури амалест дар амалҳо ва фаъолияти кормандони ниҳодҳо ва ташкилотҳое, ки идоракунии давлатиро воқеӣ мегардонанд. Он восита ва ё дастуре мешавад, ки барои барои тарбияи хизматчии давлатӣ ва баланд гардидани касбияти кормандон мусоидат менамояд. Дар шароити ҳозираи инкишофи идоракунии давлатӣ барои инкишофи самтҳои гуногуни сиёсати давлатӣ роҳу василаҳои навро ҷустуҷӯ намоем ва на танҳо таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, балки таҷрибаи собиқадорони кормандони идоракунии давлатии кишвари худиро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор диҳем.

Дар замони то соҳибистиқлолии давлатии мо идоракунии давлатӣ, асосан таҳти роҳбарии Ҳизби коммунист (КПСС) ба амал бароварда мешуд. Самтгирии сиёсати давлатиро дар бахшҳои мухталифи идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ мақомотҳои ҳизбӣ мураттаб мегардониданд. Системаи сиёсии замони советӣ аз системаи сиёсии давраи муосири инкишофи Тоҷикистон тафовутҳои зиёдеро ба мушоҳида мерасониданд. Махсусан, низоми тайёркунии кадрҳо тафовутҳо ва фарқиятҳои назаррасеро нишон медоданд. Кадрҳои идоракунанда дар мактабҳои махсуси олӣ ва сатҳи дигари таълимгоҳҳо тарбия карда мешуданд. Диққати бештар ва асосӣ ба идоракунӣ сафарбар намудани коммунистон ва хайрхоҳои ҳизбӣ дода мешуд. Тарбияи кадрҳои соҳаҳои дигари хоҷагидорӣ ва идоракунӣ низ таваҷҷуҳи хосаро доро буданд, аммо нақш ва ҷойгоҳии кадрҳои идеологӣ ба таври барҷаста намудор

мегаштанд. Ҳар як ҷой ва мансаби идоракунӣ дорои захираи кадрии зарурӣ буд. Чунин гузориши масъала ва ҳалли босуботи он дар шароити ҳозираи инкишофи Тоҷикистон низ рӯзмарра аст. Албатта, чунин вазифаро мактабҳои мухталиф ба зимма доранд. Бахусус, фаъолияти таълигоҳҳои такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ назаррасанд.

Имрӯзҳо дастовардҳои назаррасе дар раванди идораи давлатӣ мушоҳида мешаванд. Ба тасвиб расидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии мухталиф аз андешаи боло дарак медиҳад. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои сатҳи гуногун, аз ҷумла семинарҳои илмӣ ва конференсияҳо, таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар зинаҳои гуногуни таҳсилот, аз ҷумла магистратура, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо тавассути озмунҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Аз ин ҷост, корманди ниҳодҳои идоракунӣ бояд ватандӯст ва ватанпарвар бошанд, иҷрои вазифаҳои хизматиро поквиҷдонона ба амал бароранд. Онҳо бомаърифат тарбия гарданд ва боодоб бошанд ва барои ҳалли масъалаҳо тамоми донишу малакаҳоро истифода намоянд. Зеро идоракунандагон симои хизматчиёни давлатиро таҷассум намуда, дар ташаккул ва инкишофи имеҷи онҳо нақши муассир мебозанд.

Мақсад ва вазифаҳои асосии сиёсати давлатиро он ҷиҳат ташкил менамояд, ки тавассути ҳалли босуботи масъалаҳо пешрафти муваффақонаи давлати хешро таъмин намуда, дар низоми ҷаҳонӣ мақоми арзандаи онро ташаккул додан лозим аст. Дар ин самт масъалаи асосӣ на танҳо дуруст муайян намудани сиёсати давлатӣ ва самтҳои муҳимтарини инкишофи он, балки дарёфти роҳу воситаҳои зарурии татбиқи самараноки он ба шумор меравад.  Таъкид намудан муҳим аст, ки дар ҳар сурат омода намудани маъмурон ва сиёсатмадорони касбӣ дар сатҳи зарурӣ бояд вазифаи муҳимтарини хадамоти идоракунӣ қарор гирад.

Хизматчии давлатӣ, ки актори муҳимтарини амалӣ намудани самтҳои мухталифи сиёсати давлатӣ мансуб мегардад бояд раванди омӯзим ва таълимро аз зинаҳои поёнии таълим ва таҳсил фаро гирад. Он бояд то ба

зинаи камолоти касбӣ ва маънавӣ бирасад. Мақомотҳои илмию таълимиро зарур аст, ки дар ҳамкории мутаносиб ба омода намудани кадрҳои шоистаи идоракунӣ муваффақ гарданд. Ҳангоми тайёр намудани кадрҳои идоракунӣ ва маъмурони соҳибкасб рӯовариҳо ба меъёрҳои маҳалгароӣ ва хешутаборчигӣ, минтақагароиҳо барин амалҳои ифротӣ роҳ дода нашавад. Балки ҳангоми гузариши зинаҳои маъмурии давлатӣ талаботҳои муҳиму зарурии касбӣ, собиқаи хизмати давлатӣ, маҳорату малакаи роҳбарӣ ва меъёрҳои муқарраршуда ба инобат гирифта шаванд. Ҳангоми таъин, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, бояд ҳеҷ гоҳ ба эҳсосот ва иштибоҳҳои дигар роҳ дода нашавад.

Дар шароити муосири инкишофи Тоҷикистон идоракунии давлатӣ ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардидаанд. Мушарраф шудан ба истиқлолияти давлатӣ, дарёфт ва тақвияти рамзҳои давлатӣ, пеш аз ҳама, – Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ тавонистем, сохтори конститутсиониро такмил диҳем ва ба сатҳи комилияти зарурӣ расонем. Меъёрҳои асосии ҳал ва танзими масъалаҳои мухталифи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиро муқаррар намуда, асъори миллиро ҳамчун воситаи ченаки муоносибатҳои бозорӣ ба муомилоти васеъ ворид намудем.

Маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ қувваҳои мусаллаҳи кишвар ташкил гардида, қӯшунҳои сарҳадӣ таъсис ёфта, ҳифзи марзу буми кишвар дар сатҳи зарурӣ қарор гирифтанд.

Мақсади асосии таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ таъмини инкишофи мутаносиби иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании кишвар мебошад. Он имконият медиҳад, ки дараҷаи некуавҳолии одамон баланд гардида, сатҳ ва сифати зиндагии одамон ва тамоми бошандагони кишвар ба дараҷаи зарурӣ ва дилхоҳ боло равад. Дар асоси чунин мақсади наҷиб дар соҳаи иқтисодиву иҷтимоӣ тағйиротҳои муҳим пиёда гардидаанд, ки имконияти ҳалли масъалаҳои муҳими инкишофи давлатӣ ва ҷамъиятиро таъмин намудаанд. Аз ҷумла, кӯшишҳо барои таъмини истиқлолияти

энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, бартараф намудани бунбасти коммуникатсионӣ, саноатикунонӣ ва монанди инҳо ба сифати ҳадаҳҳҳои асосию стратегии инкишофи мамлакат пазируфта шудаанд ва дар воқеият ёфтани онҳо натиҷаҳои назаррасе ҳосил гардидаанд.

Дар раванди идораи давлатӣ тавассути амалӣ гардонидани вазифаҳои муҳими сиёсати давлатӣ мақомот ва ниҳодҳои гуногуну зиёди ҳокимияти давлатӣ аз боло то поин нақши муассир мегузоранд. Махсусан, ниҳодҳои ҳокимияти олӣ бо роҳбарии сардори давлат мақоми муайянкунандагӣ пайдо менамоянд.

Дар назди мақомоти идоракунии давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо амалишавии самтҳои сиёсати давлатӣ ҳам дар сатҳи универсалӣ ва ҳам дар сатҳи соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии мамлакат вазифаи ба таври ҳамешагӣ ва қатъӣ ҳалли масъалаҳои мухталиф ва таъмини инкишофи мутаносиби иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, такмил ва таҳкими системаи сиёсати давлатӣ ва идоракуниии давлатӣ меистанд. Ҳангоми ҳалли масъалаҳои асосии инкишофи мамлакат таваҷҷуҳи бештар ба проблемаҳои соҳаҳои иқтисодӣ, афзоиши иқтидори содиротӣ, хубтар шудани фазои сармоягузории ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ, ҷонибдорӣ ва додани кафолатҳои мухталиф барои соҳибкорони касбу корҳои гуногун, ҳифзи бонизом ва муваффақи иҷтимоии аҳолӣ, беҳтар намудан имконият ва шароитҳои бозори меҳнат ва умуман, беҳтар намудани имкониятҳо ва шароитҳои мусоиди истифодаи неруи инсонӣ ва ғайра дода мешаванд.

Ислоҳоти низоми идораи давлатӣ дар шароити Тоҷикистон ба натиҷаҳои назаррас расид. Он тавонист ниҳодҳои давлатии идоракунӣ ва назоратии онҳоро таъсис дода, тадриҷан такмил диҳад. Зиёда аз ин байни ниҳодҳои идоракунии давлатӣ ва унсурҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ равобити мутақобилаи зарурииро пайдо кунонад. Ҳолати мазкур яке аз сабабҳо ва заминаҳои инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангӣ ҷомеаи муосири Тоҷикистон гардид ва инчунин ҳамчун омили рушд дар раванди инкишофи минбаъда истифода хоҳад гардид.

Воқеият ёфтани ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ ва тадриҷан такмил гардидани он боиси он мегардад, ки ба таври самаранок иқтисодиёти ватаниро инкишоф дода, барои рушди минбаъдаи он тадбирҳои муҳим меандешад. Асалан, моҳияти ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ ва сохторҳои таркиботию фаъолиятии онро низ ҳамин ҷиҳат ташкил медиҳад.

Ҳадафи асосии идоракунии давлатӣ ва тавассути он ба амал баровардани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар асоси буҷети давлатӣ дастгирии мунтазам ва пурраи инкишофи зерсистемаҳои системаи ҷамъиятӣ: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданию сиёсӣ ба шумор меравад. Тадриҷан ва бемайлон зиёд гардидани музди меҳнат, маошу нафақаи доираи васеи одамон ба баланшавии сатҳи зиндагӣ ва сифати ҳаёти одамон мегарданд.

Ҳукумат ва ниҳодҳои татбиқи сиёсати давлатӣ ва мақомоти мухталифи идоракунии давлатӣ истифода аз барномаҳои сармоягузориро муҳим мешуморанд. Бинобар ин, ҳарчи бештар чунин санадҳо ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ омода гардида, дар сатҳи муташаккилии хоса қабул мегарданд ва дар шароити муайяншуда ба воқеияти ҷамъиятӣ пайваст мегарданд.

Вазифаи муҳимтарини сиёсати давлатӣ ва идоракунии сиёсиро ташкил ва таъмини инкишофи мутаносиб ва сатҳи зарурии соҳаи саноат ташкил менамояд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди мутаносиби ҳама гуна соҳаҳои саноат, махсусан, саноати вазнин бисёр муҳим ва зарурӣ мебошад. Аммо рушди саноати вазнин мушкилиҳо ва монеаҳои зиёдеро доро аст. Аз ин хотир, дар мавриди аввал ба сатҳи зарурӣ овардани низоми сармоягузорӣ ва махсусан сармояи хориҷӣ муҳим аст. Сармоягузориҳои ватанӣ низ муаассиранд. Сармоягузорони дохилӣ низ метавонанд ҳамчун омили рушд амал намуда, башҳои алоҳидаи саноати кишварро ба дараҷаи зарурӣ расонанд. Муҳим аст, ки дар шароит ва бо инобат гирифтани воқеият ва вазъияти сармоягузории дохилӣ соҳаҳои

мухталиф ва васеи саноати сабук, металлургия, хӯрокворӣ, истеҳсоли таҷҳизот, саноати химия ва масолеҳи сохтмон ба дараҷаи зарурӣ инкишоф дода шаванд. Барои амалӣ намудани ҳадафи мазкур дар шароити Тоҷикистон тамоми имкониятҳоро дарёфт намудан мушкилие надоранд.

Дар рафти амалӣ намудани ислоҳоти системи идоракунии давлатӣ ва татбиқи сиёсати муваффақи давлатӣ бештар ба сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ диққати бештар дода шудааст. Дар кишвар дар замони соҳибистиқлолӣ зиёда аз 260 неругоҳи хурду миёнаи барқи обӣ сохта шуда, хатҳои баландшиддати интиқоли барқ кашида шудаанд, ки онҳо тавонистанд низоми ташкили шабакаи ягонаи энергетикиро ташаккул ва инкишоф диҳанд. Дар шароити ҳозира низ амалҳои зарурӣ дар неругоҳҳои обии «Роғун», «Сангтӯда-2», инчунин неругоҳҳои хурду миёна дар ҳавзаи дарёҳои Вахшу Зарафшон ва Варзоб, аз ҷумла неругоҳи «Норак» дар сатҳи зарурӣ воқеият пайдо менамоянд.

Яке аз масъалаҳои дигари муҳиме, ки дар самти амалигардонии сиёсати стратегии давлат ва ҳукумати Тоҷикистон мавриди ҳали босубот ва таваҷҷуҳи ҳамешагӣ қарор гирифтааст, таҷдид ва навсозии шоҳроҳҳо (1700 км), нақбҳо (17 км), роҳҳои оҳан ва пулҳоро (100) сохта, мавриди истифодаи умум қарор додан мебошад.

Масъалаи дигари муҳимро таъмини амнияти озуқаворӣ ташкил менамояд. Чуноне ки президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов таъкид намудаанд, 75 ҳазор гектар заминро ба мардум тақсим карда додем ва ба зиёда аз 1 млн. оилаҳо замини назди ҳавлигӣ ҷудо карда шудааст [4].

Бо беҳтар гардидани вазъияти иҷтимоӣ – иқтисодии кишвар, ки дар заминаи дастовардҳои саҳибистиқлолӣ ва роҳи расидан ба сулҳу осоиш ба вуҷуд омад, имкониятҳо барои қабули ислоҳотҳои куллии соҳавӣ дар тамоми рафти амалигардони самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ба вуҷуд омадаанд. Ҳамин буд, ки бо мақсади мутобиқ ба талаботҳои иқтисоди бозорӣ ба таври ҳамешагӣ таҳия ва татбиқи бахшҳои гуногуни сиёсати давлатӣ ва дар асосҳои он ба роҳ мондани сатҳи зарурии идоракунии

сиёсию маъмурии давлатӣ тарҳрезӣ мегарданд ва сатҳи зарурии татбиқи худро пайдо менамоянд.

Ҳамаи ин ва ба он алоқаманд шароитҳои мусоид барои қабули тадбирҳои ҷиддӣ баҳри ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ, ташкили низоми амалкунанда ва самарабахши идоракунии ҳамаи сатҳои ҳокимияти иҷроия ва худидораи маҳал оварда расонид. Бомуваффақият амалисозии ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ, ҳамчунин ба ислоҳотҳои куллии мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, худидораи маҳал ва мукамалсозии бахшҳои ҳокимияти қонунбарор ва судӣ низ вобастагии зич дошт.

Таҳлил ва натиҷагириҳо аз низоми амалкунандаи идоракунии давлатӣ собит месозанд, ки дар кишварамон як қатор масъалаҳое мавҷуданд, ки раванди инкишофи муътадили ҷамъиятро нигоҳ медоранд. Аз ҷумла, дар кишвар тарзи фаъолияти якҷояи сиёсати ягонаи давлатӣ, ки ифодагари ҳамаи ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ дар маҷмуъ бошанд ташаккул наёфта буд. Ҳадафро ҳимояи иштирокчиёни равандҳои ҷамъиятӣ ташкил менамуданд. Онҳо муаззафанд, ки ҳамкориҳо ва ҳамгироиҳои давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро бо назардошти иқтисоди бозорӣ бо истифода аз унсурҳои дигари идоракунии муосир мавриди таваҷҷуҳ ва истифодаи вҷасеъ қарор диҳад.

Мақомотҳои идоракунии ҳокимиятҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ вобаста ба махсусиятҳои раванди таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар фаъолиятҳои вобаста ба он дар марҳалаи ташаккул иштирок карда наметавонанд ва ё иштироки онҳо чандон зарурати муҳимро касб намекунанд. Зеро онҳо ҳамчун мақомоти иҷроияи сатҳи поёнӣ бештар ҳангоми амалигардонии сиёсати давлатӣ, махсусан, сиёсати соҳаҳои алоҳидаи хоҷагидорию идоракунӣ фаъолияти бештар самаранокро касб менамоянд.

Яке аз масъалаҳои асосии сиёсати давлатии универсалиро ташаккули стратегияи самараноки идоракунии давлатӣ ташкил медиҳад. Он дар

заминаи вазифаҳои таъмини инкишофи мутаносиби иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳарчи бештар кам гардонидани сатҳи камбизоатӣ дар муҳити доираҳои васеи аҳолӣ ба миён меояд. Вазифаҳои асосӣ ва ҳалли босуботи онҳо имкон медиҳанд, ки ба ҳадафҳои барномавию стратегӣ бирасем ва онҳоро дар инкишофи босуботи мамлакат ҳарчи бешар истифода намоем. Аз ҷумла ба масъалаҳои зерин ва дарёфти роҳу воситаҳои ҳал ва танзими минбаъдаи онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоем:

- таъмини самараноки идоракунии давлатӣ дар сатҳи миллӣ;

- беҳбуди идоракунии давлатӣ мутобиқи принсипҳои иқтисоди бозаргонӣ;

- сифатан тағйир додани ҳолати самаранокии идоракунии давлатӣ дар соҳаи молия;

- таъсиси ниҳоди идоракунии замонавӣ, ки ҳолати зарурии касбии хадамоти граждании давлатиро ифода карда метавонад;

- инкишофи мутаносиби идоракунии маъмурӣ ва ҳудудӣ;

- ташкили сатҳ ва сифати идоракунии маҳаллӣ, ки барои тамоми аҳолӣ хизматрасонии гуногуну сифати зарурирo ба миён меорад. Инчунин муҳим аст, ки аз мувофиқгардонии воҳидҳои маъмурӣ ва ҳудудӣ ва тақсимоти дақиқи ваколат ва уҳдадориҳо байни идораҳои марказӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ истифодаи самарабаш ба амал баровarда шавад.

Бояд таъкид кард, ки дар ҳалли босуботи масъалаҳо ва самтгириҳои зарурии инкишофи раванди идоракунӣ Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, № 1713 қабул гардидааст, аҳамияти муҳим пайдо намудааст.

Мақсад ва ҳадафи асосии ин Стратегияи инкишофро Сардори давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар "ҷорӣ намудани низоми самарабахш аз шаффофи идоракунии давлатӣ, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмини минбаъдаи рушди устувори иқтисодӣ"маънидод намудааст [6]. Онро ҳамчун асоси рушди самараноки ислоҳоти низоми идоракунии

давлатӣ дар давраи ҳозира донистааст. Маҳз дар заминаи қабули ҳамин ҳуҷҷат имкониятҳо баҳри қабули дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ пайдо гардидаанд, ки дар рушди самараноки идоракунии давлат ва татбиқи сиёсати давлатӣ ислоҳотҳои куллии соҳаи идоракуни давлат мутобиқ ба шароитҳои демократикунонӣ ташаккул ёфтаанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар таърихи 16 апрели соли 2012 қабул гардид. Он ба сифати санади асосии низоми идоракунӣ амал менамояд ва барои таҳия ва қабули санадҳои дигари меъёрӣ ҳамчун замина истифода мегардад. Он тартиби амали мақомоти идоракунии давлатии кишварро майян карда, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти онҳоро ба тартиб меорад.

То замоне, ки муносибатро куллан ба идоракунӣ тағйир надиҳем, дар ҳеҷ сурат наметавонем ба дараҷаи зарурии мазмун, шакл ва унсурҳои мадании давлатдории миллӣ муваффақ гардем. Маҳз ташаккули ислоҳоти низоми идоракунӣ метавонад нақши пешбар ва ё пешсаф дошта бошад. Фақат дар чунин сурат гирифтани равандои ҷамъиятӣ метавонем ба аҳли ҷомеа таъсир расонем ва онҳоро ба раванди идоракунии васеъ ҷалб намоем.

Чунин ҳолатро таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта исбот менамоянд. Муваффақ гардидан зинаи пешрафтаи идоракунии давлатӣ кори салҳ нест. Бинобар ин, моро зарур аст, ки бо истифода аз консепсияҳои замонавии идоракунӣ низоми мазкурро ҳарчи бештар тақвият бахшем.

Хулоса, баъди соҳибистиқлол гардидан, Тоҷикистон амалӣ намудани дигаргуниҳои системавии иқтисодӣ ва сиёсӣ, самти ислоҳоти тамоми низоми идоракунии давлатиро пеша намуд. Дар натиҷаи бунёди давлатдорини навин, ташаккули мақомоти нави давлатӣ ба миён омаданд. Лекин раванди ташаккули низоми сиёсати давлатӣ бо оғоз гардидани ҷанги шаҳрвандӣ халадор гардид.

Дар шароити имрӯза ислоҳоти низоми сиёсати давлатӣ идома дорад. Раванди ин ислоҳотҳо қисми таркиби табдил додани Тоҷикистон ба давлати рушдкарда ҳисобида мешавад. Илова бар ин, ислоҳоти мазкур ба баланд намудани самаранокии сиёсати давлатӣ дар тамоми сатҳҳо равона гардидааст.

## 2.2. Мақом, нақш ва вазифаҳои ниҳодҳои давлатӣ дар таҳия ва амалисозии сиёсати давлатии Тоҷикистон

Дар шаклгирӣ ва тараққии сиёсати давлатӣ омилҳои гуногун нақши муассир доранд. Дар ин ҷо мизони рушди иқтисодӣ, иҷтимоиёт, мизони шуур ва фарҳанги сиёсӣ, таркиби элитаи сиёсии ҷомеаро бавежа ёдовар шудан муҳим аст.

Дар мамлакатҳои олами муосир сардори давлат вобаста ба сохти иҷтимоӣ ва хусусиятҳои режими сиёсӣ вазифа ва салоҳиятҳои гуногунро касб намудааст. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон сардори давлат салоҳият ва ваколатҳои мухталиферо касб менамояд, ки дар раванди идоракунии ҷомеа нақши муҳим доранд. Салоҳият ва ваколатҳои президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шуда, хусусиятҳои мухталифи консептуалӣ ва меъёриро касб намудаанд [1].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сардори давлат асосҳои сиёсати давлатиро муайян намуда, самтҳои инкишофи онро мушаххас гардонида, тартиби таҳия ва татбиқи амалии онро зери назорати доимӣ қарор медиҳад. Воситаи муҳимтарини муайян намудани сиёсати давлатӣ, самтҳои муайяни он, пеш аз ҳама, Паёмҳои ҳамасолаи президенти мамлакат ба шумор мераванд. Сардори давлат ҳама масъалаҳои инкишофи мамлакат таваҷҷуҳ намуда, чорабиниҳо ва барномаҳои муҳимтаринро пешниҳод менамояд. Чунончи, дар Паёми соли 2019 ба

Маҷлиси Олӣ президент вобаста ба рӯзмаррагии самтҳои рушди мамлакат асосҳо сиёсати давлати Тоҷикистонро муқаррар намудааст. Онро, барҳақ намунаи хуби идоракунии мардумсолорӣ ва таҳким бахшидани низоми давлатдорӣ ҳисобидан арзанда аст [186].

Бо паёми хосса дар назди намояндагии васеи ҳокимияти давлатӣ, бахусус дар назди намояндагони ниҳоди интишороти қонунҳо баромад намудан анъанаи давлатдории кишварҳои демократӣ мебошад. Он як навъ муошироти сиёсӣ ва муколамаи сиёсӣ мансуб мегардад, ки сардори интихобнамудаи мардум ва аксари аҳолӣ ба одамон тавассути намояндагони сатҳи дигари худ муроҷиат намуда, вазифаҳои муҳимтарини инкишофи мамлакатро барои давраи муайян дар ҳудудҳои хоса тарҳрезӣ менамояд. Ироаи паёми сардори давлат бори аввал дар асри XIII дар ҷаласаи Парламенти Англия сурат гирифта, сипас ба таври тадриҷӣ ба ҳукми анъана ворид гардидааст. Бори аввал он тавассути «нутқи тахтии» шоҳ садо додааст.

Сипас, аз соли 1790 дар амалияи ИМА дар шакли суханронии Президент дар Конгресс идома ёфтааст. Дар шароити кишвари мо ироаи паёми президент баъди фаноёбии СССР ва соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳои собиқи советӣ ба миён амадааст. Дар ин кишварҳо Паёми сардори давлатҳо ба вакилони парламент татбиқ мегардад. Дар ин раванд аксарияти сардорони кишварҳои ИДМ, аз ҷумла Федератсияи Россия, Украина, Белорус, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Гурҷистон, Озарбойҷон ва ғайра ба таври доимӣ ба шохаҳои дигари ҳокимияти давлатӣ муроҷиат намуда, асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакатро барои давраи муайян тарҳрезӣ менамоянд [169, с, 184].

Паёми Сарвари давлат дар Тоҷикистон аз мазмун ва муҳтавои конститутсияи кишвар оғози хешро пайдо намуда, дар заминаи боби чорум - «Президент» воқеият пайдо менамояд. Дар моддаи 69-уми конститутсия, ки салоҳиятҳои президентро муайян намудааст, нишон дода мешавад, ки президент самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии

кишварро муайян менамояд. Вобаста ба моддаи 70-уми конститутсия бошад, президент дар доираи салоҳиятҳои хеш фармонҳо ва амрҳо интишор менамояд.

Ҳамин тавр, дар шароити Тоҷикистон Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ – парламенти доимоамалкунандаи мамлакат дар асосҳои легитимӣ ва қонунӣ сурат гирифта, талаботҳои Қонуни Асосии Тоҷикистон бармеояд. Ироаи паём як навъ ифода ва амалисозиҳои вазифаҳо, ҳуқуқҳо ва салоҳиятҳои сарвари давлат воқеият пайдо менамояд.

Дар ошкор сохтан ва муайян намудани сиёсати давлатӣ, самтҳои гуногуни он ва роҳу воситаҳои татбиқи он мақоми махсусро ниҳоди сарварии сиёсӣ касб намудааст. Он тарзи нави роҳбарӣ нест. Он кайҳо воқеият дорад. Аммо дар шароити ҳозира сифатҳо ва хусусиятҳои навтаринро пайдо намудааст. Он як навъ тарзи ташкили ҳокимияти сиёсӣ дар ҳамбастагӣ бо ҳокимияти ҷамъиятӣ бо шуури сиёсии рушдкарда мебошад. Чунин ҷомеа на дар ҳар макон ва замон таърихи тулонӣ дорад. Дар баъзе кишварҳо давраи ташаккули он идома дорад, дар аксарияти кишварҳо ҳанӯз заминаҳои ташаккули он пайдо нашудааст. Маҳз дар ҷомеаи кушод иштирокчиёни воқеии раванду ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ метавонанд ба таври мақсаднок ва дар доираи манфиатҳои фардию ҷамъиятӣ сарвари сиёсиро интихоб намоянд ва дар мавриди зарурӣ онро аз нав интихоб намоянд ва ё ба шахси дигару беҳтаре онро иваз намоянд. Ба ин тариқ сурат гирифтани интихоби сарвар уро водор менамояд, ки ҳангоми фаъолият ба талаботу манфиатҳои интихобкунандагон, тарафдорон ва хайрхоҳони худ муносибати боэҳтиётона дошта бошад.

Яке аз шартҳои асосии сарвариро даст доштани шахс ба кадомин ҳуҳуроти ҳокимият мебошад. Шахсро зарур аст, ки ҳеҷ набошад дар таркиби иттиҳодияҳои расмӣ ва ё ғайрирасмии ҷамъиятӣ мақом ва нақши фаъолтареро дар нисбати аъзои дигари он пайдо намояд. Агар чунин

мақомро дар таркиби ниҳодҳои давлатӣ ва ё ниҳодҳои бузурги давлатӣ пайдо намояд, боз беҳтар аст.

Сарвари сиёсӣ одатан ба гурӯҳи одамон, ки ба ӯ дастгирӣ менамоянд такя намуда, бо ёрию ҷонибдории онҳо амал менамояд. Сарвари сиёсӣ аз рӯуи мазмуну мундариҷа, шакл ва тарзи истифодаи роҳу воситаҳо дар шакл ва сатҳи мухталиф зоҳир гардад. Пеш аз ҳама, дар симои сарвари сиёсӣ ду ҷиҳати асосиро дарк намудан хосияти асосии муносибат ба онро ташгкил менамоянд: сарвари сиёсӣ ҳамчун шахсият ва сарвари сиёсӣ ҳамчун падидаи ҷамъиятиву сиёсӣ. Дар ҳар ду сурат сарвари сиёсӣ маҳсули ҳамон ҷомеаи мушаххас мебошад. Яъне, вай ҳодисаеро мемонад, ки сатҳи гуногуни таъсирррасонӣ ба одамон ва ташкилотҳои мухталифро пайдо менамояд ва инчунин ҳамин гуна таъсиррасониҳои гуногуну пайвастаро ба худ қабул менамояд.

Ташхиси ҳамаҷониба хосиятҳои асосию муҳимтарини сарвари сиёсӣ боиси он мегарданд, ки қобилият ва дастрасии вай дар ҳалли вазифаҳо ва салоҳиятҳои хизматии вай то андозаи зарурӣ фаҳмида мешавад. Муайян мегардад, ки қудрату имкониятҳои сарвари сиёсӣ аз куҷо сарчашма мегиранд ва то ба куҷо ва то ба кадом андоза идома ёфта метавонанд. Аз ин ҷост, ки омӯзиш ва натиҷагириҳои сифатҳо ва хосиятҳои дигари сарвари сиёсӣ аҳамияти муҳимро касб менамоянд. Дарк ва тавсифи ҳолати мазкур имконият медиҳанд, ки сарварии сиёсӣ хосияти мунтазам пайдо намуда, дар раванди инкишофи ҷомеа ба таври зарурӣ истифода хоҳанд гардид.

Дар фаъолияти сарвар мақоми хосаро шаклҳои зуҳури қобилият ва истифодаи донишу малака ва маҳорати дарки масъалаҳои инкишофи ҷомеа ба ҳисоб меравад. Сарвари сиёсӣ на танҳо масъалаҳои асосию муҳими ҳаёти ҷамъиятиро фаҳмад ва ба системаи онҳо ба таври осон ва мақсаднок сарфаҳм равад, балки барои ҳалли самараноки онҳо чораҳои зарурирo андешида тавонад. Ҳангоми рӯоварӣ ба масъалаҳои муҳими инкишофи ҷомеа сарвари сиёсӣ, пеш аз ҳама, ба донишу малакаю

маҳорати касбии хеш такя менамояд, сипас ба ризоият ва компромисс рӯй оварда, мавқеъ ва дархосуту талаботҳои иштирокчиёни раванди сиёсиро ба эътибор мегирад.

Сарвари сиёсиро дар сатҳ ва шакли гуногун тавсиф менамоянд. «Сарварӣ яке аз ташкилотҳои қадима ва умумии инсоният ба ҳисоб меравад, ки кӯшишҳо ва меъёрҳои рафтори иҷтимоии фардҳоро бо намунаи пешниҳодшудаи авторитарӣ мувофиқ менамояд» [38, с, 247].

Масъалаҳои гуногуни ниҳоди сарвариро, ки моҳияти иҷтимоиро касб менамоянд мавриди таҳлил ва таркиб қарор дода, онро чунин тавсиф низ менамоянд: «Сарварӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ҳамчун падидаи умумӣ баромад менамояд. Он дар тамоми саҳаҳои фаъолияти инсон мушоҳида мешавад: дар соҳаи соҳибкорӣ, дар фаъолияти ҳизбӣ, дар мақомотҳои давлатӣ ва созмону ташкилотҳои ғайрирасмӣ, дар амалҳои оммавӣ. Қайд намудан зарур аст, ки дар байни тамоми зуҳуроти худ, ошкор намудани моҳияти он дар илми сиёсӣ мақоми махсусро касб намудааст».[106, с, 119].

Бо такя ба чунин тақсимбандӣ метавон гуфт, ки «сарварӣ» бештар ҳамчун муайяннамоӣ ва таъсиррасонии сиёсӣ дониста мешавад, ки як шахс ба ашхоси дигар ба хотири ташкили фаъолияти якҷоя ва амалӣ таъсир мерасонад.

Шаклан сарварии сиёсии падидаест, ки ба ҳокимият асос ёфтааст. Зеро он дар қобилият ва имкониятҳои як ё якчанд нафарест, ки дар сатҳи болоии ҷомеа макон гирифта, дигаронро маҷбур менамояд, ки дар доираи ҳадафҳо ва вазифаҳои он амал намоянд. Инчунин ҳар як навъ ва ё шакли зуҳури ҳукмронӣ ба масъалаи сарварӣ пайваст аст. Сарварӣ ҳокимиятест, ки ҳам ба таври горизонталӣ ва ҳам ба таври вертикалӣ ба амал меояд.

Дар шароити ҳозираи инкишофи ҷомеа сарварӣ, аз ҷумла сарварии сиёсӣ бештар ба низоми интишороти қонунҳо ва махсусан, ба конститутсия такя намуда, онҳоро ҳамчун заминаи боэътимод истифода менамояд. Аз тарафи дигар, дар бештарин ҳолатҳо сарварони сиёсӣ

ҳангоми ҳукм кардан ва рӯовариҳои мухталиф ба ҳокимият аз урфу одат, анъанаҳо ва ҳолатҳои муҳими ҳаёти одамон истифода менамоянд.

Таълимот дар бораи сарварии сиёсӣ ва ҷойгоҳи сарвар дар раванди идоракунии давлатӣ ва инчунин ба эътибор гирифтани мақом ва нақши вай дар раванди таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар назарияи сиёсӣ таваҷҷуҳи хосаеро пайдо намудааст.

Дар замони қадим андешаҳо дар бораи сарварии сиёсӣ ба хосиятҳои шахсии подшоҳон, сиёсатмадорон ва махсусан, лашкаркашон такя менамуданд. Фаъолияти онҳо манбаъ ва заминаи муътамади ташаккули таълимотҳои сиёсӣ дар мавриди сарварӣ буданд. Ҳанӯз Геродот ва Плутарх ходимони давлатӣ ва ҳокимони бонуфузро ба сифати бунёдгарони таърих муаррифӣ менамуданд. Мувофиқи назари онҳо самтҳои ҳодисаву падидаҳо дар рафти инкишофи ҷомеа аз бисёр ҷиҳат ба рафтор ва амали ҳокимон ва сарлашкарон пайвасти ногусастанӣ доштанд [58, с, 89].

Афкору андешаҳои муҳаққиқони атиқа ба ташаккули назария ва таълимоти гуногуни сиёсӣ, ки дар маъниҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ба амал меомаданд, мусоидат намуда, ҳамчун омили рушди онҳо дониста мешуданд. Дар таълимоти файласуфон ва донишмандони замони куҳан проблемаи «ҳокими ғоявӣ» яке аз самтҳо ва мақоми асосиро пайдо намуда буданд.

Ҳамин тавр, дар давраи қадим донишмандон ҳангоми таҳқиқ ва хулосагирии раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсӣ ба омили шахсӣ таваҷҷуҳи бештареро насиб медонистанд. Дар аввал, дар доираи доираи меъёрҳо ва тартиботи мавҷуда ба ҳоким ҳокимияти бемаҳдуд мансуб дониста мешуд. Дар чунин ҳолат низ бо воситаҳо ва роҳҳои расмию қонунӣ назорат ва идора намудани фаъолияти ҳокимон қариб ҳеҷ гуна имконият надошт. Зеро ҳокимон аз мақоми иҷтимоиашон истифода намуда, ҳар гуна амали дилхоҳро воқеӣ мегардониданд. Шахсияти ҳокимон, ки идоракунандагони асосӣ ба шумор мерафтанд дар рушди ҷомеа нақши

муайянкунандаро соҳиб гардида буданд. Сипас, идеологияи расмӣ аз ҳар ҷиҳат шахсияти ҳокимон ва сарваронро ҳимоя намуда, мақом ва нақши онҳоро дар инкишофи ҷомеа ва давлат ҳалкунанда дониста, онҳоро ҷонибдорӣ менамуданд.

Яке аз хосиятҳои асосии сарваронро ба ҷомеаи олӣ тааллуқ доштани онҳо ташкил менамуд. Низоми довталаб будан ба сарварии сиёсӣ аз маъруфияти онҳо дар назди лашкар ва ниҳодҳои қудратӣ вобаста буд. Инчунин ҷонибдории ҳоким ва ё сиёсатмадор аз ҷониби мардум, қобилияти таҳия, пешниҳод ва татбиқи барномаҳои сиёсӣ дар мавриди таҳким ва такмили сохти иҷтимоию сиёсӣ ба сарварони сиёсии эҳтимолӣ таъсири муассир мерасониданд. Вазифаи асосии сарварони сиёсӣ ва ҳокимони баландпояро дар аввал хизмат намудан ба давлат ва сипас, ғамхорӣ дар бораи одамон ва сокинони мамлакат ташкил менамуданд.

Яъне, дар замони қадим ва махсусан, дар ҷомеаи сиёсии Юнон ва Рими қадим муҳаққиқон ҳамаи масъалаҳои сиёсии инкишофи давлату ҷомеаро дар пайвастагӣ бо ҳаёт ва фаъолияти сарварон мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор медоданд. Самтҳои асосии инкишоф ва хусусиятҳои равандҳои ҷамъиятиву сиёсӣ аз тарзи муносибати сарварон вобаста медонистанд.

Дар замони Асрҳои миёна андешаҳои қаҳрамонии сарварии сиёсӣ торафт мавқеашонро гум менамуданд. Ҷои онҳоро муносибати сокралию муқаддасотӣ мегирифтанд. Бештар таълимоти сарварии сиёсӣ дар зери таъсири таълимотҳои динӣ ташаккул меёфтанд. Чунин тарзи муносибатро дар Ғарб А. Августин, Ф. Аквинагӣ ва дар Шарқи исломӣ Муҳаммад Ғазолӣ пуршиддат мегардониданд. Аз назари онҳо давлат ниҳоди махсусу муҳимест, ки аз ҷониби Худо барои идораи ҷомеа ташкил гардидааст.

Мутафаккирони форсу тоҷик низ оид ба масъалаҳои сарварӣ таълимотҳои ҷолиброро пешниҳод намудаанд. Яке аз мутаффакирони асримиёнагии форсу тоҷик, ки бештар ба масъалаҳои сарварӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст Муҳаммад Ғазолӣ мебошад.

Дар назарияи сиёсии таърихии сарварии сиёсӣ мақоми махсусро таълимоти Макс Вебер пайдо намудааст. М. Вебер тавонистааст, ки дар заминаи таҳлил ва хулосагириҳои умумӣ ва махсус хусусиятҳои таълимоти сарвариро бештар ва хубтар ошкор созад ва назарияи комилтареро ташаккул диҳад. Ҳамин буд, ки таълимоти М. Вебер дар ташаккул ва инкишои парадигмаҳои сарварии сиёсии замони баъдина мақоми хосаро касб намудааст. Муҳаққиқони замони баъдина таълимоти ӯро ҳамчун манбаи боэътимод мавриди истифодаи васеъ қарор додаанд.

Сатҳи фаъолияти сарвар ва доираҳои масъалаҳои фарогири он аз воқеияти объективӣ вобастаанд. Аҳаммият ва муҳимияти вазъияти воқеӣ дар бештарин ҳолат се омили ба ҳам пайваста алоқаи бевосита доранд. Пеш аз ҳама, вазъият дар ташаккули шахсияти сарвари сиёсӣ нақши муайянкунанда пайдо менамояд. Дуюм, вазъияти сиёсӣ вобаста ба воқеияти сиёсӣ дар назди сарварону ҳокимон масъалаҳои зиёду гуногунро пеш меоранд, ки дарёфти ҷавоби мушаххас барои ҳар як он барои сарвар аҳамияти муҳим пайдо менамояд. Сеюм, ин ки вазъият имкония ва шароитеро ташаккул медиҳад, ки сарвар дар мавриди истифодаи онҳо кӯшиши ҳалли масъалаҳоро ба миён меорад.

Ҳамин ҷиҳатро эътироф намудан лозим меояд, сарвар ҳамто надорад. Ӯ ҳамчун шахс соҳиби мухторияти хоса мебошад. Маҳз ҳамин ҷиҳат посухи вайро дар шароити доимотағйирёбандагии ҷомеа омода месозад.

Ҳангоми омӯзиш ва хулосагириҳои интерактивӣ фаъолиятҳо бахри ба таври пурра ба инобат гирифтани ҳамаи омилҳои ташаккул ва инкишофи рафтори сарвари сиёсӣ анҷом дода мешаванд. Инчунин, масъалаҳои мухталифи сарварӣ новобаста аз муносибат ба он мавриди таҳқмқ қарор гирифта, хулосаҳои зарурӣ пешниҳод мегардад.

Дар чунин сатҳ ва шакл анҷом додани таҳқиқи масъалаҳои сарварӣ бояд хосияти маҷмуӣ пайдо намояд. Бештар ба маводҳо амалӣ ва дастурҳои методию барномавӣ такя намуда, пеш аз ҳама, мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои асосии сарварии сиёсиро мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ

қарор додан лозим аст. Зиёда аз ин, моро зарур аст, ки муносибатҳо ва пайвастҳои таснифот ва тавзеҳоти мухталифӣ сарварии сиёсиро сарфи назар нагардонем. Вобаста ба чунин тарз ва сатҳи муносибат, ки бештар аҳаммияти методологӣ пайдо менамоянд, низоми умумӣ ва махсуси ташаккул ва инкишофи сарварии сиёсиро дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон мавриди назар қарор диҳем.

Дар мамлакатҳои мутамаддин сарварии сиёсиро унсур ва омили муҳими ҳаёти ҷомеа тавсиф менамоянд, ки он ифодаи воқеият мебошад. Ҳангоми ҳамгироии сиёсат бо масъалаҳои гуногуни бандубасти он, ки барои шаҳрвандон нисбатан дақиқ ва сода зоҳир мегардад, чунин бандубаст сарварони сиёсии умумимиллии дониста мешаванд. Чуноне ки таъкид сохтем сарвари сиёсӣ омили пайвандии универсалӣ ва эътирофшудаи ҳаёти сиёсӣ дониста мешавад. Пажӯҳишгар Р. Стогдилл ияброз медорад, ки «падидаи сарварӣ дар як доираи аҳолӣ – донишҷӯён, ҳарбиён, соҳибкорон ҳаматарафа омӯхта мешуд, лекин дар дигар доираҳо – сиёсат, сарварии коргарӣ, сарварии ҷаҳони ҷиноятӣ нисбатан ба фаромӯшӣ гузошта шуда буд»[206, P, 5].

Муҳаққиқи дигари шинохтаи масъалаҳои сарварӣ Б.Д. Паригин ба проблема таваҷҷуҳи махсусе зоҳир намуда, мафҳум ва фаҳмҳои сарвар ва роҳбарро дар алоҳидагӣ ва пайвастагии якдигар таҳқиқ намуда хусусиятҳои асосии онҳоро ба таври барҷаста нишон додааст. Ӯ ба масъалаҳои асосию зерини он таваҷҷуҳи бештар намудааст:

- сарвар муносибатҳои байниҳамдигарии аъзои мақомотро зери назорат қарор дода, онҳоро мавриди танзим қарор медиҳад. Аммо муносибати роҳбар сатҳи диргарро дар бар мегирад. Ӯ муносибатҳои расмии байниҳамдигарии одамонро ро дар гурӯҳ ба сифати навъи иттиҳоди иҷтимоӣ фарогир мешавад;

- роҳбарӣ дар муҳити на чандон васеъ, яъне доираи фаъолияти худи роҳбар ба амал меояд. Сарварӣ бошад ба сифати унсури таркиботии

калон ва васеъ баромад менамояд. Яъне, сарварӣ фаъолият дар низоми васеи ҷамъиятӣ дониста мешавад;

- сарварӣ ба таври ғайримуташаккилона оқибати амали аъзои гурӯҳи иҷтимоӣ буда, таъин намудани роҳбар ба таври ғайримуташаккил ба амал меояд;

- сарварӣ чандон устувор нест ва низоми воқеии он аз воқеияти умумияти иҷтимоӣ бармеояд;

- роҳбарӣ дар нисбати зердастон бо баҳисобгириисистемаи махсуси муҷозотҳо ба амал баровара мешавад. Аммо сарвар дорои чунин захираҳо нест;

- роҳбар ҳангоми қабули қарор мушкилиҳо ва монеаҳои зиёдеро ҳис менамояд. Вазъият ва шароиту имкониятҳои мухталиф асоси воқеии онҳоро ташкил менамоянд. Аммо ҳҳолати сарвар дигар аст. Ӯ худ метавонад бе иштироки дигарон қарорҳоро қабул намояд [113, с, 48].

Дар солҳои 80-уми асри XX тавассути корҳои таҳқиқотии олимон Е.С.Кузьмин, И.П.Волков ва Ю.И.Емельянов ҳамбастагиҳо, таъсиррасониҳои ва қабули таъсири ҳодисаҳо ва падидаҳои дигари ниҳодҳои сарварӣ ва роҳбарӣ мушаххас гардонида шуда, дар сатҳи зарурӣ муайян карда шудаанд. Ба ҳолати мазкур амали дигар таъсири муассир мерасонид. Яъне, то кадом андоза гурӯҳ ва ё умумияти иҷтимоӣ роҳбарро ҳамчун сарвар қабул менамуд [91, с, 145]. Фаҳми дуруст ва саривақтии сарварӣ ба сифати ҳодисаи ҷамъиятӣ, ки одатан хоси гурӯҳҳо ва умумиятҳои иҷтимоии хурд мебошанд, дар заминаи мавқеи назариявии муҳаққиқ, супоришҳои идеологию сиёсӣ ба миён меояд.

Яке аз муҳаққиқони шинохтаи сарварӣ А.Н. Леоентев дониста мешуд. Ӯ масъалаҳои гуногуни сарварӣ, аз ҷумла сарварии сиёсиро мавриди омӯзиши амиқ ва натиҷагириҳои самарабахш қарор додааст. Муҳаққиқ ҳангоми пажӯҳиши масъалаҳои сарварӣ, пеш аз ҳама, таваҷҷуҳро ба мақсад ва вазифаҳои он равона намудааст. Ӯ тавонист, ки низоми ташаккул ва инкишофи сарвар ва низоми нисбатан самараноки сарвариро

дар муҳити муайян, ки макони амали дар гурӯҳи иҷтимоӣ мебошад, муайян намояд. Аммо дар давраи советӣ чунин муҳаққиқон наметавонистанд, ки масъалаи сарварии сиёсиро дар сатҳи зарурӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷониба қарор диҳанд [153, с, 13-21].

Баъзе муҳаққиқон ба масъалаи сарварӣ назари тамоман дигару мухолифро баён намудаанд. Онҳо асосан, фалсафаи идеалистӣ ва динӣ такя намуда, масъаларо мавриди таҳлил қарор медоданд. Ба назари онҳо гӯё инкишофи таърихӣ натиҷаи фаъолияти шахсони алоҳида ба ҳисоб меравад. Онҳо дар мавқеи волюнтаризми сиёсӣ қарор доштанд. Т. Карлейль ва Р.У. Эмерсон бештар фаъолона ба масъала рӯ овардаанд. «Дар ҳар як давраи алоҳидаи таърихи ҷаҳонӣ мо шахсияти бузургеро дарёфт менамоем, ки метавон ӯро наҷотдиҳанда, ва оташаке номем, ки аз ӯ оташи калон ба миён меояд. Таърихи ҷаҳон тарҷумаи ҳоли одамони бузург аст ва он мувофиқи ибодати қаҳрамонҳо ба давраҳои алоҳида ҷудо карда мешавад» [164, с, 14].

Рӯовариҳо мо ба таърихи таълимоти сарварии сиёсӣ фақат ба хотири пайвасти давраҳои таҳқиқотӣ ва хулосагириҳои мантиқӣ аз онҳо ба шумор меравад. Зеро дар донишҳои гуногуни давраҳои мухталифи таълимоти сиёсӣ ба сифати заминаи асосии ташаккул ва инкишофи донишҳои муосир дар бораи сарварии сиёсӣ баромад менамоянд.

Назарияи сарварии сиёсии муосир сабабҳо ва талаботҳои асосии онро мавриди омӯзиш қарор дода, моҳияти онро тавассути дарки пурраи хусусиятҳои он тавсиф менамояд. Таҳлил ва хулосагириҳо аз назарияи муосири сарварӣ имконият медиҳанд, ки паҳлуҳои гуногуни он мавриди натиҷагириҳо қарор гиранд ва ҳангоми ҳалли масъалаҳои сарварии сиёсӣ мавриди истифодаи самаранок қарор дода шаванд.

Таълимот дар мавриди хусусиятҳои сарвар аҳамияти хосаро дар илмҳои сиёсӣ пайдо намудааст. Дар таҳқиқотҳои масъалаи мазкур маҳз сифатҳои шахсӣ мақоми муайянкунанда пайдо менамоянд. Илова бар ин, як қатор назарияпардозони муосир зери таъсири ақидаву мавқеи Т.

Карлейл ва Ф. Голтон қарор доранд. Т.Карлейл сарварро ҳамчун инсоне баррасӣ менамояд, ки дорои сифатҳои беҳамто буда, тасаввуроти одамонро ба ҳайрат меорад. Ф. Голтон бошад падидаи сарвариро дар асоси омилҳои меросӣ шарҳу эзоҳ додааст.

Ф.А.Фудз низ ба масъалаи сарварӣ муроҷиат намуда, мазмун, шакл ва зуҳуроти ҳокимият ба фаъолият ва қобилияти шахсони алоҳида, бахусус ҳокимон пайваст мегардонад. Ҳокимон метавонанд, ки дар асоси хислатҳои шахсии дар рафти инкишоф тавлидшуда ва хусусиятҳои табиаш, яъне ҳамчун моҳияти биосотсиологӣ ба нафарони дигар ва тамоми аъзои ҷомеа таъсир сатҳи мухталифро ба миён орад. Зиёда аз ин муҳаққиқ мефармояд, ки ҳоким вобаста баимкониятҳо инкишофи миллатро муайян менамояд [208. P, 216].

А.Уиггам бештар ба хусусиятҳои биологии сарварон таваҷҷуҳ менамояд. Ба андешаи вай синфи ҳукмрон аз ҳисоби насли авлодҳои аристократӣ пайдо мешавад [209. P, 72]. Ҷ. Дауд низ ба масъала дахл намудааст. Ӯ дар ҳар ҷомеа шахсиятҳоеро ҷудо менамояд, ки аз якдигар бо махсусиятҳои фардӣ, бо қувва, қобилият ва сатҳи инкишофи маънавӣ фарқ мекунанд [198. P. 184].

Дар заминаи чунин андешарониҳо ба хулосае омадан муикин аст, ки дар ҳар замон ва макон сарвар сифатҳои махсуси фарқкунанда соҳиб буда, аз имкониятҳо то метавонад истифода бурда, фаъолияти хосаеро баҳри тағйири ҳолатҳо ва воқеиятҳои ҷамъиятӣ анҷом медиҳад. Ҳамин аст, замина ва ғояи асосии назарияи “хислатҳои сарвар”.

Дар ҳар як гурӯҳ ва умумияти иҷтимоӣ ва ё худи ҷомеа теъдоди одамони зиёде ҳастанд, ки майлу ҳафаси ба сарварӣ рӯ овардан ва ниҳоят дар ҳамин мазмун ба фаъолиятҳо шуруъ намудан надоранд. Онҳо дар ҳеҷ мавриди ба сарварӣ ҳамчун касб ва ё шуғли асосӣ рӯ намеоранд. Ин ҷиҳатро С. Клубек ва Б.Басс мавриди баҳс ва андешаҳои гуногун қарор додаанд. Онҳо боварӣ ба он доранд, ки ҳатто ин гуна одамон низ мехоҳанд худро дар мақоми сарвар ҳис намоянд ва ё дар муддати

кӯтоҳтарине рӯ ба сарварӣ оранд. Аз имкониятҳои он истифода баранд. Танҳо лозим аст, ки ба характери онҳо таъсир расонида, тавассути психотерапия ба онҳо таъсир расонем [201. P, 59-72].

Барои рӯоварӣ ва шуғл доштан дар ниҳоди сарварӣ, пеш аз ҳама, майлу хоҳиши шахс ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ бояд амал намояд. Сипас, ҳолатҳои дигарро ба инобат гирифтан лозим аст. Таҳқиқотҳо ва хулосагириҳои гуногуни олимон шаҳодати онанд, ки ҳар як шах новобаста ба мақом ва мазалаташ дар ҷомеа майл ба ҳокимият ва истифода аз онро дорад. Чунин ҳолат хосиятҳои биологии инсонро ифода менамояд. Бар замми ин касе, ки ба майдони сиёсат ворид мешавад ва мехоҳад инони ҳукуматро ба даст гирад бояд ба худ бовар дошта бошад, яъне ба худ ва неруи худ. Аммо сухан дар бораи он меравад, ки оё ҳама метавонанд сарвар ва ҳоким гарданд. Табиист, ки на ҳар кас сарвар шуда метавонад. Инсонҳо ҳама яксонанд, аммо хислату хӯ ва рафтору кирдори гуногун доранд. Аз ин рӯ, барои роҳбар сифтҳои шахсии ӯ хеле муҳиманд. Яъне, то кадом дараҷа ӯ худ ҷамъу ҷӯр ва басич аст. Ва то кадом андоза масоилро хуб дарк мекунад ва роҳҳои ҳаллу фасли онро метавонад пешниҳод кунад. Болотар аз ин, дар лаҳзаҳои ҳассос ва сарнавиштсоз метавонад тасмими ягона ва дуруст қабул кунад ва оё пойи ҳарфи худ устувор аст ё не, ин сифатҳое мебошанд, бояд ба ҳар як сарвари сиёсӣ онҳоро доро бошад.

Аммо назари дигар низ ҳарчи бештар истифода мегардад. Масалан, В.Борг таъкид менамояд, ки рӯоварӣ ба ҳокимият ба ҳокимият на ҳамеша бо шахсияти одамон, бахусус, худбоварии онҳо пайваст аст. Ӯ бештар ба хусусиятҳои манфии масъала муроҷиат менамояд. Бераҳмию шиддатнокӣ дар рафтори одамон дар аксари мавридҳо ба сарварӣ таъсири манфӣ мерасонанд [197. P, 112-116].

Назарияи хислатҳои сарвар ва таълимоти вазъиятӣ ба таври умумӣ масъалаҳои гуногуни сарвариро тавсиф менамоянд. Бештари таҳқиқотчиёни муосир ба масъалаи сарварӣ муроҷиат намуда, дар

ҳолатҳои гуногун таъсири ду ҷиҳати асосии масъаларо муҳим мешуморанд:

- хислатҳои шахсии сарвар, ки масъалаҳои зеринро фаро мегирад: дараҷаи масъулиятнокии сарвар ба сифати аъзои ташкило ва роҳбари муассиса; ҳолатҳои асосии рӯоварӣ ва асоснокнамоии фаъолияти сарвар. Чунин хосиятҳо дар эътирофи сарвар аз тарафи ҷонибдорони эҳтимолӣ ва рафтори ҷавобии онҳо дар ҷавоби рафтор ва кирдори сарвар мақом ва ҷойи хосаро касб менамоянд;

- дар рафти омӯзиши сарварӣ ҳолатҳои мухталифи вазъиятӣ аҳаммияти муҳим доранд: вазифаҳо ва аҳаммияти онҳо; захираҳои моддӣ ва инсонӣ, истифодаи самараноки онҳо; дараҷаи муносибатҳои байниҳамдигарии «сарвар-пайравон». Воқеияти он ба шароиту имкониятҳо, вақт ва самаранокии ҳалли вазифаҳо таъсир мерасонанд.

Мақом ва ҷойгоҳи сарвари сиёсӣ дар раванди таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ, соҳаҳои гуногуни он ва идоракунии давлатӣ дар замина зиддиятҳо ва мухолифатҳои бунёдии инкишофи ҷомеа ба амал меоянд. Маҳз дар чунин маврид хусусиятҳои равандҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти зарурии инсонӣ инъикоси аслии худро пайдо менамоянд. Навъҳо ва шаклҳои гуногуни зуҳуроти сарварии сиёсӣ, одатан дар заминаи самтгириҳои гуногуни фаъолияти одамон ва ниҳодҳои мухталиф дар низоми гузориш ва ҳалли васеи масъалаҳо ба амал меоянд.

Мушаххасан муайян гардидани мақоми сарварӣ ва ҳамбастагию таъсиррасонии он низоми сиёсати давлатӣ бо баррасии вазифаҳо, ки аз ҷониби сарвар иҷро карда мешавад, алоқаманд аст. Дар байни вазифаҳои муҳим, ки аз тарафи сарвар иҷро мешаванд, метавон вазифаҳои зеринро ҷудо намуд:

- вазифаи муайян намудани воқеият ва амали сарварии сиёсӣ. Амиқ ва ва аниқ муайян намудани вазъият, омӯзиш ва таҳлили омилҳои субъективӣ ва объективии ҳаёти сиёсӣ аҳамияти барҷаста пайдо

менамоянд. Муҳиммияти амал ва сарҳадоти ҳар гуна масъала муайян карда мешавад;

- таҳияи барномаи фаъолият, асоснок намудани вазифаҳои стратегӣ ва тактикии фаъолият. Баъди муайян намудани масъала сарвар воситаҳо ва роҳҳои ҳалли онро муайян менамояд. Дар бораи амалӣ намудани барнома қарорҳо заруриро қабул менамоянд;

- сафарбарнамоии кормандон барои амалӣ гардонидани барнома. Дар мадди аввал мақсад ва ҳадафҳои сиёсӣ ба эътибор гирифта мешаванд. Боз ҳам муттаҳид ва ба ҳам овардани тарафдорон ва хайрхоҳон. Ба нақша даровардани амалҳо ва рафтори сиёсӣ, назорати ҷараёни тағйиротҳо дар рафти рушди ҷомеа.

Таҳлили таърихии раванди пайдоиши сарварии сиёсӣ собит месозад, ки падидаи мазкур ба таври тасодуфӣ низ ба амал меояд. Дар доираи пайгирӣ аз кадомин манфиатҳое низ баъзан одамон ба мақоми сарварӣ расида метавонанд. Аммо ҳолати мазкур як нав истисноҳо мебошад, ки рафти инкишофи раванди сиёсӣ ба одамони алоҳида имконият медиҳад, ки бе омодагии махсус ва бе амалӣ намудани фаъолиятҳои муайян баъзан одамон бо ишғоли ҷои холии сарвари эҳтимолӣ ба чунин мақом расад.

Барои пайдоиш ва рушди сарвари сиёсӣ заминаҳо, сабабу омилҳои мухталиф заруранд. Дар асоси омӯзиш, таҳқиқ ва натиҷагирӣ намудани онҳоро ба таври зерин ҷудо намудан мумкин аст:

- мавҷудияти дараҷаи зарурии инкишофи иқтисодӣ, пеш аз ҳама, рушди саноатӣ дар кишвар;

- инкишофи баланд ва басандаи пайвастҳо ва робитаҳои оммавӣ;

- ташаккул ва рушди иқтисодиёти бозоргонӣ, ки асоси онро принсипи рақобатнокӣ ташкил менамояд;

- ба дараҷаи зарурии некуаҳволии аҳли ҷомеа расидан;

- ҳарчи бештар кам гардидани саркашиҳои шаҳрвандӣ, дарёфти роҳи осони бартараф намудани зиддиятҳо ва муқовиматҳои иҷтимоӣ, муваффақ гардидан ба андозаи зарурии ризоияти ҷамъиятӣ;

- инкишофи гуногуншаклии иҷтимоӣ;

- ташаккул ва инкишофи синфи миёна дар ҷомеа.

Барои пайдоиш ва рушди сарвари сиёсӣ сатҳи инкишофи маънавии ҷомеа, фарҳанги сиёсии омма низ ба сифати меъёри муҳим амал менамоянд. Маданияти сиёсии ҷомеа ва гурӯҳҳои алоҳида ба сифати омили маҳдудкунандаи сарварии сиёсӣ низ баромад карда метавонад. Масалан, дар заминаи менталитети сиёсӣ дар давраи гузариши сиёсӣ эҳтимолияти пазируфтан ва ё рад намудани унсурҳои муайяни сохт ва сохтори иҷтимоӣ ба амал омада метавонад.

Таҳлилҳо ва хулосагириҳо нишон медиҳанд, ки пайдоиш ва рушди сарварии сиёсӣ дар мамлакатҳо ва минтақаҳои муайян дар заминаи шароит ва имкониятҳои мушаххас бо ба инобат гирифтани хусусиятҳои макон ва замони фаъолият ба амал меоянд. Чунин ҳолат бо таҷрибаи амалии кишварҳои алоҳида тасдиқ карда мешавад.

Масъалаи дигаре, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ мекашад истифодаи принсипҳои асосии ташаккули сарварӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқ, таҳлил ва хулосаи манбаъҳои мухталиф собит месозанд, ки аксарияти муҳаққиқон принсипҳои зеринро дар раванди пайдоиш ва инкишофи сарварӣ муҳим мешуморанд:

- принсипи авторитаризм, ки асосан ҳангоми ҳалли вазифаҳои идоракунӣ дар фаъолияти сарвари сиёсӣ бештар истифода мешавад;

- принсипи демократӣ, ки ҳам ба иҷроиши вазифа ва ҳам ба муносибатҳои тарафайн бо пайравон равона карда шудааст;

- принсипи либерализм, ки ба муносибатҳои тарафайн бо дигар одамон ва танзими фаъолияти сарвари сиёсӣ сару кор мегирад.

Ҳангоми омӯзиш ва баррасии масъалаҳои мухталифи сарварӣ А.Залежник дар заминаи фаъолии сарвар се принсипи сарвариро ҷудо намудааст:

- сатҳи олии фаъолӣ, ки ба тариқи ҳамешагӣ имконияти васеъ намудани доираи фаъолиятро ҷустуҷӯ менамояд;

- сатҳи миёнаи фаъолӣ, ки дигаргуниҳоро дар ҷомеа танҳо дар асоси таъсири омилҳои беруна амалӣ мемонад;

- сатҳи пасти фаъолӣ, ки устувории дохилӣ ва давлатиро нигоҳ медорад. [210. P, 9].

Ҷойгоҳи М.Вебер дар ташхиси масъалаҳои сарварӣ тавассути андешаҳо дар бораи «харизма» назаррас буда, онро барои тавсифи навъбандии ҳокимият истифода менамояд. Ҳокимиятро ба навъҳои анъанавию патриархалӣ, ратсионаливу легалӣ ва харизматикӣ ҷудо намудааст.

М. Вебер навъи хосаи назарияи сарвариро пешниҳод намудааст. Зарур мешуморад, ки муҳаққиқ, пеш аз ҳама, ба таҳқиқи ҳокимият машғул гардад. Ба андешаи ӯ рафтори сарвар ва махсусиятҳои он дар масъалаи ҳокимият бештар ошкор мегардад.

М.Вебер таваҷҷуҳро бештар низоми летимии идоракунӣ, ки инъикоси шароити ҷамъиятист равона менамояд. Ӯ ба навъҳо ва шаклҳои мухталифи легитимияти идоракунӣ ва сарварӣ муроҷиат намудааст. Ӯ се навъи ҳукмрониро ба «навъҳои ғоявӣ» мансуб донистааст. Навъи идеалии идоракунӣ ба сифати асосҳои методологии муносибатҳо мавриди истифода қарор мегиранд.

Навъи идеалӣ аз ҷумлаи оқибатҳои воқеияти амалӣ växдониста мешавад. Он ба шаклҳои ғоявӣ, ки дар табиатшиносӣ роиҷанд, мавриди истифода қарор мегиранд.

Р. Арон таъкид намудааст, ки «таълимоти назариявии навъи ғоявӣ – ин таҷассуми кӯшиши тамоми илмҳо мебошад, ба тасаввуроти илмии мавод дар шакли фаҳмо ва даркшуда равона гардида, дар ҳолатҳои зарурӣ аз сохтори фикрӣ аз маводи бешакл оғози ратсионалиро бунёд менамояд» [20, с, 511].

Навъи аввали ҳукмронии легитимӣ ҳукмронии анъанавию патриархалӣ дониста мешавад. Моҳияти он обруву эътибори доимии маводи куҳна дониста мешавад. Урфу одатҳо ҳангоми риояи ҳукмронии

анъанавӣ аз тарафи патриарх ва подшоҳи патримоналии навъи кӯҳна амалӣ карда мешавад [50, с, 649].

Ҳукмронии анъанавӣ натанҳо дар хосияти легитимӣ доштан, балки дар муқаддас донистани тартибот ва ҳокимияти қадима зоҳир мегардад. Ҳукмронии патриархалӣ хоси ҷомеаҳои то давраи инкишофи саноатии олам дониста мешавад.

Навъи дуюми ҳукмрониро идоракунии ратсионаливу харизматикӣ ташкил менамояд. Онро М. Вебер ба таври зерин тавсиф намудааст: «ҳукмронӣ дар заминаи «қонуният», дар заминаи боварӣ ба ҳатмияти барқарор намудани қонуният ва «салоҳияти» корӣ, ки дар қоидаҳои ратсионалии бунёдгардида асос ёфтааст, ба ҳисоб меравад. Ба самтгирии тобеият дар иҷроиши қоидаҳои муқарраргардида такя карда мешавад» [50. с 647].

М.Вебер ба навъи ҳукмронии идоракунии ратсионаливу харизматикӣ давлатҳои саноатии пешрафтаро мансуб медонист. Дар низоми зерин идоракунандагон ва идорашавандагон ба низоми хоса итоат менамоянд. Барои онҳо эътибори шахсият чандо муҳим нест. Дастгоҳи идоракуниро мутахассисон ташкил менамоянд. Онҳо фақат дар доираи талаботҳо ва меъёрҳои муқарраршудаи бешахс фаъолият менамоянд. Дар шакли беҳтари ин навъи идоракунии ҳукумронии бюрократияро медонад ва онро ҳамаҷониба асоснок менамояд.

Навъи сеюми ҳукмронӣ – ҳукмронии харизматикӣ ба ҳисоб меравад. Харизма ин қобилияти фавқулода, сифати шахсият аст, ки ба ӯ тақдир ва табиат ба ӯ додааст, ки бо шарофати он аз дигар одамон ҷудо карда мешавад. Ин мафҳум дар тулии чандин асрҳо танҳо дар доираҳои динӣ истифода карда мешуд ва маҳз М.Вебер ба истифодаи оммавӣ он оғоз бахшидааст. Сиёсатшиносон ва сотсиологиҳои муосир, ба монанди А.Аптер, С.Хантингтон ва дигарон дар истифодаи васеи консепсияи харизма саҳми арзанда доранд. Онҳо барои шарҳу эзоҳ додани равандҳои сиёсии кишварҳои ҷаҳони сеюм аз ин консепсия васеъ истифода бурдаанд.

Консепсияи харизматикии М.Вебер дар аксарияти ҳолатҳо барои шарҳу эзоҳ додани мавқеи сиёсатмадорони кишварҳои ҷаҳони сеюм бештар рост меояд. Обрӯю эътибори сарварони сиёсӣ кишварҳои рӯ ба инкишоф дар доираи назария ва консепсияҳои дигари сарварӣ шарҳу эзоҳ дода намешавад, зеро чунин амал ғайриимкон мебошад.

Ба чунин истифодаи васеи консепсияи М. Вебер нигоҳ накарда, муносибати муҳаққиқон нисбат ба он ягона нест. Як қатор муҳаққиқон, ҳатто дар шароити имрӯза, бартариву камбудиҳои онро ошкор менамоянд.

Масалан, Ж.Блондел бартарӣ ва камбудиҳои назарияи М. Веберро баррасӣ намуда, чунин хулосабарорӣ менамояд:

- ба хотире, ки М.Вебер диққати асосиро ба сарчашмаи обрӯву эътибор равона менамояд, масъалаи фарқияти сарварон аз бисёр ҷиҳат ноаниқ боқӣ мемонад. М.Вебер воситаҳои асосии баланд бардоштани обрӯ ва эътибори сарварро, махсусан, дар доираи ҳукмронии харизматикӣ нишон намедиҳад;

- ҷудо намудани се навъи ҳукмронии легитимӣ характери абстрактӣ дорад. Мантиқан тасдиқ намудани мавҷудияти навъҳои идеалии ҳукмронӣ дуруст мебошад. Сарвар метавонад ҳокимияти худро аз анъанаҳои ҷамъиятӣ ва аз харизмаи худ пайдо менамояд. Ҳатто чунин ҳолат низ мешавад, ки сарвар дар як ҳолат ба тамоми «навъҳои ғоявии» ҳукмронӣ дохил мешавад. Шаклҳои муосири ҳукмронӣ дар асоси якҷоякунии ду ва ҳатто дар як қатор ҳолатҳо се унсури ғоявӣ ташаккул меёбанд, ки дар натиҷа тарҳи пешниҳодж намудаи М.Вебер нисбатан ҳақиқӣ ба ҳисоб меравад.

- нақшаи М.Вебер «ассиметрикӣ» ба ҳисоб меравад. Аз се унсури навъбандии М.Вебер, навъи анъанавӣ ва қонуниву ратсионалӣ алоқаи байни шаҳрвандон ва ҷомеаро ба роҳ мемонанд, ки дар сохтори иҷтимоӣ асос меёбад. Дар радифи навъи харизматикӣ бошад, сарвар ягона асоси алоқаманкунандаи шаҳрвандон ва ҷомеа баромад менамояд [36, с, 48].

Таҳқиқ ва таҳлилди масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодии рушди сарварии сиёсӣ дар давраҳои гузариши сиёсӣ (модерникунонӣ), дарки илмии масъалаи мазкур дар шароити имрӯза аҳаммияти муайяни илмӣ ва амалиро доро мебошад. Дар доираи ин масъала, сараввал зарур аст, ки асосҳо ва заминаҳои рушди сарвари сиёсӣ дар ҷомеаи тағйирпазир муайян карда шавад.

Новобаста аз таҷрибаи ҳаётӣ ё ангезаҳо сарварони сиёсӣ бояд дорои як қатор сифатҳо бошанд, ки дар ташаккул ва рушд додани низоми сиёсати давлатӣ ва татбиқашон ба онҳо кӯмак менамояд:

- дар ҳар як сарвар дар оғоз ё дар ҷараёни фаъолият бояд қобилияти стратегии равона намудани фаъолият ба ҷанбаи идоракунии ҳамаро фарогиранда ва мавқеи принсипиалӣ ба нафъи дигаргуниҳои осоишта ташаккул ёбад (дигаргуниҳои бошитоб ва зӯроварона қобили қабул нест);

- сарварони сиёсӣ бояд саъйу кӯшиши шаҳрвандон ва мустаҳкам намудани ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро нисбати ташаккул ва инкишофи низоми идоракунии демократӣ ҳаматарафа дастгирӣ намоянд;

- сарварони сиёсӣ заминаҳои дастгирии худро гуногун ва васеъ намуда, кӯшиш мекунанд, ки таъсири унсурҳои номатлубро ҳам дар дохили режим ва ҳам дар сафи оппозитсия заиф намоянд. Ба сарварони сиёсӣ зарур аст, ки манфиатҳо ва нуфузи марказҳои сершумори ҳокимият ва гурӯҳҳои манфиатдорро дарк кунанд ва бо ин васила роҳҳои компромисс ва танзими сиёсиро пайдо кунанд;

- сарварони сиёсиро зарур аст, ки ҳатто дар шароити поляризатсия ва зӯроварӣ, ҷони худро зери хатар гузошта, далерӣ ва ҷасорат нишон диҳанд. Аксар вақт, ин сарварон дар муқовимат, монеаҳо ва нобарориҳо истодагарӣ, пуртоқатиро нишон дода метавонанд, ки дигаронро ба мавҷудияти ақлу рӯҳ бовар кунонанд;

- сарварони сиёсӣ бояд ба худ эътимод дошта бошанд, ки барои қабули қарорҳои душвор, яктарафа ва саривақтӣ зарур мебошад.

Сарварони сиёсӣ бояд дорои зеҳни таҳлилӣ ва фалсафӣ мебошанд, бидуни баррасии қарорҳои гузашта ба таври мунтазам ба пеш ҳаракат кунанд;

- бештари сарварони сиёсӣ, ба обрӯю эътибор ва салоҳиятнокии наздикони худ такя намуда, дар навбати худ онҳоро ҷонибдорӣ намуда, дар ҳалли масъалаҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла масъалаҳои зиддиятнок, муқовиматбор ва масъалаҳои дигари мураккабтарин таҷриба ва малакаи зарурӣ пайдо менамоянд. Гарчанде сарварони сиёсӣ қарорҳои калидиро дар асоси салоҳият ва мулоҳизаи худ қабул мекунанд, аксарияти онҳо, пеш аз ҳама, ба бадастории ризоияти умумӣ, ташаккули коалитсия, ба роҳ мондани алоқаҳои сиёсӣ, нигоҳ доштани алоқаҳои доимӣ бо гурӯҳҳои калидии интихобкунандагон ва оммаи васеи мардум диққати махсус равона менамоянд;

- сарварони сиёсӣ, чун қоида, саъйу кӯшиш менамоянд, ки дигаронро ба қарорҳои худ розӣ намоянд. Дар бештари ҳолатҳо сарварони сиёсӣ бо махсусиятҳои шакли роҳбарӣ ва рӯовариҳои арзишиашон аз ҳамдигар фарқ намуда, кӯшиши дарк намудан ва фаҳми дурусти дигар, бахусус, ҷониби рақиброро ба харҷ медиҳанд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки манфиатҳои дигарон, махсусан акторҳои асосиро сарфи назар нагардонанд;

- гарчанде сарварони сиёсӣ дар ҷомеаи кишварҳои худ решаҳои амиқ доранд ва асосан ба муносибатҳои дохили кишвар такя мекарданд, ҳар яке аз онҳо бояд чӣ гуна сафарбар кардани дастгирии хориҷиро бидуни василаи бозигарони хориҷӣ донанд [99, с, 56-69].

Сарварии сиёсӣ ҳамчун институти сиёсӣ дар мазмун ва шакли хоса пайдо намудани сиёсати давлатӣ ва низоми идоракунии ҷомеа нақши муҳим дорад. Қобилият, ақлу заковат, истифодаи тамоми давраҳои омода ва қабул намудани қарорҳои сиёсӣ ба сарвар имконият медиҳанд, ки дар раванди шаклгирии низоми сиёсати давлатӣ нақш ва мақоми хоса дошта бошад.

Сарвари сиёсӣ, пеш аз ҳама, бояд қобилияти таъсиррасонӣ ба дигарон, ба неруҳои сиёсӣ ва ҳатто ҳаракатҳои сиёсиро дошта бошад. Сифатҳои мазкур ба ӯ имконият медиҳанд, ки ба ҳокимият ва обрӯву эътибори худ такя намояд. Маҳз ҳокимияти алоқаҳо аҳаммияти хоси ҳар як низоми самаранок ба ҳисоб мкравад. Барои ташкилот, ки дар асоси сарварии самаранок кор мекунад, ин маънои нерӯи бузург дар бадастории босуръати мақсадҳоро дорад. Дар чунин система таъмини самти инноватсионии кормандон дар таҷдиди сарварон дар тамоми сатҳҳо ҷанбаи асосӣ ба ҳисоб меравад.

Зарурати чунин шароит дар системаҳои муосири идоракунӣ дар таҳқиқотҳои С.В.Васил ев, А.И.Жуковский, чунин қайд карда шудааст: "Сарварӣ дар ҳар нафар, ки ба сарварии ташкилот оварда мерасонад" [47, с, 25]. Тарҳи ташаккулёфтаи идоракунии сарварӣ метавонад чандирӣ ва устувории ташкилотро дар шароити хатару таҳдидҳо ва тағйироту дигаргуниҳо таъмин намояд.

Дар сиёсати давлатӣ шароит ва имкониятҳое мавҷуданд, ки ҳолат ва воқеияти рушди сарвариро муайян менамояд. Аз ҷумла:

- вазъияте, ки барои инкишофи фаъолиятҳо заминаҳоро ташаккул медиҳад ва ё ба он мусоидат мекунад;

- шахсияте, ки сифатҳои роҳбариро пайдо намудааст. Вай имконият ва қудрат дорад, ки ба дигар, ба неруҳои дигари сиёсӣ таъсир расонад. Ӯ масъулиятшинос гардидааст;

- гурӯҳи пайравон бо алоқаҳои бевосита ва алоқаҳои ҷавобӣ [73, с, 19].

Дар сиёсати давлатӣ сарварӣ мақоми махсусро пайдо намудааст Бе ҳузури шахси якум (сарвар) дигаргуниҳои ҷиддӣ дар ин ё он масъала ғайриимкон аст. Дар чунин ҳолат гурӯҳи сарварии идоракунандагони давлатӣ аз рӯи миқдор маҳдуд буда, дорои аҳаммияти бузург аст, талабот нисбати чунин гурӯҳ хеле баланд аст. Яъне, хизматчии давлатӣ, бояд, пеш аз ҳама, омили инсониро ба инобат гирад, амалҳои инсондӯстиро пиёда намояд.

Аз тарафи фаъолияти касбӣ сифатҳои сарварии идоракунандаи давлатӣ ва маҳаллӣ, нисбат ба дигар соҳаҳои фаъолият, дорои хусусияти доимӣ мебошанд. Муҳаққиқон М. Белбин ва Е.С. Жариков чунин мешуморанд, ки самаранокии кори идоракунанда аз боҷуръатӣ ва устуворӣ, эҳтиром ба тобеон, қобилияти сафарбар намудани одамон бе истифодаи амру фармонҳои бевосита бармеояд [171, с, 11].

Сарвар бояд стратег бошад. Талаботҳо ба сарвар дар низоми сиёсати давлатӣ ва маҳаллӣ зиёд буда, иҷро намудани онҳо амали мушкил ва мураккаб аст. Тааҷҷубовар нест, ки ҳолатҳои номутобиқатӣ бо интизориҳо аз роҳбарон ҷой доранд. Дар чунин ҳолат масъалае пайдо мешавад, ки воқеан сарварони воқеӣ дар сиёсати давлатӣ лозиманд ё танҳо миёнаравӣ ва иҷрокунандагони одии кифояанд.

Дар як шахс пайдо намудани тамоми сифатҳои зарурӣ, таҷриба ва дониш душвор аст. Тавре маълум аст, бидуни самтҳои возеҳ ва назоратшаванда ба чизи арзанда расидан ғайриимкон аст. Иҷрокунандаи миёнарав наметавонад роҳи дақиқро муайян намояд, захираҳо ва ваколатҳоро дуруст тақсим намояд, назоратро амалӣ кунад ва масъулияти шахсиро ба зимма гирад.

Дар асри ХХ1 сиёсати давлатӣ бухрони сарвариро паси сар менамояд. Тарҳи нави сарварӣ, ки дар усули фаъолияти гурӯҳӣ асос ёфтааст, талаб карда мешавад. Рад намудани тарҳи авторитарӣ ба миён омада, ба ҷои он муттафиқшавӣ ба миён меояд. Идоракунандагон ба тарафи рад намудани як қатор ваколатҳои худ қадам мегузоранд, созмону ташкилотҳо як қатор дигаргуниҳои сохториро паси сар менамоянд.

Дар тарҳи авторитарӣ алоқаи дақиқ ва фаҳмиши кофии унсурҳои низоми идоракунӣ вуҷуд надорад; ғайрисиёсигардонии аҳолӣ имконпазир аст. Аз мавқеи худи сарвар, роҳбар мушкилотро ҳал мекунад ва бо истифодаи маълумоти мустақилона дастрасшуда ё маълумоти тобеон қарор қабул мекунад. Дар чунин ҳолат, тобеон дар раванди таҳлил ва қабули қарорҳо иштирок намекунанд. Идоракунии амалии субъективӣ

ғайрисамаранок аст ва эҳтимоли хатогиро зиёд менамояд. Шуури ҳуқуқии харизматикӣ ташаккул меёбад, ки дар он қонун бо адолат муқобил гузошта мешавад [147, с, 102].

Роҳбарии муштарак дар тақсим гардидани уҳдадориҳо ва ҳокимият дар қабули қарор асос ёфтааст. Ҷанбаҳои мусбии роҳбарии муштаракро метавон чунин арзёбӣ намуд:

- сатҳи хавфу хатар маҳдуд мегардад, вазъият аз ҷанбаҳои гуногун ва мутахассисони гуногунсоҳа баррасӣ карда мешавад, суръат ва саҳеҳи иҷроиш баланд мегардад;

- тобеон на танҳо худро "ҷустуҷӯкунандагон"–и иттилоот, ки ба таври амалӣ масъулиятро эҳсос намекунанд, балки бевосита иштирок менамоянд, дорои ҳиссаи муайяни ҳокимият буда, масъулияти худро эҳсос менамоянд, ки ҳавасманд гардидани онҳо ба фаъолияти самараноки касбӣ марбутанд [156, с, 28].

Дар низоми сиёсати давлатӣ бештар тарҳи омехта, ки аз унсурҳои авторитарӣ ва демократӣ иборат аст, хоси шароити муосир аст. Сарварон, ба монанди тарҳи авторитарӣ, идоракунандагони дорои масъулияти баланд, оқил ва боэътимод хоҳанд буд. Дар чунин ҳолат ба ҷои мутамарказии ҳокимият тақсими вазифаҳо ва салоҳиятҳо, пеш аз ҳама, тарҳи демократӣ ба амал меояд. Самаранокии идоракунӣ ташаккули сарвари сиёсиро талаб менамояд [156, с, 29]. Чунин тарҳи сиёсати давлатӣ ва маҳаллиро метавон натиҷаи муттаҳид намудани таҷрибаи чандин насли сарварон ҳисобид, ки таҷассуми анъанаҳои таърихӣ буда, мумкин аст яке аз тарҳҳои нисбатан самаранок дар оянда гардад.

Дар муддати тӯлонӣ дар низоми сиёсати давлатӣ як қатор проблемаҳо пайдо шуданд, ки имконияти ташаккули сарварони нави самаранокро дар низоми сиёсии ҷомеа маҳдуд менамоянд. Дар ҳолати ҷой доштани чунин имконият, он бештар мақсадҳои популистиро доро мебуд, на саъйу кӯшиши баланд намудани идоракунии кишварро таҷассум менамуд [149, с, 86-91].

Сарварии сиёсӣ дар низоми муосири сиёсати давлатӣ ин воситаи чандирии ташкили самараноки раванди идоракунӣ аст. Сарвар бояд дар вобастагӣ аз вазъият, бо истифода аз муносибати омехта ба ҳалли масъала, амал намуда, роҳи раҳоиро аз вазъияти номуайянӣ пайдо намояд.

Натиҷаи назаррасро, дар аксарияти ҳолатҳо, сарвари харизматикӣ ба даст меорад, ки метавонад пайравони худро сафарбар намояд, вобаста ба вазъият амал намуда, муносибати омехтародар ҳалли проблемаҳои сиёсӣ истифода мекунад. Дар вазъияти номуайянӣ ё сатҳи баланди таҳдиду хатарҳо чунин сарвар метавонад роҳи ҳалли масъаларо пайдо намояд.

Дар баланд намудани самаранокӣ намояндагӣ намудани ваколатҳо, мавҷудияти сарварон дар ҳар як зинаи низоми сиёсати давлатӣ нақши бузург мебозад. Инчунин зарурати рушди минбаъдаи низоми ҷалби кадрҳо ба соҳаи сиёсати давлатӣ ба нафъи зиёд намудани миқдори роҳбарони касбӣ ва босалоҳият ба миён омадааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар раванди таърихии миллати тоҷик ва давлатдории миллӣ дар эҳё намудани арзишҳои зарурии сиёсию ҷамъиятӣ амалҳои барчастаро пиёда сохтааст.

Дар Сессияи XVI Шурои Олӣ дар Хуҷанд, Э.Раҳмонов дар аввал ба сифати Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардида, баҳри ба эътидол овардани вазъият дар кишвар саъйу кӯшишҳои зиёд намудааст. Ин буд, ки дар муддати кӯтоҳ дар байни мардум эътибори хоссаеро соҳиб гардид. Воқеан, он дар сати умумимиллӣ ҳамчун сарвари сиёсӣ ташаккул ёфт.

Сипас, Э. Раҳмонов дар интихоботи умумихалқии соли 1994 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Метавон қайд намуд, ки Э. Раҳмон барои давлату давлатдории навини тоҷикон нақши бунёдгузориро дорад, хизматҳои созандаи ӯ дар сиёсати давлатӣ, тарҳрезии низоми ҳуқуқӣ, шаклгирии иқтисоди миллӣ, коркарди низоми адолати иҷтимоӣ бузург аст.

Ташкили низоми идоракунии давлат, ташкил намудани мақомоти давлатӣ ва маҳалии низоми идоракунӣ, ташаккули низоми судӣ ҷанбаҳое буданд, ки барои Тоҷикистони соҳибистиқлол зарур буданд. Ба таври умумӣ, ҷанбаҳои муҳими бунёди низоми сиёсати давлатӣ, ки бо номи Э.Раҳмонов ҳамчун сарвари сиёсии сатҳи умумимиллӣ алоқаманд аст, метавон чунин арзёбӣ намуд:

- дар асоси низоми идоракунии давлатии шӯравӣ, тавонист низоми нави идоракунии давлатро ба роҳ монад;

- бо пешниҳод ва таҳти роҳбарии Э.Раҳмонов низоми сиёсати давлатӣ зина ба зина бо ислоҳот фаро гирифта шуда, низоми сиёсати давлатӣ тадриҷан тағйир ёфт.

**Хулоса.** Таҳлил ба баррасии нақши сарвари сиёсӣ дар шаклгирии низоми давлатдорӣ ва ташаккул ва амалӣ гардидани сиёсати давлатӣ нишон дод, ки дар давраҳои алоҳидаи таърихӣ, маҳз сарварони ботаҷриба тавонистанд, ки бо истифода аз қобилияти худ барои шаклгирии низоми сиёсати давлатӣ мусоидат намоянд. Дар низоми сиёсати давлатӣ, сарварӣ омили асосӣ мебошад. Бе ҳузури шахси якум, дигаргуниҳои ҷиддӣ дар ин ё он масъалаи низоми сиёсати давлатӣ ғайриимкон мебошад.

Самаранокии амал намудани системаи сиёсати давлатӣ ва татбиқи он аз сифатҳои сарварӣ сиёсӣ, ба монанди боҷуръатӣ ва устуворӣ, эҳтиром ба тобеон, қобилияти сафарбар намудани одамон бе истифодаи амру фармонҳо вобаста мебошад. Сарварии сиёсӣ ба сифати ниҳоди иҷтимоӣ дар таҳким ва рушди низоми идоракунии ҷомеа нақши муҳим дорад. Қобилият, ақлу заковат, истифодаи тамоми давраҳои омода ва қабул намудани қарорҳои сиёсӣ ба сарвар имконият медиҳанд, ки дар тақвият ва пешрафти низоми сиёсати давлатӣ нақш ва мақоми хоса дошта бошад.

## 2.3. Масъалаҳо ва пешомади инкишофи сиёсати давлатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар давраи муосири инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасии сартосарӣ ва мушаххас гардонидани стратегияи системаи сиёсати давлатӣ ва натиҷагириҳо аз он яке аз масъалаҳои асосӣ ва муҳимтарини рушди кишварро ташкил менамояд. Ҳадафи асосии такмили идоракунии давлатӣ, ки асосан тавассути амалишавии сиёсати давлатӣ ба миён меояд, воқеият пайдо намудани мақсад ва вазифаҳои давлат ва институтҳои гуногуни он мебошад. Ҳолати мазкур имконият медиҳад, ки рушди самараноки ҷомеа таъмин карда шавад. Бинобар ин, масъалаҳои асосӣ, зиддиятҳо ва монеаҳои рушди сиёсати давлатиро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба риштаи таҳқиқ ва таҳлил қарор хоҳем дод. Чунин тарзи муносибат дар яке аз санадҳои асосии сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон – “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” [7, с, 89] ба таври пурра ва ҳамарофарогир сабти худро пайдо намудааст.

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” қайд карда шудааст, ки иизоми амалкунандаи сиёсати давлатӣ ва тартиби татбиқи он ба ҳаллу фасли вазифаҳои муосири инкишофи иҷтимоию иқтисодии кишвар мувофиқ гардонида шудааст.

Зиёда аз ин, санадҳои меъёрии зиёд ва гуногуне таҳия ва қабул шудаанд, ки ба хотири такмил ва таҳкими сиёсати давлатӣ, самтҳои асосии баамалбарории он ва рафъи мушкилиҳо ва зиддиятҳои рушди мамлакат сафарбар шудаанд. Тадриҷан теъдоди санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа афзоиш ёфта, дархосту тартибҳои нав қабул мешаванд. Танҳо соли 2011 тавассути супориш ва дастурҳои сардори давлат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоидаҳои нави баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, Қоидаҳои ҷойивазкунии шахсони роҳбарикунандаи

хизмати давлатиро матраҳ намуда, мавриди баҳс қарор дода, тасдиқ намуда, мавриди иҷро қарор доданд.

Тадриҷан ташкил намудан ва гузаштан ба «Ҳукумати электронӣ» яке аз омилҳо ва заминаҳои зарурии беҳтар намудани сатҳи самаранокии қабули қарорҳо, истифодаи низоми гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ, сода ва мутаносиб сохтани қоидаҳои дохилӣ ва берунии фаъолияти ниҳодҳои гуногуи идоракунии давлатӣ мансуб мегардад. Афзоиш додан ва баланд бардоштани дараҷаи маърифати техникии аҳолии кишвар дар маҷмуъ ва доираҳои муайяни он дар алоҳидагӣ ва ба таври васеъ истифода бурда аз технологияҳои муосири иттилоотиву коммуникатсионӣ дар хоҷагии халқи кишвар аз ҳукумат дархости таҳия ва қабули «Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ»-ро талаб намуд. Амалишавии ин мақсад ва вазифаҳои идоракунии муосири давлатӣ ва ҷамъиятӣ боиси сабук ва осон гардонидани хизматрасониҳои гуногуну барзиёде барои аҳолӣ мегардад. Ба амал омадани чунин вазъият боиси он мегардад, ки хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ба таври электронӣ сурат гирифта, садди роҳи тамоюлҳои манфӣ дар раванди идоракунӣ мегардад. Аз ҷумла, амалҳо ва фаъолиятҳои бюрократии канора маҳдуд гашта, заминаи васеи мубориза ба муқобили амалҳои коррупсионӣ ташаккул дода мешаванд. Амалишавии сиёсати давлатӣ дар бахши тавассути воситаҳои коммуникатсионии оммавии электронӣ имконият медиҳад, ки сифати хизматрасониҳо беҳтар гардида, вақти зарурӣ сарфа худро пайдо менамояд. Инчунин робитаи мутақобилаи аҳли ҷомеа бо ниҳодҳои давлатӣ таҳким меёбад ва боиси инкишофи мутаносиби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар мегардад [185].

Рушди касбӣ ва таҳсили хизматчиёни давлатӣ самти афзалиятноки низоми идоракунии захираи инсонӣ мебошад. Ҳар дар марказҳои таълимӣ қариб 1500 хизматчии давлатӣ такмили ихтисос менамоянд ва донишҳои навтарини соҳаро аз бар мегардонанд. Аммо чунин таҳсили

кӯтоҳмуддати хизматчиёни давлатӣ барои рушди захираҳои инсонии сатҳи мамлакат нокифоя аст.

Таҷрибаи малакатҳои олам ва кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нишон медиҳанд, ки фақат тавассути ташкили курсҳои кутоҳмудати бозомӯзии хизматчиён ва идоракунандагони корҳо ва фаъолиятҳои давлатӣ барои ба дараҷаи зарурӣ расонидани неруи зеҳнӣ ва ақлонии хизмати давлатӣ, рушди сармояи инсонӣ ва захираҳои дигари низоми идоракунии давлатӣ ба амал омада наметавонад. Барои такмили чунин муносибатҳо ва рафъи масъалаҳою зиддиятҳои соҳаи мазкур фаъолиятҳои густурдае лозиманд. Яъне, заруратибатаври доимӣ ва касбӣ омода намудани идоракунандагони касбӣ дар асосҳои қавӣ ва доимӣ лозим аст. Чунин масъаларо ташкили гурӯҳҳо ва ихтисосҳои замонавии идоракунӣ ташкил менамоянд. Гарчанде ки дар мамлакат теъдоди муайяни чунин муассисаҳои таълимӣ ба тайёр намудани мутаххасисони сатҳи зарурӣ машғуланд, вале он қонеъкунанда нестанд. Бинобар ин, зарур аст, ки ба чунин асосҳои идоракунии ҷомеаи муосир таваҷҷуҳи бештаре зоҳир намоем.

Тавассути курсҳои такмили ихтисос пешбурди масъалаҳо ва ҳалли зиддиятҳои онҳо низ яке аз самтҳои тайёр намудани кормандони идоракунии давлатӣ ба шумор меравад. Аммо бештари чунин кормандон маълумоти касбӣ надоранд ва онҳо наметавонанд тавассути омӯзишҳои кутоҳмуддат асосҳои донишҳо дар бораи сиёсати давлатӣ, амалӣ гардонидани онро дар самтҳои гуногун дастрас гардонанд. Ба идоракунӣ ва амалисозии сиёсати давлатӣ бояд мутаххасисони касбии таълими пуррагирифтаро сафарбар намудан лозим аст.

Дар шароити ҳозираи инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди таҳия ва табиқи сиёсати давлатии универсалӣ ва соҳавӣ, инкишофи низоми идоракунии корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ масъалаҳо, монеаҳо ва зиддияту мухолифатҳои сатҳи мухталиф мавҷуданд. Аз ҷумла:

– то ба ҳол дастрасии номувофиқи феҳристи вазифаҳои давлатӣ ва вобаста ба он номаълум ва нофаҳмо мондани муносибатҳо бо категорияҳои хизматчии давлатӣ;

- таҳия нагардидани стандартҳои хизматрасониҳои давлатӣ, сатҳи нокифояи самаранокии чунин пешниҳодот;

– ҳамгирой ва ҳампайвастагии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки бевосита ба идоракунӣ машғуланд, чандон танзим нагардидааст. Тартиби баҳогузории фаъолияти онҳо муайян ва мушаххас нагардидаанд. Идоракуниро ҳам дар сатҳи миллию давлатӣ ва ҳам дар сатҳи маҳаллӣ зарур аст, ки ба масъалаҳои мухталиф таваҷҷуҳи бештар намуда, ба ҳалли масъалаҳо ва бартараф намудани монеаҳои рушд машғул гарданд;

– гузариши электронии санадҳо ва ҳуҷҷатҳои расмӣ дар байни ниҳодҳои идоракунии давлатӣ ва ҳамкории онҳо дар бахшҳои мазкур беҳбуриро талаб доранд. Зиёда аз ин ниҳодҳои ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки робита ва ҳамкории тарафайнро бо шаҳрвандон, намояндагиҳои иҷтимоӣ ва унсурони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва инчунин бо тиҷорати сатҳи гуногун ба таври мунтазам ба роҳ монанд;

– дар байни ниҳодҳои идоракунии давлатӣ ва шаклҳою иттиҳодияҳои гуногуни соҳибкорӣ, давлат ва шаҳрвандон робитаи қавӣ ташаккул ва инкишоф наёфтааст. Набудан ва ё истисно гардонидани майдони баҳс ва машваратҳои сатҳи гуногун ба падидаҳои мазкур боз ҳам монеаҳо эҷод менамоянд:

– мушкилиҳо ва монеаҳо дар хизмати давлатӣ низ кам нестанд. Бахусус, мушкилот дар масъалаҳои сатҳи нокифояи арзишию ҷолибияти хизмати давлатӣ ҳис мегарданд. Одамон ба ниҳодҳои давлатӣ ҳамчун корфармоӣ боваринок ва масъул дар бозори меҳнат чандон боварӣ надоранд. Ниҳодҳои идоракунии давлатӣ натавонистаанд, ки таваҷҷуҳи бештари одамони муқаррарию одиро ба худ кашанд ва умедҳо дар онҳо пайдо кунонанд;

– принсипҳо, методологияи муваффақ ва меъёрҳои ба таври саросарӣ эътирофшуда, ки бештар хоси давлатҳои пешрафтаи демократианд чандон ба таври васеъ истифода намегарданд;

– тартиби зарурии ҳавасманд намудани одамон ба хизмати давлатӣ ва дар сатҳи зарурӣ ҷалби мутахассисон ба ниҳодҳои идоракунӣ чандон рушан ва муваффақона нест. Мутахассиси хуб фикр менамояд, ки оё меарзад худро дар мақоми акторҳои идоракунӣ бинад;

– тартиби пардохти музди меҳнати идоракунандагон ба низоми ягонаю қаноатманд ворид нагардидааст. Махсусан, мутахассисони баландпоя на ҳама вақт аз гузориш ва ҳалли масъалаи мазкур розианд;

- хизмати давлатӣ ва низоми идоракунии давлатӣ нобаробари ҷалби мардону занонро нигоҳ дошта, тафовутҳо хеле калонанд;

– рӯихати электронии вазифаҳои давлатӣ ба такмил ниёз дошта, гузориши масъала муҳимияти онро нишон медиҳад.

Дурнамои сиёсати давлатӣ дар Тоҷикистон аз такмили идоракунии давлатӣ вобаста аст. Аз ин хотир, ба масъалаҳои гуногуни идоракунӣ ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ муносибати хоса дода мешавад:

- инкишофи мақом ва ҷойгоҳи ниҳодҳои идоракунии сиёсӣ бо мақсади таъмини дахлнопазир будани шаклҳои гуногуни моликият;

- иштироки баробари занону мардон ба раванди қабули қарорҳо, ки заминаи такмили иқтисодиёти миллӣ гардида, нобаҳангомиҳои зиёди ташкилию маъмуриро аз байн мебаранд;

- қабул ва амалӣ намудани тарҳи идоракунии стратегӣ, ки рушди мунтазам ва босуботи ниҳодҳои идоракуниро таъмин намуда, ба ҳалли масъалаҳои гуногун мусоидат намуда, сиёсати давлатиро муваффақона амалӣ мегардонад;

- таъмини шаффофияти фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва зерсохторҳои гуногуни он ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи маҳаллидоракунӣ;

- таъмин ниҳодҳои давлатӣ бо мутахассисони сатҳи зарурӣ, ки метавонанд дар ҳалли дурусти масъалаҳо ва иҷрои вазифаҳо нақши муассир дошта бошанд.

Барои муваффақ гардидан ба сатҳи нави инкишофи ҷомеа ҳарбчи бештар таҳкими давлат ва низоми давлатдорӣ, дар сатҳи зарурӣ танзим намудани амалу фаъолияти ниҳодҳои гуногуни низоми давлатдорӣ муҳим аст. Аз ин ҷост, ки ҳамчун омили муайянкунанда ва таъсирррасон Қонуни конситутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» такмил ёфта, беш аз ҳарвақта дар танзими фаъолияти ниҳодҳои идоракунии давлатӣ саҳми зарурӣ пайдо менамояд. Он асоси дигаргунсозиҳои сохтории ҳокимияти иҷроия гардид» [13, с, 56]. Дар муддати кӯтоҳтарин ниҳоди интишори қонунҳо - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои ислоҳоти низоми идоракунӣ бештар аз 30 санадҳои меъёрӣ қабул гардиданд, ки онҳо фаъолияти мақомоти қонунгузор, мақомоти иҷроияи марказӣ, мақомоти иҷроияи маҳалӣ, намояндагӣ ва судиро танзим менамоянд. Қабули конститутсияи нави ҷумҳурӣ ва дар заминаи нишондодҳои вай ташаккули низоми самарабахши ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ дар ин раванд марҳилаи муҳимтарин мебошад. Сохторҳои давлатию ҳукуматӣ, низоми судӣ ва ҳифзи режими ҷамъиятӣ аз нав мавриди рушд қарор гирифтанд.

Ба хотири хубтар амалӣ намудани кафолати воқеият пайдо кардани меъёрҳои конститутсионӣ дар ҷумҳурӣ Суди конститутсионӣ таъсис гардид. Он дараҷаи мутобиқати санадҳои меъёриву ҳуқуқиро бо конститутсия муайян мекунад. Он мақомоти худмухтор буда, дар фаъолият аз мақоми дигари давлатие вобаста нест.

Илова ба ин, соли 2004 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» дар таҳрири нав қабул гардида, мавриди амал қарор гирифт. Мувофиқи он дар низоми Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корҳои такмилу навсозӣ анҷом дода шуданд, ки ҷиҳати пешгирӣ ва паст намудани сатҳи ҷинояткорӣ, ҳарчи бештару

хубтар ошкор намудани ҷиноятҳои содиршуда заминаи муфид фароҳам меоварданд. Санади мазкур дар тартиби низом ва танзимнамоию такмили он, пеш аз ҳама, оромии ҷумҳурӣ нақши назаррас гузоштанд.

Дар раванди танзим ва навсозии идоракунии давлатӣ таҳияи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004 нақши муассир гузоштааст. Санади мазкур низоми ташкил, мушаххасгардонии вазифаҳо ва танзими фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро ба зимма дорад.

Дар фаъолияти ҳамарӯза ниҳодҳои маҳаллӣ дар пайвастагӣ бо ниҳодҳои худидоракунии маҳаллӣ дар баамалбарории ваколатҳои худ ҳамкории ҳаматарафа доранд. Мутаасифона, дар натиҷаи ба манфиати ниҳодҳои маркази ҳокимияти давлатӣ ҳал гардидани масъалаҳои ташкилӣ ва сохторӣ ва дар ин замина ба қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ ворид намудани таъғийру иловаҳо тадриҷан салоҳият ва вазифаҳои ниҳодҳои маҳалии ҳокимият ва худидораи маҳаллӣ дар баъзе ҷабҳаҳо кам мегарданд, ки он ба масъалаи мутаносибии фаъолиятҳои ин сохторҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Мақомоти идоракунии маҳаллӣ дар ихтиёри худ маблағҳои зарурии молиявӣ, воситаҳои асосӣ ва пойгоҳои моддию техникӣ надоранд. Ҷиҳати иҷрои ваколатҳои ҳифзи аҳолӣ аз офатҳои табиӣ дар ҷумҳурӣ ниҳодҳои махсуси ҷумҳуриявӣ, пеш аз ҳама, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ низ салоҳият ва маблағу воситаҳои техникӣ доранд. Вале дар бисёр ҳолатҳо иҷрои ин ваколатҳои худро ба зиммаи ҷамоати бе маблағу бе воситаҳои асосӣ ва худи аҳолӣ вогузор менамояд.

Аз ин лиҳоз, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки маблағҳои буҷавӣ барои бартараф намудани зарарҳои аз офатҳои табиӣ ба амал омада ба ҳисоби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ низ ҷудо карда шавад. Яке аз масъалаҳои ҳаётан муҳим ин таъмини аҳолӣ ва зироатҳои кишоварзӣ бо об мебошад, мақомоти худидораи маҳаллӣ дар ин самт ҳамчун ҳамоҳангсоз ба шумор рафта, ба ҳалли масъала ваколатдор аст.

Дар ҳудуди мақомоти худидораи маҳаллӣ ассотсиатсияҳои таъминкунандагони об амал менамояд, ки вазифаи онҳо бо об таъмин намудани аҳолӣ мебошад. Онҳо аз иншоотҳои идораҳои обтаъминкунии низоми  Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби ҷумҳурӣ обро қабул намуда, ба кишоварзон расонад.

Низоми худидоракунии маҳаллӣ ва воҳидҳои таркибии он ҳамчун воситаи татбиқ намудани талаботу дархостҳои шаҳрвандону сокинони ҳудуди дахлдор ва ҳамзамон сохтори ҳокимияти давлатӣ дар бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ мавқеи хоса дошта, дар доираи қонунҳои амалкунанда фаъолият менамоянд.

Инчунин мақомоти худидораи маҳаллӣ дар раванди фаъолияти худ масъалаҳои ҳаётан муҳими маҳалли худро, ки имконияти ҳалли онро надорад, дар ҳамкорӣ ва пайвастагӣ бо ниҳодҳои дигари маҳаллии ҳокимият ҳаллу фасл менамояд. Фаъолияти бисёрҷабҳаи сохторҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сиёсати созандагию бунёдкоронаи Ҳукумати ҷумҳуриро дар маҳалл амалӣ намуда, дар инкишофи мутаносиб ва босуботи ҷомеа мақоми муҳимеро пайдо менамояд.

Масъалаҳои гуногуни таҳия ва татбиқи сиёсати давлатиро  дар шароити ҳозираи инкишофи мамлакат ба назар гирифта, низоми инкишоф ва такмили онро дар сатҳ ва шаклҳои зерин метавон муаррифи намуд:

- кам кардани хараҷоти равандҳо ва амалҳои татбиқи самтҳои асосии сиёсати давлатӣ, мушаххас гардонидани сохтори ташкилӣ ва вазифаҳои ниҳодҳои идоракунии дараҷаҳои гуногун;

– таъмини фаъолияти самараноки ниҳолҳои иҷроияи ҳокимияти марказӣ ва маҳаллӣ, дарёфти пайвастҳо ва имкониятҳои фаъолияти муштарак ҳангоми ҳалли масъалаҳо;

– ба дараҷаи зарурӣ ҷалб намудани сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ, ки онҳо тавассути барномаҳои мақсаднок амалӣ карда шаванд;

– мунтазам ба амал баровардани тафсирҳои вазифавию сохтории ниҳодҳои мухталифи идоракунӣ, ки масъулини бевоситаи татбиқи сиёсати давлатианд;

– мусоидат намудан ба фаъолияти муташаккилу мақсаднок дар мавриди идоракунии маъмурӣ, сода гардонидани қабули қарорҳо, ҷалби сармояи зарурӣ, асоснок намудан ва пешниҳоди навъҳо ва шаклҳои гуногуни хизматрасониҳо;

– ба эътибор гирифтани принсипҳо, меъёрҳо ва методологияи пешқадами муносибат ба низоми танзимнамоӣ ва назорати ҳангоми ба амал баровардани сиёсати давлатӣ тавассути идоракунии сиёсӣ;

– мусоидат намудан ба ташаккул ва рушди "ҳукумати электронӣ" дар шароити феълии мамлакат. Татбиқи сиёсати давлатӣ дар мавриди масъалаи мазкур;

– таъмини ҳамкорӣ, ҳамгироӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти ниҳодҳои идоракунии давлатӣ, пеш аз ҳама, мақомотҳои ҳокимияти марказӣ ва маҳаллӣ;

– тақвияти банақшагирии стратегӣ ва такмили роҳҳои ҳамгироӣ ва пайвастагиҳои сиёсӣ дар раванди амалишавии сиёсати давлатӣ дар байни акторҳои гуногуни идоракунӣ;

– ҷорӣ намудани идоракунии барномавию лоиҳавӣ ва пайдо намудани роҳу воситаҳои самараноки амалисозии онҳо;

– ташкили сатҳи зарурии идоракунии зиддибуҳронӣ ва пайдо намудани чораҳои пешгирӣ намудан ҳолатҳои буҳронӣ. Омӯзиш ва муайянкуниҳои сатҳи лозимаи зуҳуроити буҳронӣ ва аз байн бурдани онҳо;

– ҳарчи бештар истифодаи намудани технологияҳои муосир ва иттилоотӣ васеъ дар заминаи фаъолияти шабакаҳои сиёсӣ. Муҳайё намудани шароити зарурӣ барои истифодаи дурусти захираҳои иттилоотӣ дар фаъолияти сиёсӣ;

– амалӣ намудани принсипи функсионалию таркиботӣ дар раванди таъсиси ниҳодҳои давлатӣ ва зерсохторҳои онҳо. То андозае маҳдуд намудани идоракунии соҳавӣ ва дарёфти роҳу воситаҳои такмили идоракунии оммавӣ;

– амалӣ намудани маъракаҳои иттилоотӣ, ки дараҷаи огоҳӣ ва имконоти шаҳрвандонро дар мавриди дастрасии маълумот афзоиш медиҳад;

– пайдо намудани тартиби таҳкими назорати фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ аз ҷониби шаҳрвандон ва намояндагиҳои иҷтимоии онҳо:

– афзоиш додани сатҳи хизмати давлатӣ ва такмил додани ҳолатҳои рақобатпазири он дар нисбати бахши хусусӣ. Тавассути барномаҳои мушаххас асоснок намудани ҷалби беҳтари мутахассисон ба хизмати давлатӣ;

– ҳарчи бештар афзун намудани теъдоди занҳо дар низоми хизмати давлатӣ ва сатҳои мухталифи идоракунӣ;

– ҷорӣ намудан ва тақият бахшидани идоракунии захираҳои инсонӣ ва ҳарчи бештар автоматикунӣ ва тавассути истифодаи хизматрасониҳои шабакавӣ беҳтар намудани низоми мазкур;

– мувофиқ гардонидани фаъолияти хизматии давлатӣ ба низоми пардохти музди меҳнат ва ба таври доимӣ такмил додани он;

– батаври доимӣ беҳтар намудани сиёсати кадрӣ тавассути такмили ҳамешагии низоми таълим ва равандҳои такмили ихтисос;

– истифода тарҳи беҳтари хизмати давлатӣбо баҳисобгирии таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи олам;

– ба таври доимӣ азнавтақсимкунии вазифаҳо ва ваколатҳо дар раванди беҳтар намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимият ва худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун рукни муҳими сиёсати давлатӣ;

– ба таври ҳамешагӣ такмид додани тақсимоти маъмурию ҳудудӣ, ки ифодаи бевоситаи идоракунии самаранок мансуб мегардад. Муҳим аст, ки

меъёрҳои тақсимкунӣ ва азнавтақсимкунии салоҳиятҳо дуруст ба амал оянд;

– ба таври васеъ истифода намудани тарҳои мухталифи маҷмуи чорабиниҳои хизматрасониҳои умумидавлатӣ ва локалию маҳаллӣ. Он бояд ба таври ҳамешагӣ ба аҳолӣ ва аҳли тиҷорат ва соҳибкорӣ пешниҳод гардад.

– таъмини шаффофият ва ҳисоботи даврагию доимӣ дар бораи харҷи маблағҳо ва амволи давлатию ҷамъиятӣ. Ба таври мунтазам, вобаста ба дархост ва талаботҳои ҷомеа такмил додани низоми ҷазоҳо ва муҷозоти сатҳи дигар дар масъалаҳои фасоди сатҳи гуногун. Таваҷҷуҳи асосиро бояд масъалаҳои мухталифи мубориза бар зидди коррупсияи сиёсӣ ташкил намоянд. Мубориза ба муқобили фасод бояд хосияти сартосарӣ пайдо намуда, тамоми амалҳо ва кирдорҳои коррупсиониро дар бар гиранд;

– ба таври адолатнок баланд бардоштани музди меҳнати кормандони соҳаи мубориза бар муқобили коррупсия, ки омили муҳим мансуб мегардад ва дар роҳи пешгирии амалҳои коррупсионӣ накши муҳим мебозад;

– ҳангоми мубориза бар зидди коррупсия ва пешгириҳои гуногуни он таваҷҷуҳи махсусро ба тарафҳои ахлоқии масъала ҷалб намудан лозим аст. Аз ин хотир, дарёфти низоми таъсиррасониҳо аҳаммияти муҳим доранд;

– додани таваҷҷуҳи махсус барои таъминоти захиравии фаъолият оид ба муайян намудан ва пайдо кардани роҳу воситаҳои беҳтари корҳои профлактикӣ оид ба пешгирӣ намудани кирдорҳо ва амалҳои коррупсионӣ;

– ҷонок намудани фаъолияти ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҷамъиятӣ дар мавриди ошкор сохтан ва назорати ҳолатҳои мураккаб ва гайричашмдошти амалҳои коррупсионӣ;

– ҷонибдории пайвастаи фаъолияти фаъолияти шуроҳои ҷамъиятӣ ва дигар иттиҳодияҳои машваратӣ ва намояндагиҳои ичтимоии аҳолӣ;

– ба таври доимӣ бурдани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ дар бораи зарарҳои эҳтимолии фаъолияти коррупсионии кормандони алоҳида ва мақомотҳои идоракунии давлатӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва шохаҳои алоҳидаи он, ба низоми ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии одамон, тарбияи ахлоқӣ ва маънавии одамон дар нисбат коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ;

– сафарбар намудани доираи васеи ҷамоатчигии фаъол ва одамони касбу кори гуногун дар мубориза бар зидди ҳар гуна рӯовариҳо ва амалҳои коррупсионии кормандони идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ.

– эъломияи даромад ва хароҷотҳои хизматии давлатӣ бояд хосияти мунтазам пайдо намуда, ҳар гуна дурравиҳо ва нобаҳангомиҳо дар раванди мазкур ба таври қатӣ пешгирӣ карда шаванд;

– инкишофи низоми гузаронидани хизматчиёни давлатӣ аз як ҷой ба ҷойи дигар, аз як соҳа ба соҳаи дигари фаъолият дар таркиботи идоракунии давлатӣ. Он, пеш аз ҳама, ба хотири пешгирии амалҳои коррупсионӣ анҷом дода мешавад;

– ба дараҷаи зарурӣ таъмин намудани шаффофият ва адолатнокӣ дар раванди хусусигардонии молу мулки давлатӣ ва ҷамъиятӣ;

– ба таври доимӣ такмил ва таҳким бахшидани низоми назорати давлатӣ, қудратманд гардонидани мақомоти назоратӣ, ки барои пешгирии дурравиҳо ва ба эътибор нагирифтани манфиатҳои давлатию ҷамъиятӣ монаи ҷиддӣ мешаванд;

– беш аз пеш афзудани дастрасии маълумот дар бораи фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, ки масъули татбиқи муназзами сиёсати давлатӣ мебошанд;

Ҳамин тариқ, дурнамои низоми сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сатҳи иҷро гардидани бандҳо ва самтҳои асосӣ, ки дар санади “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи

то соли 2030” нишон дода шудааст, вобаста аст. Инчунин, дар ин самт, ҷобаҷогузории кадрҳо, дар шароити имрӯза муҳим арзёбӣ гардида, аҳаммияти хосаро касб намудааст.

Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва худидоракуии маҳалӣ тақозои давраи муосири идоракунии равандҳои ҷомеа буда, дар раванди ҳалли масъалаҳо ва таъмини субот аҳаммияти зиёдеро соҳиб гардидааст. Рушди мутаносиби равандҳои демократӣ дар Тоҷикистон, таҷдиди назар намудани вазъи ҳуқуқӣ ва вазифаҳои мақомоти худидоракуниро дар ҷомеа тақозо менамояд. Чунки мақомоти худидоракунӣ дар симои ҷамоатҳо, моҳиятан қодир аст. Амалинамоии ҳокимияти сиёсӣ дар сатҳи ҳокимияти маҳал бояд ба таври доимӣ дар инкишоф қарор дошта бошад. Афзоиши таъсиру эътибори он дар раванди идоракунии умумии ҷомеа ва инчунин афзоиши ҳамешагии фаъолнокии сиёсии шаҳрвандон нақши муҳимро мебозад.

Тағйироти низоми идоракунии давлатӣ ба баланд гардонидани самаранокии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, нақши кормандони алоҳидаи он ва пешниҳод намудани хизматрасониҳои босифат ба аҳолӣ амалӣ гардонида мешавад. Идораи давлатӣ ва татбиқи навъҳо ва шаклҳои гуногуни сиёсати давлатӣ бо роҳи қабул намудани санадҳои нави меъёрию ҳуқуқӣ ё ин ки дохил гардонидани тағйиру иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои амалкунанда амалӣ карда мешавад.

Дигаргун гардидани низоми идоркунии давлатӣ пайдо гардидани низоми устувору афзалиятоки рақобатпазир ёрӣ мерасонад. Воҳидҳои маъмурии идора ва рақобатпазирии онҳоро афзоиш додан амалӣ зарурӣ буда дар таҳкими низоми идоракунӣ саҳми муҳим пайдо менамоянд. Бинобар ин, муҳим аст, ки тарз ва сатҳи тафаккури кормандони ниҳодҳои идоракунӣ, муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо ва тарзи муносибаташон бо ниҳодҳои дигари амалисозии сиёсати давлатӣ бояд тағйироти доимӣ ва пайвастаро пайдо намояд. Фаъолияти муаассир аст, ки роҳбарияти ниҳодҳои идоракунӣ доимо дар ҷустуҷӯи роҳҳо ва

воситаҳои наву муосири ҳалли масъалаҳои байнишахсӣ ва байнниниҳодӣ бошанд.

Роҳбарони соҳибистеъдод ба хубӣ пай мебаранд, ки амалҳои нафъовари онҳо ба одамон ва кормандони ниҳодҳои дигар низ таъсири кам надоранд. Бинобар ин, онҳо кӯшишҳо ба харҷ медиҳанд, ки дар заминаи донишҳои муосир низоми таъсиррасониҳои гуногунро пайдо намуда, онро дар амалия истифода баранд.

Аз ҳамин хотир, роҳбарони кордону ботаҷриба ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки ҳар як корманд дар ҷои кораш тамоми ҳунару истеъдод ва донишҳоро аз рӯи қобилдияташ ба таври самаранок истифода намуда, дар ҳалли масъалаҳо саҳми худро расонад. Аз ин ҷост, ки истифодаи босамари сармояи инсонӣ омили муҳим ва меҳварии инкишофи идоркунии давлатӣ буда, онро дар мавридҳо ва шароити мухталиф муҳим арзёбӣ менамояд.

Тазаккур додан дуруст аст, ки хизмати давлатӣ фаъолияти махсус аст. Чунки касе, ки ба хизмати давлатӣ меравад ва вориди он мешавад, ӯ натанҳо касби маош мекунад, балки барои миллат ва Ватани хеш хидмат мекунанд. Аз ин рӯ, хизмати давлатӣ қабл аз ҳама аз шахс ва ё фард омодагии қаблӣ талаб мекунад, касе, ки шомили ин кор мешавад, ӯ боястӣ ҳисси баланди ватанпарастӣ ва миллатдӯстӣ дошта бошад ва ба қавли Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ватани худро сидқан бо қалби хеш дӯст дорад. Он вақт ӯ хизматчии воқеӣ шуда метавонад. Ин ҳис дар инсон аз кӯдакӣ тарбия меёбад ва моро лозим аст, ки таъриху фарҳанги хешро хуб, амиқ ва ҳамаҷониба донем ва аз худ кунем ва онро мисли гавҳараки чашм нигоҳ карда ба он дурдонаҳое зам намуда ба наслҳои оянда ба мерос гузорем. Халқи тоҷик халқи фарҳангӣ аст ва фарҳанги хеле ғанӣ ва бой дорад.

Барои амалигардонии чунин мақсадҳои наҷиб бояд кадрҳои баландихтисос ва озмуда заруранд. Фикр мекунем, ки такмил ва таҳкими раванди омоданамоии кадрҳои баландихтисос марказҳои таълимии сатҳи гуногун, лозим аст, ки имконият ва шароити муоиди омода намудани

хизматчи ва кормандони дигари амаликунандаи сиёсати давлатиро дошта бошанд. Дар баробари ин, таҷрибаи ҷойивазкуниҳои кормандони идоракуниро такмил дода, онро бештар ба таври расмию озмунӣ анҷом додан лозим аст. Ба онҳо имконият фароҳам овардан муҳим аст, ки дар дигар мақомоти идоракунӣ, дигар шаҳру ноҳияҳо низ фаъолияти корӣ дошта бошанд.

Ин барои ваҳдати миллӣ, омӯхтани маҳалҳои гуногуни Тоҷикистон сабаб мегардад. Аммо барои кадрҳои хизмати давлатӣ, ки ба маҳалҳо ба кор мераванд, ҷои истиқомат ва шароити зист муҳаё намудан лозим. Дар айни ҳол бояд аз таҷрибаҳои ҷумҳуриҳои пешрафта ва тараққикардаи дунё сабақ омӯзем. Ҳеҷ гоҳ набояд фаромӯш кард, ки ҳамаи мушкилотро кадрҳои соҳибистеъдоду бовиҷдон ҳал менамоянд.

Қаблан низ, яъне пеш аз замони истиқлолият мо ниҳодҳо ва шаклҳои мукаммали идоракунӣ доштем: аз қабили Шурои олӣ ба сифати мақомоти интишори қонунҳо, Совети вазирон ҳамчун мақомоти олии ҳокимияти иҷроия, вазоратҳо, анҷуманҳо, пленуму конференсияҳо, шурои вакилони халқӣ: вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, деҳотва ғайра. Аммо хуб медонем, ки пас аз пароканда шудани Иттифоқи Шуравӣ ва сипас сар задани моҷарои дохилӣ дар мамлакат тамоми сохторҳои давлатӣ ва ҳукуматӣ фалаҷ ва корношоям гардида буданд. Дар мамлакат хаос ва анархия ҳукмронӣ мекард. Ҳар кас ба андозаи дарку фаҳми хеш кору фаъолит мекард. Дар чунин шароит инони давлатро ба даст гирифтан ва онро аз маҷрои пурталотум берун кашидан кори ҳар кас набуд. Фақат лидери сиёсӣ ва азму матонати ӯ метавонист вазъиятро наҷот диҳад ва киштии дар ҳоли ғарки давлати моро аз туфони баҳр бираҳонад.

Роҳбарияти ҷавони Тоҷикистон як масъаларо хуб дарк мекард, ки мо бояд ба ҷомеаи ҷаҳонӣ шакли давлатдории худро баён мекардем, то ҷомеаи ҷаҳонӣ муносибати худро нисбат ба мо баён доранд. Мо ҳамагон хуб медонем, ки мухолифини давлати мо аксаран исломиён буданд ва тарсу бими ба даст онҳо афтодани давлат низ ҷой дошт. Ин ҳама

мавoридро ба назар гирифта, роҳбарияти ҷавони Тоҷикистон, билофосила пас аз рӯйи кор омадан эълон доштанд, ки онҳо ҷонибдорӣ давлати ҳуқуқбунёди дунявӣ мебошанд.

Аз ин ҷост, ки роҳбарияти тозаинтихоби давлатӣ ислоҳоти кулли низоми идоракунӣ ва батамом тағйир додани тамоми системаи сиёсиро ҳамчун ҳада ва воситаи тағйири муносибатҳо ва низомҳо эълон намуда, бевосита бо баробари пайдо шудани имконият ва шароитҳо ба чунин фаъолиятҳо шурӯъ намуд.

Дар ин муддати начандон тулонӣ, яъне воқеият ёфтани истиқлолияти давлатӣ дар тамоми низоми идоракунӣ, таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ ва унсурҳои дигари ҷомеаи кушод тағйиротҳои гуногун дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти давлатӣ ба миён омаданд. Таваҷҷуҳи бештарро ба вуҷуд овардани заминаҳои моддию молиявӣ ва сиёсию иҷтимоӣ ва маданию фарҳангӣ ташкил медоданд. Рӯ овардан ба муносибатҳои фаъоли бозоргонӣ, хусусигардонии моликият, имконият фароҳам овардан ба шаклҳои мухлалифи моликият ва тамини кафолатҳо барои амали онҳо, таъсис додани хоҷагиҳои хусусию иҷоравӣ, деҳқонӣ, корхонаҳои саноатии омехта ва ғайра сатҳ ва тарзи муносибати низоми навини идоракунии давлатиро ташкил менамуданд. Дар ин муддат силсилаи нави мақотҳои давлатӣ ва барандагони мухталифи сиёсати давлатӣ ва ҳимоягарони манфиатҳои фарди муваффақ ва умумиятҳои мухталифи иҷтимоӣ ташаккул ёфта, ба фаъолият шуруъ намуданд. Аз ҷумла, ташкили идоракунии президентӣ дар мамлакат, Маҷлиси Олӣ бо ду қисмати асосиаш - Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, мақомоти мухталифи ҳокимияти иҷроия – вазоратҳо, кумитаҳо ва агентиҳою хадамоти гуногун дар назди ҳокимияти иҷроия ва ғайра.

Дар фаъолияти ҳамарӯза ниҳодҳои идоракунии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақомоти ҳокимияти марказӣ дар ба амалбарории ваколатҳо ҳамкории ҳаматарафа доранд. Мутаассифона, дар муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо тамоюлҳои манфӣ низ мушоҳида мешаванд.

Ҳокимияти марказӣ аз мақоми хеш истифода намуда, ба қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ таъғийру иловаҳо иловаҳо намуда, бештар дар доираи манфиатҳои ниҳодҳои марказии ҳокимият ва идоракунӣ амал менамояд. Аз ин ҷост, ки ба дараҷаи зарурӣ манфиатҳои маҳаллии идоракунӣ чандон ба эътибор гирифта намешаванд.

Ҳамин тавр, таҳлили низоми амалкунандаи идоракунии давлатӣ нишон медиҳанд, ки дар низоми идоракунӣ масъалаҳое мавҷуданд, ки раванди инкишофи ҷомеаро таҳрирталаб ва ислоҳпазир нишон медиҳанд. Аз ҷумла, дар кишвар тарзи фаъолияти якҷояи сиёсати ягонаи давлатӣ, ки ифодагари ҳамаи ҷабҳаҳои фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ мебошанд, ташаккул ёфтааст. Аз ин хотир, бояд манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни татбиқи сиёсати давлатӣ ва идоракуниро мадди назар гирифтан лозим аст. Яке аз омили муҳими чунин тақвияти фаъолиятҳо ҳамкориҳои сатҳи гуногун, аз ҷумла ҳамкории унсурони ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақомоти мухталифи идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Бо ташаккули равандҳои мутаносиби инкишофи мамлакат, имкониятҳо барои қабули ислоҳотҳои куллии соҳавӣ дар бахшҳои гуногуни идоракунӣ пайдо шуданд. Ҳамин буд, ки бо мақсади мутобиқ ба талаботҳои иқтисоди бозорӣ рушди идораи давлатӣ ва таҳияи тарҳи нави низоми татбиқи сиёсатҳо ба амал омаданд.

Дар вазъияти ҳозираи инкишоф низ ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ дар кишвар идома дорад. Такмили минбаъдаи низоми идоракунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, аз сатҳи амалӣ гардидани сиёсати кадрӣ дар ҷобаҷогузории кадрҳо вобаста аст.

Ҳамин тавр, рушду инкишофи низоми сиёсати давлатӣ дар кишвар ба таври мунтазам амалӣ гардида, дарояндаи наздик самти пешгирифтаи Ҳукумати кишвар дар масъалаи низоми сиёсати давлатӣ тамили комилро пайдо менамояд.

# ХУЛОСА

## I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ сиёсати давлатӣ мақом ва нақши хоссаеро касб менамояд. Он, қабл аз ҳама, ба ҳайси неруи мутаҳаррики ҷомеа шинохта шуда, дар рушди раванди сиёсӣ омили муҳимтарин ба шумор меравад. Он воситаи асосии таҳкими давлат ва давлатдории муосир буда, устувории муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳимояи манфиатҳои давлатиро таъмин менамояд. “Сиёсат”-ро ба таври гуногун шарҳ медиҳанд. Аммо фаҳми дурусти он ҳамон таъсиррасонӣ ва муташаккилии фаъолияти мақсадноки субъект аст, ки дар нисбати объектҳои муайян амалӣ мегардад. Онро аз як ҳолат ба ҳолати дигар мебарад. Ё гузариши системаро аз як ҳолат ба ҳолати куллан дигар таъмин менамояд ва вазъият ва ҳолат, рафтор ва амали субъектро нигоҳ медорад ва ё тағйир медиҳад, ки дар доираи низоми муайяни муносибатҳо амалӣ мегарданд.

Сиёсати давлатӣ ва муносибатҳои он бо раванди идоракунии сиёсӣ ҳамчун система баромад менамоянд. Система теъдоди муайяни унсурҳои ба ҳам алоқаманд аст, ки муттаҳидшавии онҳо ягонагӣ ва самаранокии заруририро таъмин менамояд. Система на танҳо маҷмуи одии унсурҳо, балки маҷмуи объектҳо ва алоқамандии тарафайни онҳо аст.

Сиёсати давлатӣ ҳамчун система маҷмуи унсурҳои бо ҳам алоқаманди идоракунӣ, ҳамкории дастгоҳи маъмурӣ ва ҷомеа, муносибатҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар система байни субъект ва объект алоқаи бевосита ва ҷавобӣ ба миён меояд. Алоқаи бевосита ин таъсиррасонии идоракунӣ аст, алоқаи ҷавобӣ амали ҷавобӣ ба таъсири идоракунӣ мебошад, ки аз ҷониби субъект воқеӣ гардонида мешавад.

Дар масъалаи навъбандии системаҳои сиёсати давлатӣ ба инобат гирифтани аломатҳои умумии система муҳим аст, зеро маҳз онҳо ҳамчун нишондиҳандаҳои асосии навъбандӣ баромад менамоянд [1-М].

2. Раванди татбиқи ҳадаф ва вазоифи давлат тавассути муайян намудани сиёсати давлатӣ ва самтҳои асосии он, ташаккул ва ба амал баровардани он воқеӣ мегарданд. Сиёсати давлатӣ ҳамчун инъикоси мақсадҳои асосӣ, вазифаҳои афзалиятнок, принсипҳо ва методҳо, барномаҳои мақсаднок ва чорабиниҳо мебошанд, ки ниҳодҳои давлатӣ таҳия намудаанд. Дар раванди мазкур намояндагии ҷамъиятӣ, аз ҷумла унсурҳои гуногуни ҷомеаи маданӣ низ иштирок менамоянд. Сиёсати давлатӣ аз ибтидо барои ҳалли масъалаҳои асосии инкишофи ҷомеа равона гардидааст. Он воситаест, ки натиҷаҳои дилхоҳро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ месозад. Мақомоти давлатӣ дар доираи чунин фаъолият аз методҳо ва воситаҳои гуногун истифода намуда, ба захираҳои гуногун такя мекунанд. Ҳокимияти давлатӣ чунин захираҳоро ба теъдоди зиёд соҳиб буда, дар бештари ҳолатҳо нисбат ба истифодаи онҳо ҳуқуқҳои легитимиро соҳиб аст.

Дар чунин маъно сиёсати давлатӣ аз унсурҳои зерин таркиб ёфтааст: таҳия ва мушаххас гардонидани мақсади асосӣ ва вазифаҳои инкишоф; тарҳрезии самтҳои муҳимтарини рушд; муайяннамоӣ ва банақшагирии масъалаҳои стратегии инкишоф; таҳқиқ, таҳлил ва натиҷагириҳо аз рафти инкишофи ҷомеа ва додани баҳои объективӣ ба барномаҳо ва тамоюлҳои инкишоф. Диққати асосӣ ба навъи сиёсате, дода мешавад, ки нафъовар буда, хараҷоти камтарро талаб дорад; ташкили муҳокимаҳо ва машваратҳо бо неруҳои гуногуни сиёсии ҷомеа ва намояндагии иҷтимоии аҳолӣ дар бораи масъалаҳои муҳим ва рӯзмарраи инкишофи ҷомеа; интихоб ва қабули қарорҳои муҳимми давлатӣ ва тавсифу тарғиби онҳо тавассути воситаҳои мухталифи ахбори оммавӣ [3-М].

3. Сиёсати давлатӣ ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад. Аз ин хотир, ҳангоми таҳлил ва таркиби он муносибати байнифаннию синергетикӣ, муносибати комплексӣ бо истифода аз донишҳои пешқадам ихтиёр мегардад. Инчунин, таҷрибаи пешқадам ва пешрафтҳои ҷомеаи муосир истифода мешаванд.

Сиёсати давлатӣ, асосан 4 давраро фаро мегирад: мушаххассан масъалаҳои асосӣ ва бунёдии рушди ҷомеаро муайян намудан ва дар асосион он муқаррар намудани мақсаду вазифа; расмӣ гардонидан ва легитимикунонии сиёсати давлатӣ; татбиқи сиёсати давлатӣ; ҷамъбаст, баҳогузорӣ ва танзими сиёсати давлатӣ [5-М].

4. Ҳангоми амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар баробари мақсад ва вазифаҳои асосии он мақоми хоссаро принсипҳо ва методҳои ташаккул ва инкишофи он соҳиб мегарданд. Онҳо моҳиятан хусусиятҳои идоракуниро касб менамоянд ва дар бештари ҳолатҳо ҳамчун принсипҳои идоракунии сиёсӣ муаррифӣ мегарданд.

Принсипҳои сиёсати давлатӣ, асосан ба ду қисм тақсим мешаванд: универсалӣ ва махсус. Принсипҳои универсиалӣ дар тамоми зуҳуроти воқеият ёфтани сиёсати давлатӣ, навъҳо ва шаклҳои он амал менамоянд.

Чунин принсипҳо, аз қабили  ҳукумати қонунӣ; ҳокимияти халқӣ; ҳисоботдиҳанда будани тамоми шаклҳои ҳокимият; самаранокии идоракунии сиёсӣ; кушода будани фаъолияти таркиботи идоракунӣ; ҷавоби сазовор ба муҳити беруна ё эҳсososти зарурӣ; мутобиқат бо меъёрҳои протсессуалӣ; тақсимоти ҳокимият.

Ба ҷумлаи принсипҳои дуюмин онҳое дохил мегарданд, ки дар раванди танзимнамоӣ ва фаъолияти акторҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа мавриди истифода қарор мегиранд. Дар байни онҳо ҷои хосса ба принсипҳои мхсусе марбут аст, ки асосан дар соҳаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ истифода мешаванд [4-М].

5. Мақом ва нақши сиёсати давлатиро дар ҷомеаи муосир ва таъсири онҳоро ба раванду ҳодисаҳои ҷомеа таҳқиқ намуда, ҷойгоҳи принсипҳои махсусро муайян намудан мумкин аст.

Принсипҳои гурӯҳи дуюм принсипҳои ташкилии сиёсати давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Онҳо барои интихоби шакли муносиби бунёди дастгоҳи сиёсати давлатӣ ва амалнамоии он зарур мебошанд. Принсипҳои мутобиқати яккасардорӣ ва идоракунии коллегиалӣ дар сиёсати давлатӣ,

тақсими ратсионалии ваколатҳо байни субъектҳои фаъолияти идоракунӣ ва масъулияту уҳдадориҳои субъектҳои фаъолияти иҷроиява принсипи ошкоро, ки фаъолиятҳои ҳокимиятиро фаро мегиранд, арзиши баланд пайдо менамоянд. Инчунин принсипҳои федерализм, легитимият, сарфа намудан, устуворӣ, муттасилӣ, идорашаванда будан дар доираи ваколати мақомоти идоракунӣ ва ғайра истифода мешаванд [5-М].

6. Дар асоси нишондиҳандаҳои муайян ва аҳамияту арзишҳои принсипҳои сиёсати давлатӣ идоракунии сиёсиро ба идоракунии демократӣ, тамаддунӣ, авторитарӣ, тоталитарӣ ҷудо менамоянд. Яке аз чунин нишондиҳандаҳои моҳият ва хусусиятҳои режими сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Он тамоми моҳият ва хусусиятҳои сиёсати давлатиро таҷассум намуда, тартиби идоракунии сиёсии ҷомеаро инъикос менамояд. Мафҳуми “шакли режими давлатӣ”-ро беш аз пеш истифода менамоянд. Зеро мафҳуми мазкур маҷмуи шакл ва методҳои амалӣ намудани сиёсати давлатиро ифода менамояд. Ҳамин тавр, шаклҳои режими давлатӣ самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ва идоракунии сиёсиро дар маҷмуъ дар кишварҳои гуногун олами муосир муайян менамоянд. Режими сиёсӣ хусусияти фаъолияти акторҳои сиёсати давлатиро бо объекти идоракунӣ – ҷомеа ва ниҳодҳои гуногуни он нишон медиҳад [3-М].

